*Дар мақола моҳият, шаклҳо, намудҳо ва методҳои рақобат ҳангоми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир дар фаъолияти соҳибкорон дида баромада мешаванд. Хусусиятҳои таърихии рушди рақобат ва рақобатпазирӣ дар марҳилаҳои иқтисодиёти индустриалӣ ва иқтисодиёти ахборотӣ, давраҳои рушди рақобати соҳибкорӣ барои истеҳсоли маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир таҳқиқ карда шудаанд. Дар шароити муосири иқтисодиёти бозорӣ барои таъмин кардани фаъолияти соҳибкорони ба рақобат тобоваранда ва истеҳсол кардани маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир якчанд роҳҳои илман асоснок кардашуда, ки ба талаботи муосири муносибатҳои бозаргонӣ ҷавобгӯй ҳастанд, пешниҳод мегарданд.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *соҳибкорӣ, иқтисодиёти бозорӣ, истеҳсолот, рақобат, рақобатпазирӣ, маҳсулот, хизматрасонӣ.*

Дар шароити муосири иқтисодиёти бозорӣ ташаккул ва рушди соҳибкории рақобатпазир кафолати муҳимтарин барои таъмини пешрафти иктисодию иҷтимоии мамлакат ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мебошанд. Бинобар ин дар ҳалли ин масъалаи муҳим дар баробари истифодаи комёбиҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти бозорӣ дар амал васеъ ҷорӣ кардани дигаргунсозиҳои таъминкунандаи рақобатпазирии фаъолияти соҳибкорӣ бисёр муҳим мебошанд.

Як қатор қонунҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд, ки ҷавобгӯй ба талаботи муносибатҳои бозаргонӣ мебошанд. Мувофиқи онҳо соҳибкорӣ дар мамлакат шакли қонунии хоҷагидорӣ гардид. Соҳибкорӣ фаъолияти ташаббускорона ва мустақилона мебошад, ки соҳибкор масъулият ва ҷавобгариро ба уҳдаи худ гирифта, таваккал мекунад. Вай метавонад дар доираи қонунҳои мамлакат ба ҳама гуна фаъолият машғул шавад, агар талаботи истеъмолкунандаро қонеъ гардонад ва фоида гирад. Ҳамагуна фаъолият оид ба баровардани маҳсулот ва хизматрасонӣ, ки онҳо ба қонеъгардонии дархости истеъмолкунандагон нигаронда шудаанд ва ҳамчун мол барои фурӯш ба бозор пешниҳод мегарданд, фаъолияти истеҳсолоти молӣ мебошанд, яъне истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ. Бинобар ин соҳибкор ба фаъолияти истеҳсоли маҳсулот, корҳои тиҷоратӣ, навоварӣ, коркардҳои илмӣ-техникӣ, хариду фурӯш, маслиҳатдиҳӣ, пешниҳод кардани идея ва ё фикре, амалиёт бо қоғазҳои қиматнок, миёнаравӣ ва ғайраҳо машғул мешавад. Ба соҳибкорӣ ҳамаи шаҳрвандони мамлакат ва мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин гурӯҳи шаҳрвандон метавонанд машғул шаванд, ба шарте қонунан манъ нашуда бошанд.

Дар шароити ҳозираи иқтисодиёти бозории кушоди Тоҷикистон ҳамаи соҳибкорон новобаста ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, шаклҳои моликияти соҳибкорӣ, ҳаҷми соҳибкорӣ дар бозори дохилӣ ва дар бозори беруна на танҳо бо соҳибкорони ватанӣ, балки бо соҳибкорони ватанию хориҷӣ ба мубориза рақобатноки шадиди бозорӣ дучор мешаванд. Мубориза метавонад дар соҳаи ҳиссаи ишғоли ҷой дар бозор, дар соҳаи намуди муайяни мол дар бозор, барои ҳаҷми моли ҷудогона ва ё умуман ҳамаи молҳои ба бозор дохилшаванда, барои нархи фурӯши мол дар бозор ва ғайраҳо ба вуҷуд биёяд.

Дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, ки вай бо соҳиб шудани истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ роҳи тараққиёти иқтисодиёти бозориро пеш гирифтааст, вазифаи асосии марҳилаи аввали гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ – таъмини фаровонии бозори истеъмолӣ иҷро гардид. Дар натиҷа дар мамлакат камчинии молҳо, дар навбати аввал, молҳои сермасриф ҷой надоранд ва гуфтан мумкин аст, ки дар ин соҳа истеъмолкунандагон интихоби муайян доранд. Дар марҳилаи минбаъдаи рушди

иқтисодиёти бозорӣ вазифаи асосӣ таъмин кардани фаъолияти самараноки ҳамаи соҳибкорони соҳаҳои гуногуни хоҷагидории иқтисодиёт ва иҷтимоиёт мебошад. Ба соҳибкорон лозим меояд, ки дар шароити муборизаи рақобатноки бозорӣ барои тоб оварда тавонистан ва бартариятро соҳиб шудан дар рақобати аз ҳама баланди бозорӣ фаъолият кунанд.

Рақобат дар шароити муборизаи рақобатноки иқтисодиёти бозорӣ локомотиви пешбарандаи корхонаҳои соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Бинобар ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 апрели соли 2009 қайд карданд, ки аз аҳолии мамлакат «...талаб карда мешавад, ки онҳо бо ҳисси баланди масъулиятнокӣ дар назди давлат ва ҷомеа иҷрои уҳдадориҳои худро оиди истеҳсоли маҳсулотҳои рақобатпазир таъмин намоянд…» [1]. Бо назардошти ин дар фаъолияти соҳибкорони мамлакат дар соҳаи ҷорӣ кардани муносибатҳои бозаргонии пешқадам ва таъмин кардани рушди иқтисодиёти рақобатпазир барои дар муборизаи рақобатноки бозорӣ ишғол намудани мавқеи даркорӣ натиҷаҳои муайяни назаррас ба даст оварда шуда истодаанд.

**Рақобат - ин мубориза барои гирифтани фоида, ишғоли ҷое, коре, натиҷаи истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасоние, мақоме мебошад, ки бо роҳи пешниҳод кардани натиҷаи бартаридошта назар ба дигар рақибон ғолибият муяссар шуда метавонад. Дар ин ҳолат рақобат ва муборизаи рақобатӣ дар байни соҳибкорон оиди натиҷагирии фаъолияти соҳаи истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, намуди муайяни маҳсулоту кор, ҳаҷми кор, ишғоли ҷойи муайян дар бозор, хусусиятҳои истеъмолии маҳсулоту хизматрасонӣ, хизматрасонӣ ҳангоми фурӯш ва хизматрасонии баъди фурӯш, нархи фурӯш ва ба монанди инҳо шуда метавонанд.**

**Рақобатпазирӣ – ин истеҳсол ва пешниход кардани моле (маҳсулот ё хизматрасонӣ) мебошад, ки назар ба ҳамин монанд моли рақибон-соҳибкорони дигар ё аз рӯи хусусиятҳои истеъмолӣ (сифатнокӣ) ва ё аз рӯи нархи фурӯши нисбатан паст бартарӣ дорад, яъне мол бо ин бартарияташ аз тарафи истеъмолкунанда-харидор пазируфта мешавад. Ҳангоми зоҳир кардани хусусиятҳои истеъмолӣ ва нархи фурӯш сатҳи сифатнокии мол, нархи хизматрасонии фурӯш ва хизматрасонии баъди фурӯш ба эътибор гирифта шуда пазируфта мешаванд. Дар муборизаи рақобатноки бозорӣ соҳибкор танҳо бо истеҳсол ва пешниҳод карда тавонистани моли (маҳсулот ва ё хизматрасониҳо) ба талаботҳои рақобатпазир мувофиқ бударо назар ба ҳамингуна моли рақибон-соҳибкорони дигар ғолиб омада метавонад.**

Дар амалияи фаъолияти соҳибкорон дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ шаклҳо, намудҳо ва методҳои рақобат дар байни соҳибкорон барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир ҷудо карда мешаванд. Шаклҳои рақобат – рақобати дохилиистеҳсолӣ ва рақобати байнисоҳавӣ мешаванд. Рақобати дохилиистеҳсолии соҳибкорон - ин муборизаи рақобатнок дар байни соҳибкорони дохили соҳаи муайяни истеҳсоли маҳсулот ва ё хизматрасонӣ барои гирифтани фоидаи баланд аст. Ин рақобат ба гирифтани фоидаи миёна меорад.

Рақобати байнисоҳавии соҳибкорон – ин муборизаи рақобатнок дар байни соҳибкорони соҳаҳои гуногуни истеҳсоли мол (маҳсулот ё хизматрасонӣ) барои гузоштани сармоя ба соҳаи фоиданоки фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ аст. Ин рақобат ба гузаронидани сармояи соҳибкорон аз як соҳаи фаъолияти истеҳсолӣ ба соҳаи дигари фаъолияти истеҳсолии фоидаовар меорад.

Аз рӯйи намудҳои рақобат – рақобати мукаммал (ё рақобати озод) ва рақобати номукаммал (ё рақобати монополӣ) ҷой доранд. Рақобати мукаммал (ё рақобати озод) - и соҳибкорон – ин муборизаи рақобатноки соҳибкорони истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасонӣ барои ҷалби шумораи зиёди истеъмолкунандагон-харидорон аст. Дар ин ҷо ҳар соҳибкори истеҳсолкунандаи маҳсулот ё хизматрасонӣ шахси дуюмро харидори моли худ ҳисоб мекунад. Фурӯшанда бо харидор дар бозор оиди моли муайяне барои муқаррар кардани нархи хариду фурӯши мол озодона ба мувофиқа меоянд ва дар натиҷа нархи бозории фурӯши молро муайян мекунанд. Доду гирифт дар байни

фурӯшандагон ва харидорон аз рӯи нархи ҳангоми гуфтушуниди озоди дар бозор муайян кардаи худи онҳо мегузарад. Рақобати мукаммал ба бавуҷуд омадани нархи миёнаи бозорӣ ба моли муайян меорад.

Рақобати номукаммал (ё рақобати монополӣ) -и соҳибкорон – ин муборизаи рақобатнок байни соҳибкорони истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ мебошад, ки истеҳсол ва фурӯши ягон намуди мол ва ё гурӯҳи молҳоро ба ихтиёри худ гирифтаанд, яъне монополияи худ кардаанд. Доду гирифт дар байни фурӯшандагони монополистон ва харидорон на бо нархи бозорӣ, балки бо нархи муқарраркардаи монополии монополистони бозор мегузарад. Дар ин ҷо рақобати номукаммал (ё рақобати монополӣ) ба бавуҷуд омадани нархи монополии бозорӣ ба моли муайян ва ё гурӯҳи молҳо меорад.

Дар муборизаи рақобатноки бозории байни соҳибкорон методҳои рақобат – рақобати ғайринархӣ ва рақобати нархӣ ҷудо карда мешаванд. Рақобати ғайринархии соҳибкорон – ин муборизаи рақобатноки соҳибкорон бо роҳи баланд бардоштани хусусиятҳои истеъмолии молҳои (сифати маҳсулоту хизматрасониҳои) соҳибкори муайян назар ба ҳамингуна моли дигар соҳибкорони рақиб соҳиб шудани бартарияти моли худ ҳангоми фурӯш дар бозор мебошад. Ин методи рақобати соҳибкорон имконият медиҳад, ки соҳибкорони истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои ғолиб омада дар мухлати муайяне ҳаҷми фурӯши моли худро дар бозор зиёд карда, фоидаи даркории барзиёдро соҳиб шаванд.

Рақобати нархии соҳибкорон – ин муборизаи рақобатноки соҳибкорон бо роҳи паст кардани нархи фурӯши ягон мол ва ё якчанд моли соҳибкори муайяне дар бозор назар ба ҳамингуна моли дигар соҳибкорони рақиб дар бозор бартарияти фурӯши моли худро дар бозор ба даст овардан аст. Чунин муносибати соҳибкорони истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ ҳангоми фурӯши моли худ дар бозор мавқеи соҳибкори ғолибро дар бозор васеъ ва мустаҳкам мегардонад.

Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки дар байни соҳибкорони соҳаҳои гуногуни фаъолияти истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо ва шаклҳои гуногуни моликият новобаста ба ҳаҷми корашон муборизаи рақобатнок ҳамеша вуҷуд дорад. Дар айни замон бояд қайд кард, ки рақобат хусусиятҳои таърихӣ дорад.

Мо иқтисодиёти бозориро дар мисоли мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодии ҷаҳон меомӯзем ва дар шароити Тоҷикистон мувофиқан имкониятҳои рушдёбии муносибатҳои бозаргониро таъмин мекунем. Дар навбати худ, чуноне маълум аст, иқтисодиёти мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодӣ ду марҳилаи рушдро гузаштаанд: марҳилаи индустриалии рушди иқтисодиёт ва марҳилаи ахборотии рушди иқтисодиёт (ё ҷамъияти баъдииндустриалӣ).

Дар марҳилаи индустриалии рушди иқтисодиёт истеҳсолот хусусияти оммавӣ дошта, истеҳсоли маҳсулоту хизматрасониҳои соҳибкорон ба талаботи калони оммаи васеи истеъмолкунандагон, ба фурӯши оммавии молҳо дар бозорҳои калон нигаронда шудааст. Муборизаи рақобатӣ дар байни соҳибкорони истеҳсоли маҳсулоту хизматрасониҳо барои ба даст овардани мақсадҳои муайян – гирифтани фоидаи баланди соҳибкорӣ бо роҳи таъминкунии талаботи истеъмолкунандагон ба маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазири соҳибкорон дар натиҷаи паст кардани нарх ва хароҷотҳои истеҳсолии соҳибкорон мегузарад.

Дар марҳилаи ахборотии рушди иқтисодиёт (ё ҷамъияти баъдииндустриалӣ) – рақобат дар байни соҳибкорони истеҳсоли маҳсулоту хизматрасонӣ барои муқаррар кардани эҳтиёҷоту дархостҳо ва манфиатҳои индивидуалӣ ва гурӯҳии истеъмолкунандагон ба маҳсулоту хизматрасониҳо ва таъмин кардани қаноатмандии онҳо бо роҳҳои аз ҳама самаранок нисбат ба дигар рақибон-соҳибкорон мебошад. Дар ин муборизаи рақобатнок барои соҳиб шудани бартарият соҳибкори истеҳсолкунанда бояд маҳсулоту хизматрасониҳои нави рақобатпазире бароварда пешниҳод намояд, ки ба мислашон дар бозор нестанд. Дар баробари ин соҳибкор дар ин муборизаи рақобатнок на танҳо номгӯйи маҳсулоту хизматрасониҳои мебаровардаашро қатъиян

нави рақобатпазир гардонда метавонад, балки бояд бозори нави молҳои худро сохта, ба истеъмолкунандагон пешниҳод намояд.

**Бо назардошти хусусиятҳои дар ду марҳилаҳои рушди иқтисодиёти мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодии ҷаҳон қайд гардида, гуфтан мумкин аст, ки рақобат дар фаъолияти соҳибкорон дар марҳилаи муосири муносибатҳои бозаргонӣ ҳамчун фишанги муҳими рушддиҳандаи иқтисодиёти бозорӣ, локомотиви пешбарандаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Рақобат дар фаъолияти соҳибкорӣ ногузир мегардонад, ки дар муборизаи рақобатноки бозорӣ ҳамаи соҳибкорони намудҳои гуногуни соҳаҳои истеҳсолӣ барои ҳолати пойдории худро нигоҳ дошта тавонистан ва рушди минбаъдаи худро таъмин кардан бояд дар истеҳсол кардани маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазири худ нисбат ба дигар соҳибкорон-рақибон мубориза баранд. Барои ин ба онҳо лозим меояд, ки роҳҳои истеҳсол кардани молҳои сифати баланди истеъмолӣ ва нархи паст доштаро дар амалияи хоҷагидории худ ҷорӣ кунанд ва эҳтиёҷот ва дархостҳои мизоҷонро бо роҳҳои беҳтарин қаноатманд гардониданро таъмин намоянд. Ҳалли чунин масъала зарур мегардонад, ки соҳибкорон дар фаъолияти истеҳсолии худ роҳҳои самаранок истифода карда тавонистани дастовардҳои навтарини илм ва технологияи муосирро ба роҳ монда, маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазири хусусиятҳои баланди истеъмолӣ ва нархи паст доштаи худашон истеҳсол карда метавонистаро пешниҳод карда тавонанд, фаровонии бозорро бо молҳои рақобатпазири худии ватанӣ таъмин намоянд, соҳиби даромади баланд аз фурӯши зиёди молҳои худашон истеҳсолкарда ба харидорон гарданд.**

**Дар шароити Тоҷикистон таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз муносибатҳои рақобатӣ дар байни соҳибкорон ба маънои пурраи муосираш рушд накардааст. Бо назардошти ин бояд қайд кард, ки дар ин ҷо рақобати соҳибкорӣ барои расидан ба сатҳи даркории солимаш бояд якчанд давраҳоро гузарад [2].**

Якум, дар солҳои аввали гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ рақобат дар байни соҳибкорон ҳамчун мубориза дар байни ҳарифҳо зоҳир мегардад. Барои муваффақиятнокиро соҳиб шудан ҳар соҳибкор тайёр аст тарафи дигарро ҳамчун ҳариф ва душмани худ нест кунад. Дар айни замон соҳибкорон байни ҳамдигар барои гирифтани даромад бо роҳи такмил додани фаъолияти корбарии худ ва кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратии худ рақобат мекунанд. Дар ин ҳангом ҳар соҳибкори рақобаткунанда кушиш мекунад, ки дигар соҳибкоронро ҳамчун ҳарифаш маҳв созад, фурӯ бурда нест кунад, то ки назар ба дигар соҳибкорони рақибаш бартарияти истеҳсолӣ ва фурӯши молашро дар бозор бо ин роҳ нишон дода тавонад.

Дуюм, бо мурури рушди муносибатҳои бозаргонӣ ва мувофиқан иқтисодиёти бозорӣ муборизаи рақобатноки соҳибкорон такмил меёбад. Дар ин давра соҳибкорон рӯ ба бозор меоранд. Муборизаи рақобатноки соҳибкорон ба он равона карда шудааст, ки маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазири худро бо хароҷотҳои камтарин ба фурӯш бароранд, то ки фоидаи барзиёд гиранд. Соҳибкорон барои зиёд кардани ҳиссаи худ дар бозор мубориза мебаранд, кушиш мекунанд талаботҳои мизоҷони худро муайян кунанд ва барои онҳо муҳлати аниқи иҷрои талаботҳоро бо сифати баланд ва нархи паст таъмин намоянд. Дар ин ҳангом нархро бо назардошти шароитҳои рақобат муқаррар мекунанд, то ки дар назди истеъмолкунандагон соҳибкорон номи неки фирмаи худро нигоҳ дошта тавонанд. Бинобар ин бо мақсади гирифтани фоидаи бозории даркорӣ соҳибкорон ҳамаи корҳоро мекунанд, то ки хароҷотҳои худро кам карда тавонанд.

Сеюм, муборизаи рақобатнок дар байни соҳибкорон на барои кам кардани хароҷот ва паст кардани нарх сар мешавад, балки мубориза барои қонеъгардонии дархостҳои мизоҷони худ бо роҳҳои беҳтарин меравад. Дар ин ҳолат дар байни соҳибкорон рақобат дар доираи иҷрои талаботҳо оиди баланд бардоштани сифат ва паст кардани нархи маҳсулоту хизматрасониҳо меравад, то ки талаботи мизоҷон ҳарчанд беҳтар қонеъ гардонда шавад. Барои соҳиб шудан ба чунин натиҷаҳои мақсаднок ба соҳибкорон лозим меояд, ки маҳсулоту хизматрасониҳои баландсифатро бо хароҷотҳои минималӣ пешниҳод карда тавонанд. Бинобар ин фоидаи дилхоҳ ба

соҳибкорон вақте таъмин мегардад, ки агар маҳсулоту хизматрасониҳои онҳо мувофиқи стандартҳои баланди ҷаҳонӣ бошанд, маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир мувофиқи ҳамаи хусусиятҳо – сифати баланд, нархи минималӣ, хизматрасонии даркорӣ пешниҳод карда шаванд. Барои таъмини амалии ин талаботҳо соҳибкорон байни ҳамдигар рақобат намекунанд, балки оиди гирифтани натиҷаи дилхоҳи бозорӣ ҳамоҳангсозиро рушд медиҳанд, дар бозор баробарҳуқуқ фаъолият мекунанд.

**Чорум, дар шароити марҳилаи ахборотии рушди иқтисодиёт, яъне марҳилаи баъдииндустриалӣ дар хусусиятҳои рақобатнокии соҳибкорон тағйиротҳои калон ба вуҷуд омаданд. Бинобар ин соҳибкорон дар ҷараёни иҷрои истеҳсоли маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир бо хароҷотҳои камтарин нисбат ба ҳамдигар ҳамчун душман муносибат намекунанд, балки ҳамчун шарикони ҳамкор барои дар якҷоягӣ ёфтани имконияти муҳими сохтани маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир муносибат мекунанд. Соҳибкорон ҳамкорӣ ва шарикӣ мекунанд, то ки ҳангоми дар як вақт паст кардан ё бетағйир мондани хароҷотҳо ва ҳамчунин нархи фурӯши молашон қиматнокӣ, хусусиятҳои истеъмолии маҳсулоту хизматрасониҳояшонро зиёд карда тавонанд. Бо назардошти ин барои ба даст овардани фоидаи калони ба соҳибкорон муфид дар байни соҳибкорон ҳамоҳангсозӣ, ҳамкорӣ ва шарикӣ карда якҷоя амал кардан ва самаранок тақсим кардани соҳаҳои фаъолият такмил меёбанд. Дар натиҷа ҷараёни фаъолияти истеҳсолии соҳибкорон барои сохтани маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир бо хароҷотҳои камтарин хусусияти интернатсионалӣ мегирад. Масалан, самолёти маркаи «Боинг» ҳозир назар ба дигар маркаҳои самолётҳо хеле рақобатпазир аст ва ба ҳисоби миёна як самолёт қариб аз 4,5 миллион деталу узвҳо иборат аст, ки онҳо дар 1,5 ҳазор корпоратсияҳои байналмилалӣ истеҳсол карда мешаванд [3]. Ин шаҳодати он аст, ки дар рафти баровардани моли рақобатпазир барои ҷавобгӯй будан мувофиқи талаботҳои бозори ҷаҳонӣ чӣ қадар корхонаҳои соҳибкории корпоратсияҳои мамлакатҳои гуногун бо ҳам шарикии интернатсионалӣ мекунанд.**

Албатта, ҳангоми гузариш ба модели индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиёти рақобатпазир соҳибкорони уҳдабарои мамлакат ва умуман аҳли ҷомеа ҳамаи кушишҳоро барои ба даст овардани муваффақиятҳои муайян равона мекунанд. Онҳо мехоҳанд, ки дар натиҷаи амалӣ кардани сиёсати иқтисодии давлат бояд баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои соҳибкорони ватанӣ таъмин карда шавад. Вале ба ин ҳадафи муҳим дар муборизаи рақобатноки бозорӣ бе технологияи пешқадами ҳозиразамон муваффақиятро соҳиб шудани соҳибкорон хеле душвор аст. Технологияҳои ҳозиразамон бениҳоят мураккаб ва қиматанд. Вақте мамлакатҳои суструшдёфта ва ё қафомонда мегӯем, аҳолии ин мамлакатҳо низ қафомондаанд. Бинобар ин мамлакатҳои суструшдёфта на танҳо технологияҳои навро сохта наметавонанд, балки техника ва технологияи нави аз берун ворид карда шударо ҳам истифода бурда наметавонанд, яъне аз уҳдаи дуруст истифода карда тавонистани технологияҳои нав намебароянд. Бинобар ин бо ҳамин сабаб аст, ки ҳар соле чандин соҳибкорони ватанӣ бо аз берун ворид карда овардани бо номаш «технологияҳои навини хориҷӣ» корхонаҳои нави худро мекушоянд, вале на дар бозори дохила ва на дар бозори беруна молҳои нави рақобатпазири истеҳсолкардаи ватании онҳо дида намешаванд ва худи корхонаҳо бо зудӣ баста мешаванд.

Маълум аст, ки Тоҷикистон мустақилият ва соҳибихтиёриро баъди паси сар кардани сохти сотсиалистӣ дар ҳайати Иттифоқи Шӯравӣ соҳиб гаштааст. Тоҷикистони Шӯравӣ ҳам дорои иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ буд. Вале Тоҷикистони Шӯравӣ асосан ду шаҳри саноатӣ дошт – Душанбе ва Хуҷанд, ки мувофиқи маълумотҳои ба ҳисобгирии аҳолӣ дар соли 1989 дар таркиби аҳолии ин ду шаҳр мардуми таҳҷоии маҳалии тоҷикистонӣ на зиёда аз 28-29 фоизиро ташкил медоданд. Аксари онҳо ба сифати шофёр, вахтёр, монтёр ва дигар корҳои сатҳи миёна кор мекарданд, чунки аксари корхонаҳои саноатии амалкунанда корхонаҳои умумииттифоқӣ ва ё иттифоқӣ-ҷумҳуриявӣ буданд ва масъалаҳои ҳобаҷогузории коркунонро дар ин корхонаҳо на дар Тоҷикистон, балки Ҳукумати Иттифоқи Шӯравӣ

мутамарказона ҳал мекард. Зиёда 90 фоизи аҳолии таҳҷоии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекарданд ва ба корҳои кишоварзӣ машғул буданд, тафаккури деҳқонӣ доштанд.

Мувофиқи маълумотҳои ба рӯйхатгирии аҳолии Тоҷикистон дар соли 1989 ба 1000 коркуни кишоварзии мамлакат: 12 нафар (1,2 фоиз) маълумоти олидор, 34 нафар (3,4 фоиз) маълумоти олии нопурра ва миёнаи махсусдор, 360 нафар (36,0 фоиз) маълумоти миёнадор, 278 нафар (27,8 фоиз) маълумоти миёнаи нопурра дошта, 316 нафар (31,6 фоиз) бемаълумотро ташкил медоданд [4].

Албатта, барои ҳамаи мамлакатҳои пешрафтаи иқтисодии ҷахон, ки соҳибкорони уҳдабаро доранд ва истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир мебошанд, боигарии асосии онҳо дараҷаи баланди интеллектуалии одамонаш аст. Маҳз одамони кордону ҳунарманд, дорои ихтисосҳои баланди тахассуснокии ҳозиразамон ва мутахассисони маърифатноки уҳдабаро тавонистанд на танҳо соҳибкории соҳаҳои гуногуни саноат, балки соҳибкории дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллиро низ дар асоси индустрияи муосир рушд диҳанд.

Ҳангоми баҳо додани ҳолати иқтисоди миллии Тоҷикистон барои гузаштан ба соҳибкории уҳдабароёнаи рақобатпазир шароитҳои таърихии ба вай хос бударо низ ба ҳисоб гирифтан зарур аст. Мардуми Тоҷикистон то имрӯз ба ғайр аз муносибатҳои фармондиҳию амрдиҳӣ ва иҷрои онҳо дигар муносибатро амалан дар ҳаёт надидаанд. Ба сохти Ҳукумати Шуравӣ онҳо асосан бо мероси ҷамоаи қабилавию истеҳсолоти натуралӣ, муносибатҳои истеҳсолии начандон рушдёфтаи ғуломдорию феодалӣ ва фақат дар баъзе ҷойҳо (қисми шимолии мамлакат) бо аввалин унсурҳои муносибатҳои капиталистӣ гузаштаанд. Ҳатто ҳозир ҳам дар баъзе ноҳияҳо бозори деҳқонӣ ва умуман муносибатҳои бозаргонӣ мувофиқи талаботи иқтисодиёти бозорӣ рушд наёфтаанд.

Таҷриба нишон дод, ки муносибатҳои дар заминаи истеҳсолоти саноатӣ (махсусан саноати коркардабарорӣ) дар байни одамон ба вуҷуд меомада нисбат ба муносибатҳои аграрӣ пешқадам буда, тафаккуру ҷаҳонбинии одамон низ баланданд. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки танҳо саноати коркардабарорӣ метавонад ду касалии бузурги одамиро табобат кунад – хурофотпарастӣ ва ғуломӣ, ки ин ду касалӣ одатан барои одамони тафаккури деҳқонидошта хос мебошанд.

Беҳуда нест, ки дар замонаш мустамликадорон дар мустамликаҳои худ асосан соҳаҳои кишоварзиро дар шакли коркарди патриархалиаш рушд медоданд. Онҳо дар мустамликаҳои худ барои ба вуҷуд омадани корхонаҳои саноатӣ ва синфи коргар имконият намедоданд, чунки ҷаҳонбинии коргарони саноатӣ, фаҳмиши сиёсии онҳо нисбат ба деҳқонон баланд мешаванд ва аз ғуломвор бо музди ночизе ба «хӯҷаинони» худ хизмат кардан даст кашиданашон мумкин аст, талабҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии худро пеш мегузоранд. Вале таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки бисёр мамлакатҳои собиқ мустамликабуда баъди соҳибистиқлол шудан дар солҳои 50-60-уми асри 20 дар як муҳлати кӯтоҳи таърихӣ дар ҳалли масъалаҳои дигаргунсозии сохти иҷтимоӣ-иқтисодии кишварашон бисёр монеаҳоро бо зудӣ паси сар карда, дар сохтмони сохтори нави иқтисодиёти бозорӣ дастовардҳои назаррасро соҳиб гаштанд. Соҳибкорони уҳдабарои онҳо бисёр муносибатҳои то индустриалӣ ва ҳатто давраи рушди иқтисодиёти индустриалиро «ҷаҳиш» карда, бо муносибатҳои нави пешрафтаи баъдииндустриалӣ (ахборотӣ) гузаштанд ва бо тезӣ тавонистанд иқтисодиёти пешрафтаи рақобатпазири бозории навиндустриалиро созанд, соҳиби мамлакати пешрафтаи саноатии имрӯза шуданд, ба монанди Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия, Тайван, Сингапур, Гонконг, Хитой ва ғайраҳо.

Дар айни замон ба соҳибкорони ватанӣ барои бартараф кардани ҳолати деиндустриалии Тоҷикистон, гузарондани реиндустриализатсия ва бо суръати баланд рушд додани неоиндустриализатсияи мамлакат бо мақсади истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир ба умеди дастовардҳои инноватсионии хориҷӣ, воридоти техника ва технологияи беруна шудани онҳо нодуруст аст. Ба он ақида розӣ шудан мумкин нест, ки мамлакати мо дар соҳаи мошинсозӣ қафоманда аст ва барои

вай назар ба коркард ва истеҳсоли техника ва технологияи пешқадами муосири худии ватанӣ барои соҳибкорон харидани техника ва технологияи хориҷӣ хеле фоидаовар аст. Ин аз як тараф, ҳеҷ гоҳ ягон мамлакат техника ва технологияи пешқадаму нави худро ба дигарон нафурӯхтааст ва намефурӯшад, яъне бо дасти худ бозорашро танг намекунад, ба худаш дар бозор рақиб намесозад, аз тарафи дигар, аз қувваи бузурги интеллектуалӣ, эҷодӣ ва созандагии мардуми ватанамон истифода накардан ношукрӣ аст.

Таҷрибаи бойи СССР дар солҳои барқарорсозии Ҳокимияти Шӯравӣ, Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар солҳои 30-40-ми асри 20, Япония ва Германия дар солҳои барқарорсозии баъди ҷанги дуюми ҷаҳон, мамлакатҳои навиндустриалӣ дар солҳои 60-70-ми асри 20, Ҷумҳурии Халқии Хитой дар солҳои 80-90-ми асри 20 мисол шуда метавонанд, ки дар рушди индустриалӣ кафомонда буданд, вале мошинсозии ватании худро ба роҳ монданд ва бо тезӣ на танҳо ба мамлакатҳои индустриалӣ табдил ёфтанд, балки соҳибкорони онҳо содиркунандаи техника ва технологияи пешқадами муосир гаштанд.

Бинобар ин ҳамаи чораҳоро дидан зарур аст, ки Тоҷикистони имрӯзаро аз ин вазъият барорем. Бояд сиёсати саноатиро бо мақсади ҳамаҷониба рушд додани саноати коркардабарорӣ равона намоем, рушди истеҳсолоти илмталабро дар соҳаҳои саноат ва дигар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ таъмин намоем, то ки соҳибкорони ватанӣ дар коркарди ашё ва гирифтани маҳсулоти ниҳоии тайёри саноатии рақобатпазири ватанӣ ба воридкунии техника ва технологияи хориҷӣ рӯй наоранд, балки шароит фароҳам оварда шавад, ки соҳибкорони ватанӣ техника ва технологияи пешрафтаи муосири худии ба рақобати баланди бозорӣ тобоварандаро пешниҳод карда тавонанд. Маҳз базаи индустриалӣ асоси фундаменталии моддии рушди ҷараёнҳои технологияи баланди муосир, масалан, инноватсияҳои пионерӣ, ба монанди системаҳои ахборотии навтарин, биотехнология, нанотехнология мебошад [5].

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти бозорӣ барои таъмин кардани фаъолияти соҳибкорони уҳдабарои Тоҷикистон, ки дар бозори дохила ва берунаи мамлакат маҳсулоту хизматрасониҳои ба рақобати баланди бозорӣ тобоваранда истеҳсол карда тавонанд, ба онҳо лозим меояд, ки дар навбати аввал якчанд муносибатҳои ташкилии иқтисодии ба талаботи ҳозираи муносибатҳои бозаргонӣ ҷавобгӯйбударо истифода карда тавонанд.

Якум. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар рушди иқтисодиёти индустриалии инноватсионии соҳибкорони уҳдабарои рақобатпазир омили муҳимтарин – омили инсонӣ аст. Маҳз одамон бо илму дониш ва малакаи сатҳи баланди худ тавонистанд муъҷизаҳои ҳайратоварро офаранд ва сохтани технологияи баланди пешрафтаи ватании худро барои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири муосири худӣ таъмин намоянд. Илман ва амалан исбот шудааст, ки танҳо ва танҳо дар натиҷаи васеъ истифода карда тавонистани сармояи инсонӣ ҳамчун офарандаи навтарин комёбиҳои илму технологияи муосир, яъне баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва тахассуснокии одамон соҳибкорони уҳдабарои соҳаҳои гуногуни фаъолият метавонанд рақобатпазирии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои худро назар ба дигар рақибон-соҳибкорон баланд бардоранд. Дар шароити имрӯза методҳои нави хоҷагидорӣ заруранд, ки онҳо бо тарзу усулҳо, нигоҳу ақидаҳо ва рафторҳои куҳнаи корбарӣ амалӣ шуда наметавонанд.

“Дар аввали солҳои 90-уми асри 20 дар Академияи хоҷагии халқи назди Шӯрои Вазирони СССР як миллиардери италиявӣ қайд кард, ки даромади солонаи консернаш 40 млн. доллари америкоиро ташкил медиҳад. Вале ман беҳад аз он дар ташвишам, ки дар Италия қариб 5 сол боз ислоҳоти мактабҳои маълумоти миёнаи умумӣ гузаронида нашудааст, яъне барномаи таълимии 5 сол пеш қабулшуда аллакай барои имрӯз куҳна шудааст ва ҷавобгӯи талаботҳои нав нест. Ин бошад, сатҳи интеллектуалии италиявиҳоро паст мекунад ва албатта, дар ниҳоят ба ҳосилнокии кори одамон таъсири манфӣ мерасонад” [6].

Бо назардошти ин дар шароити иқтисодиёти бозории муосир баландбардории омили инсонӣ ҳамчун категорияи иқтисодиёти истеҳсолоти молӣ имкон медиҳад, ки қобилияти вай барои ба вуҷуд овардани арзиш ва арзиши иловашудаи баланди истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир дар фаъолияти соҳибкорони уҳдабаро истифода карда шавад. Бинобар ин баланд бардоштани арзишмандии сармояи инсонӣ имкон медиҳад, ки истеҳсоли молҳои рақобатпазир афзоиш ёбад.

Дуюм. Мубоpизаи рақобатноки тезу тунди бозори муосири дохила ва берунаи Тоҷикистон талаб мекунад, ки фаъолияти соҳибкорони рақобатпазири ватанӣ бояд ба истеҳсолоти илмталаб, сиёсати нави саноатии ба технологияи пешқадам асос ёфта, сохтани техникаи насли нави дорои рақобатпазирии баланд буда нигаронда шуда бошад. Бо техника ва технологияи ақибмонда соҳибкорони муосир маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазирро сохта наметавонанд. "Тадқиқҳо нишон медиҳанд, ки дар ШМА, Япония ва дигар мамлакатҳои мутараққӣ дар афзоиши иқтисодиёт ҳиссаи пешрафти илмӣ-техникӣ дар солҳои 60-70-уми асри 20-ум 40-50 фоиз, дар солҳои 80-ум ва нимаи аввали солҳои 90-уми асри 20-ум 70 фоиз ва дар солҳои минбаъда 85-90 фоизро ташкил медод. Дар баъзе соҳаҳои истеҳсолии илмталаб бошад, бо пуррагӣ афзоиши иқтисодиёт аз ҳисоби пешрафти илмӣ-техникӣ таъмин мегардад. Вале мувофиқи маълумотҳои академик Д. Гвишиани, ки муовини аввали раиси Комитети давлатии СССР оид ба илм ва техника дар назди Шӯрои Вазирони СССР буд, истифодаи комёбиҳои илмӣ дар хоҷагии халқи СССР дар солҳои 1965-1990 ҳар соле ба ҳисоби миёна ҳамагӣ 0,6 фоизро ташкил медод" [7].

Бинобар ин имрӯз зарур аст, ки дар сиёсати нави рушди фаъолияти соҳибкории мамлакат ба технологияи пешқадами ба сатҳи баланд асос ёфта, сохтани техникаи насли нави ба рақобатпазирии бошидати бозорӣ тоб оварда метавониста диққати аввалиндараҷа дода тавонем. Бо ин мақсад лозим меояд, ки дар сохтори иқтисодиёти кишвар рушди афзалиятноки соҳибкории соҳаҳои илмталаб бо арзиши иловашудаи баланд, соҳаҳои соҳибкории истеҳсолкунандаи технологияи пешқадами муосирро ҳамчун самти муҳими дигаргунсозиҳои инноватсионии сохтори соҳибкории истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир таъмин намоем.

Сеюм. Дар иқтисодиёти бозории муосир фаъолияти соҳибкорони истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазирро дар бозори дохилӣ ва берунӣ бе такя ба инноватсия таъмин карда намешавад. Маҳз дар натиҷаи дуруст истифода карда тавонистани дастовардҳои инноватсионӣ ақибмондагии иқтисодӣ ва технологии фаъолияти соҳибкорони мамлакатро аз байн бурдан мумкин аст. Бинобар ин барои рушди истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир талаб карда мешавад, ки соҳибкорони уҳдабаро дастовардҳои инноватсиониро мақсаднок истифода карда тавонанд. Бо мақсади фароҳамоварии иқтисодиёти рақобатпазири инноватсионии муосир корҳои зиёди ташкилӣ, техникӣ ва маблағҳои азими моддию молиявӣ талаб карда мешаванд. Бомуваффақият рушд кардани фаъолияти соҳибкорони истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири инноватсионии муосир дар баробари маблағгузориҳои соҳибкорон ба илм ва ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ дар амал сиёсати мақсадноки илмии давлатро талаб мекунад, махсусан барои коркардҳои илмӣ-тадқиқотии фундаменталии академӣ, ки онҳо асоси соҳиб шудани дастовардҳои коркардҳои илмӣ-тадқиқотии амалӣ ва конструктории таҷрибавии мақсаднок шуда метавонанд.

Бо вуҷуди душвориҳои молиявии давраи гузариш ба рушд додани илм дар Тоҷикистон корҳои зиёде карда мешаванд. Вале, мутаассифона, таҷриба нишон медиҳад, ки маблағҳои ҷудошуда ба илм барои гирифтани натиҷаҳои назарраси дилхоҳ бениҳоят каманд. Бинобар ин дар натиҷаи коркардҳои илмӣ-тадқиқотии фундаменталии академӣ ва коркардҳои илмӣ-тадқиқотии амалии конструкторӣ-таҷрибавӣ дастовардҳои муайяни аҳамияти илмӣ ва амалӣ дошта ҳанӯз гирифта намешаванд. Агар ҳамин гуна сабабҳо намебуданд, он гоҳ соҳибкорони ватанӣ ҳангоми фаъолияти уҳдабароёнаи истеҳсолии худ ба умеди аз беруни мамлакат ворид

кардани дастовардҳои инноватсионӣ, техника ва технологияи хориҷӣ нашуда, балки аз дастовардҳои инноватсионии худии ватанӣ, ки техника, технология ва методҳои пешқадами идоракунии муосирро пешниҳод карда метавонанд, дар фаъолияти истеҳсолии маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири ватанӣ истифода карда метавонистанд.

Чорум. Аз солҳои 50-уми асри 20 сар карда баъди оғози табаддулоти илмӣ-техникии ҷаҳонӣ дар мамлакатҳои рушдёфтаи иқтисодии дунё ба ҷои марҳилаи индустриалӣ марҳилаи ахборотии рушди иқтисодиёт сар шуд. Дар ин давра истеҳсолот ба дараҷаи баланд ғайриоммавӣ гашта, ба дархости индивидуалии ҳар истеъмолкунанда, ба гурӯҳи муайяни истеъмолкунандагон, ба мизоҷони ҷудогона, ба бозорҳои фурӯши начандон ҳаҷмашон калон ва алоҳида нигаронда шудааст. Ба ҷои корхонаҳои калону азим намудҳои гуногуни корхонаҳои инфиродӣ ва хурди истеҳсолкунандаи маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир пайдо мешаванд, яъне мувофиқан соҳибкорони инфиродӣ, хурд ва миёна пайдо мешаванд, ки фаъолияти истеҳсолии онҳо ба шакли моликияти кооперативӣ ва корбарии шарикӣ асос ёфтаанд. Дар ин ҷо ҳар соҳибкор на танҳо соҳиби воситаҳои истеҳсолот аст, балки бевосита дар ҷараёни воқеии қабул кардани қарор оиди масъалаҳои идоракунии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир иштирок мекунад.

Корхонаҳои соҳибкорони инфиродӣ ва хурд асосан ба қонеъ гардондани талаботи ҷамъият ба молҳои сермасриф дар бозори истеъмолӣ нигаронда шудаанд. Молҳои сермасриф бозори васеъ доранд ва талабот ба онҳо зиёд аст. Бо назардошти ин соҳибкорони инфиродӣ ва хурд ҳаҷман иқтидори калони истеҳсолӣ надоранд ва талаботи ҳар истеъмолкунанда ва ё гурӯҳи муайяни мизоҷонро ба назар гирифта, вобаста ба тағйирёбии дархостҳои истеъмолкунандагон онҳо бо тезӣ, бо хароҷоти камтарин ва бо тавакали хеле кам ҷараёни истеҳсолоти худро аз ҷиҳати техникӣ, арзишӣ ва ташкилӣ бе душворӣ мувофиқан дигаргун карда маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири ба дархостҳои истеъмолкунандагон мувофиқкунандаро дар вақти даркорӣ бароварда пешниҳод карда метавонанд.

Фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, хурд ва миёна дар соҳаҳои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо унсури муносибатҳои иқтисодии марҳилаи ахборотии – баъдииндустриалии рушди иқтисодиёт мебошад. Бинобар ин бисёр мамлакатҳои ҳанӯз дар марҳилаи рушди иқтисодии то индустриалӣ ва ё дар марҳилаи индустриалӣ буда барои дар бозори имрӯза бомуваффақият ширкат карда тавонистан ва ҷавобгӯй ба талаботҳои доимо афзудаистодаи истеъмолкунандагони муосири бозор маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир бароварда пешниҳод карда тавонистан ҷаҳиш карда, бо суръати тез унсурҳои пешқадами бозори муосирро дар худ ҷорӣ кардаанд. Барои Тоҷикистони мо ҳам имрӯз ин зарурат ба миён омадааст ва мардуми кишвар бояд бо суръати тез навиндустриализатсияи иқтисодиётро бомуваффақият гузаронад.

Панҷум. Дар рушди фаъолияти соҳибкории ба рақобат тобовар ва истеҳсолкунандаи маҳсулоту хизматрасониҳои рақобатпазир яке аз роҳи асосӣ пешгирӣ кардани бавуҷуд омадани монополизм мебошад. Монополияҳои бавуҷудомада, пеш аз ҳама, бозори фурӯши молҳоро барои дигар соҳибкорони истеҳсолкунандаи маҳсулоту хизматрасониҳо маҳдуд ва ҳатто дастнорас мекунанд, дар бозор истеъмолкунандагон ба ғайр аз молҳои пешниҳод мекардаи монополистон дигар интихоб надоранд, доду гирифт байни фурӯшандагони монополистон ва истеъмолкунандагон-харидорон танҳо аз рӯи нархи муқарраркардаи монополистӣ мегузарад, яъне интихоби озоди бозории истеъмолкунандагон вуҷуд надорад. Пас рақобат ва мубориаи рақобатнок барои истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири баландсифат ва нархи паст, фаровонгардонии бозор бо молҳо байни кӣ ва барои чӣ шуда метавонад? Истеъмолкунанда ба ғайр аз моли пешниҳод кардаи монополист интихоби дигар ва илоҷи харидани моли дигари дилхоҳашро надорад. Танҳо истеъмолкунандагон бо муайян кардани хусусиятҳои истеъмолии мол, яъне сифати мол ва қобилияти харидории мол ба мол майл ва хоҳиши харидан мекунанд, яъне сифатнокии молро баҳо медиҳанд. Вобаста ба сатҳи дархости истеъмолкунандагон соҳибкорони истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасониҳо барои ҷалби харидорон ба моли худ мубориаи

рақобатнок мебаранд ва рақобатпазирии моли худро нишон медиҳанд, оиди ин масъала бо дигар соҳибкорони истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасониҳо рақобат мекунанд, бо истеҳсол карда тавонистани моли хушсифату арзони худ дар бозори рақобати ғайринархӣ ва нархӣ моли рақобатпазири худро пешниҳод карда метавонанд. Танҳо чунин ҳолати рақобати озоди солим фаъолияти соҳибкории истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳоро бомуваффақият рушд дода метавонад ва фаровонии маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири соҳибкорони худии ватаниро дар бозор таъмин мегардонад.

Албатта, ташаккул ва рушди рақобат дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, хурд ва миёна дар соҳаҳои гуногуни истеҳсоли маҳсулоту хизматрасонӣ метавонанд ҳам дар пешрафти соҳаҳои истеҳсолӣ ва ҳам дар фаровонгардонии бозори истеъмолӣ бо молҳои рақобатпазири истеъмолӣ ва бозори корхонаҳо бо воситаҳои истеҳсолоти рақобатпазир нақши ҳалкунанда бозанд. Вале бе механизмҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ соҳаҳои истеҳсолот ва бозорҳоро монополистон ва олигополистон аз худ мекунанд. Бинобар ин муҳим аст, ки давлат бо механизмҳои иқтисодӣ ва маъмурии худ ба рушди фаъолияти рақобатноки соҳибкорони истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасонӣ дахолат намуда, барои истеҳсоли молҳои рақобатпазири онҳо имконият фароҳам оварад.

Баҳои асосӣ ва муҳими муайянкунандаи рақобатпазирии фаъолияти соҳибкорон дар истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ ин дар муборизаи рақобатноки бозорӣ мувофиқан ба эҳтиёҷоту талаботи истеъмолкунандагон баровардани моли даркорӣ дар вақти даркорӣ дар ҷои даркорӣ барои истеъмолкунандаи дархосткунанда бо хароҷоти камтарин аст. Бинобар ин соҳибкорони истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир муҳимияти истеъмолкунанда ва аз истеъмолкунанда вобаста будани фаъолияти истеҳсолкунандаро эътироф намуда, васеъ ва пурра қаноатманд гардонидани истеъмолкунандагонро аз маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири истеҳсолкардаашон меъёри асосии муайянкунандаи ғолибияти соҳибкорӣ дар муборизаи рақобатноки тезу тунди бозорӣ ҳисоб мекунанд.

Ҳамин тариқ, рақобат дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дар фаъолияти соҳибкорон ҳамчун локомотиви пешбаранда барои соҳиб шудани муваффақиятнокии онҳо дар бозори фурӯш қувваи бузурги ҳаракатдиҳанда мебошад. Дар ҷараёни муборизаи рақобатноки бозорӣ соҳибкорон бо истеҳсол кардан ва ба бозор баровардани маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазири худ, ки ҷавобгӯйи талаботҳои бозори фурӯши муосир мебошанд, метавонанд пеш раванд ва дар бозори дохилӣ ва берунии мамлакат мавқеи муайянро соҳиб шаванд. Барои ин лозим аст, ки ҳангоми истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо дар таркиби омилҳои рушди фаъолияти соҳибкорон дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ, маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ, инсонӣ ва инноватсия бояд афзалият дошта бошанд. Дар марҳилаи ҳозираи иқтисодиёти бозорӣ сохтори фаъолияти соҳибкнрон бояд тағйири тамоил ба рушди иқтисодиёти инноватсионии индустриалӣ, истеҳсолоти илмталаб ва дорои технологияи баланд намояд. Рақобат дар фаъолияти соҳибкорони истеҳсолкунандаи маҳсулот ва хизматрасониҳои рақобатпазир ҳамчун қувваи асосии рушди иқтисодӣ, баландбардории некӯаҳволӣ ва сифати зиндагии одамон, амалигардонии мақсадҳои стратегии соҳибкорони ҷомеаи мутамаддин мебошад.

**Адабиёт**

1.Э. Рахмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 апрели соли 2009. – Душанбе: «Шарқи озод», 2009. – С. 58.

2. Рауфи А. Конкурентная экономика. / Под общ. ред. доктора экономических наук, профессора О.Б. Бобоева. – Душанбе: «Дониш», 2014. – С. 20-21.

3. Рауфӣ А. Бо ваҳдат ба бозор. / Зери таҳрири умумии д.и.и., проф. И.А. Асроров. – Душанбе: «Дониш», 2006. – С. 86.

4. Рауфӣ А. Моҳияти иқтисодиёти индустриалӣ-аграрии Тоҷикистон. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2018. - № 4. – С. 25.

5. Черковец В. Особенности нового этапа инновационного развития России. // Экономист. – 2008. - №12. – С. 40.

6. Рауфӣ А. Рушди илмҳои академӣ дар алоқамандӣ бо дигар илмҳо. // Ахбори АИ ҶТ. Сил.: Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2017. - № 4. – С. 76.

7. Рауфӣ А. Арзишмандии сармояи инсонӣ. // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2020. - № 1. – С. 14-15.

**Рауфи А.**

## КОНКУРЕНЦИЯ И КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТЬ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

**Институт экономики и демографии НАНТ**

*В статье рассматриваются сущность, формы, виды и методы конкуренции при производстве конкурентоспособной продукции и услуги в предпринимательской деятельности. Исследовано историческое развитие конкуренции и конкурентоспособности на этапах индустриальной и информационной экономики, периоды развития предпринимательской конкуренции по производству конкурентоспособной продукции и услуг. В современных условиях рыночной экономики предложено несколько научно обоснованных путей развития предпринимательской деятельности, которые отвечают современным требованиям рыночных отношений, выдерживают конкуренцию и производят конкурентоспособную продукцию и услугу.*

***Ключевые слова:*** *предпринимательство, рыночная экономика, производство, конкуренция, конкурентоспособность, продукция, услуга.*

**Raufi A.**

## COMPETITION AND COMPETITIVENESS IN BUSINESS

**Institute of the economy and demography NANT**

*The essence, the forms, types and methods to competitions at production of the competitive products and facilities in business activity are considered in this article. The historical development of competition and competitiveness at the stages of the industrial and information economy, periods of the development of entrepreneurial competition for the production of competitive products and services are investigated. In modern conditions of a market economy, several scientifically grounded ways of developing entrepreneurial activity have been proposed that meet the modern requirements of market relations, withstand competition and produce competitive products and services.*

***Key words:*** *entrepreneurship, market economy, production, competition, competitiveness, products, services.*

***Сведения об авторе:***

***Рауфи Абдугаффор*** *– доктор экономических наук, профессор, заведующий отделом Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, профессор Технологического университета Таджикистана. Тел.: (+992) 918701218,*

***E-mail:*** *eco_institute@mail.ru*

УДК: 65.01:657.372.5

**Низомова Т.Д.**
**Ҷумаева Х.Ю.**

# ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ КОРХОНА

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

*Дар мақола консепсия ва раванди таҳияи стратегияи корхона баррасӣ карда шудааст. Мафҳумҳои стратегия ва рисолати корхона аниқ карда шуда, меъёрҳо ва пайдарпаии марҳилаҳои таҳияи ин стратегия таҳқиқ шуданд.*

*Рисолати корпоративии корхона баррасӣ карда шудааст, ки самтҳои фаъолиятро дар асоси талаботи бозор, хусусияти истеъмолкунандагон, хусусиятҳои маҳсулот ва мавҷудияти афзалиятҳо ва монеаҳои рақобатпазир тавсиф мекунад. Ҳангоми таҳияи стратегияи корхонаҳо таҳлили стратегияро истифода мебаранд, пайдарпаии амалҳо ва самтҳои рушдро муайян мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *стратегия, таҳияи стратегия, стратегияи рушди корхона, рушди дохилии корхона, банақшагирии стратегӣ, стратегияҳои функсионалӣ, рушд, муҳити берунӣ, муҳити дохилӣ, корхона.*

Суръати кунунии тағйирот дар муҳити беруна, афзоиши ҳаҷми дониш ва ҷараёни иттилоот ба ҳаддест, ки таҳия ва татбиқи стратегияи рушди корхона ягона равиш барои пешгӯии мушкилоти ояндаи корхона ва имкониятҳои он мебошад. Стратегия заминаи идоракунии рушди корхона барои давраи дарозмуддат мебошад, дар пайдо кардани роҳҳои мувофиқтарини амал кӯмак мекунад, хавфи қабули қарори хаторо бо сабаби маълумоти таҳрифшуда ё нодуруст дар бораи имкониятҳои корхона ва берунаи он коҳиш медиҳад. Ҳангоми таҳияи стратегия корхона ба итминони бештаре бояд ноил шавад, ки ба шарофати он ширкат метавонад тағйиротро дар муҳити беруна дар вақташ интизор шавад ва фавран ба онҳо аксуламал нишон диҳад.

Дар айни замон, дар соҳаи соҳибкорӣ стратегия чунин маъно дорад:

- "гузоштани ҳадафҳо ва таҳияи сиёсати мувофиқ барои ноил шудан ба онҳо" [8];
- "барномаи (нақшаи стратегии) амалиётҳое, ки афзалиятҳои мушкилот ва захираҳоро барои ноил шудан ба ҳадафи асосӣ муайян мекунад" [2];
- "системаи чорабиниҳои ташкилию иқтисодӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддати корхона" [1];
- "самти асосии корхона, таъмини ҳамоҳангсозии ҳадафҳо, имкониятҳои корхона ва манфиатҳои кормандон" [4];
- "таҳқиқоти оянда, таҳлили сенарияҳои имконпазири рушди корхона" [7, с.58];
- "низоми усулҳои идоракунии фаъолияти корхона" [12];
- консепсияи самарабахши фаъолияти соҳибкорӣ барои ноил шудан ба афзалиятҳои рақобатпазирии корхона;
- ғояе, ки дар муборизаи рақобатӣ бартарӣ медиҳад;
- маҷмӯи равандҳои умедбахш барои фаъолияти корхона.

Дар асоси таърифҳои дар боло овардашуда мо "стратегияи корхона" -ро чунин муайян мекунем: стратегияи корхона ин системаи таъсироти идоракунӣ ба муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилии коллективҳои меҳнатии корхона мебошад, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои корхона ва таъмини фаъолият ва рушди самарабахши он дар давраи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат равона карда шудаанд.

«Бояд қайд кард, ки барои ҳама корхонаҳо стратегияи ягона вуҷуд надорад, ҳар як корхона, ҳатто дар як соҳа беназир аст, аз ин рӯ, муайян кардани стратегияи ҳар як корхона аз якдигар фарқ дорад, зеро он ба мавқеи корхона дар бозор, иқтидори он, динамикаи рафтори рақибон, хусусиятҳои маҳсулот ё хидматҳои пешниҳодшаванда, вазъи иқтисодиёт, муҳити иҷтимоӣ ва бисёр омилҳои дигар вобаста аст. Дар баробари ин, меъёрҳои муайяни бунёдӣ ва моделҳои умумиҷамъбастии таҳияи стратегияи соҳибкорӣ мавҷуданд» [5, с.98]. (Расми 1.)




Расми 1. Таъмини инфрасохтори стратегияи соҳибкорӣ [5, с.99].
**Figure 1. Infrastructure support of business strategy [5, c.99].**

Самаранокии идоракунии рушди корхона аз бисёр ҷиҳат аз стратегияи дақиқи таҳияшудаи корхона вобаста аст, ки ҳадафи асосии он фаъолияти бомуваффақияти корхона ва қонеъгардонии ҳадди аксари талаботи ҳамаи шахсони дар татбиқи он иштирокдошта мебошад. Дар назарияи менеҷменти стратегӣ ин равандро моделҳои мухталиф муаррифӣ мекунанд, ки мавҷудияти марҳилаҳо барои онҳо муштараканд: ташаккули рисолат, таъини ҳадафҳо ва вақти расидан ба онҳо, таҳияи алтернативаҳо ба маҷмӯи ҳадафҳо; таҳлили босифати низоми мақсадҳо ва тафтиши мутобиқати онҳо; муайян кардани усулҳо ва воситаҳои асосии расидан ба ҳадафҳо ва ғайра.

«Дар ҳама гуна соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ташаккули стратегияи самаранок аз ғояи нави муайян кардани рисолат ва ҳадафи умумии корхона оғоз меёбад. Фаъолияти соҳибкорӣ бидуни ақидаи хуб дар шароити бозор ғайриимкон аст. Қобилиятҳои соҳибкорӣ, ҳамчун омили муҳимтарини истеҳсолот, пеш аз ҳама, дар тавлид, ҷамъоварӣ ва рушди ғояҳои нав зоҳир мешаванд (Расми 2.)» [5, с.117].




Расми 2. Марҳилаҳои таҳияи стратегияи рушди корхона [5, с.117].
**Figure 2. Stages of developing an enterprise development strategy [5, c.117].**

Стратегияи корхона бояд самтҳои асосии рушди корхонаро инъикос намояд. Ҳангоми иҷрои фаъолияти худ корхона рафтори худро дар мубориза бо рақибон ташаккул медиҳад, усулҳои нави истеҳсолотро кашф намуда, дар сиёсати нархгузорӣ ва сармоягузорӣ иштирок мекунад. Нақшаи рушди бомуваффақияти ҳар як корхона бояд барои муддати тӯлонӣ мувофиқ бошад ва бояд ба чандирии бозори муосир мутобиқ карда шавад. Маҳз нақша аст, ки дар бораи рушди ояндаи корхона маълумот медиҳад, марҳилаҳои пай дар пайи амалиётҳоро ташаккул медиҳад ва дар ҳолати зарурӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар шароити тағйирёбандаи бозор тасҳеҳро талаб мекунад. Инчунин, ҳар як корхона рисолатеро доро аст, яъне тавассути он корхона метавонад ҳадафи мавҷудияти худро дарк намояд. «Ин раванд аз муайян кардани маънои мавҷудияти корхона, ҳадаф, нақш ва ҷойгоҳи он дар иқтисоди бозорӣ иборат аст. Дар адабиёти хориҷӣ ин истилоҳ одатан рисолати корпоративӣ ё консепсияи соҳибкорӣ номида мешавад. Он самти фаъолиятро тавсиф мекунад, ки корхона онро дар асоси талаботи бозор, хусусияти истеъмолкунандагон, хосиятҳои маҳсулот ва мавҷудияти афзалиятҳои рақобатпазирӣ ва монеаҳо роҳнамоӣ мекунад» [6, с.129].

Рисолати корхона одатан дар шакли баёноти алоҳида зоҳир мешавад, ки як навъ рамзи корхона буда "фалсафа"-и идоракунӣ ва иқтисодии он, меъёрҳои иқтисодии даромаднокӣ, фаъолияти истеҳсолӣ ва сифати молҳоро ва дар ниҳоят, симои корхонаро муайян мекунад. Вазифаи возеҳу равшан баёншудаи корхона ба баланд бардоштани сифати қарорҳои стратегӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, рисолати корхона ба субъектҳои муҳити беруна ғояи умумиеро пешниҳод мекунад, ки корхона чӣ гуна аст, вай барои чӣ саъй мекунад, сиёсати корхона дар чист, чӣ арзишҳо дорад, фалсафаи он чӣ гуна аст, инчунин, он ба ташаккул ва мустаҳкам шудани симои корхона дар назди ҷомеа мусоидат мекунад.

Дар асоси рисолат ҳадафҳои корхона бо хусусиятҳои зерин ташаккул меёбанд. «Ҳадафҳо ва вазифаҳо бояд сатҳеро, ки бояд фаъолияти хидматрасонӣ ба мизоҷон оварда шавад, инъикос кунад. Онҳо бояд барои одамоне, ки дар ширкат кор мекунанд, ҳавасмандӣ эҷод кунанд» [6, с.129].

Сарфи назар аз вазъият дар интихоби ҳадафҳо, бояд ба як қатор равандҳо ишора намуд, ки дар доираи он корхона ҳадафҳои худро гузошта метавонад. Ба инҳо дохил мешаванд:

• даромади корхона (ҳаҷми даромад, фоида, даромад аз ҳар саҳмия ва ғ.);

• самаранокӣ (хароҷот, арзиши аслӣ, даромаднокӣ, ҳосилнокӣ, масолеҳғунҷоиш ва ғ.);

• мавқеи корхона дар бозор (ҳиссаи бозорӣ, ҳаҷми фурӯш, ҳиссаи молҳои алоҳида ва ғайра);

• захираҳои корхона, аз ҷумла молиявӣ, моддӣ, меҳнатӣ (сохтор ва бузургии сармояи асосӣ ва гардон, дороиҳои корхона, қарзҳои кредиторӣ ва дебиторӣ ва ғайра);

• иқтидори истеҳсолии корхона;

• маҳсулот (номгӯй, хелҳо, нишондиҳандаҳои сифат, рақобатпазирӣ, хароҷоти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва озмоиши конструкторӣ (КИТОК), муҳлати коркард ва рушд ва ғ.);

• тағйироти ташкилӣ дар корхона (вобаста ба ҷадвали ҳайат, сохтори истеҳсолот, вазифаҳои функсионалии кормандон ва ғ.);

• сифати кор бо мизоҷон (суръати хизматрасонӣ, шумораи шикоятҳо, даъвоҳо ва эътирозҳо (рекламатсия) ва ғ.);

• масъулияти иҷтимоии корхона (хайрия, ҳифзи муҳити зист ва ғ.);

• талаботи кормандон (музди меҳнат, шароити меҳнат ва истироҳат, рушди иҷтимоии коллектив).

Ба ҳадафҳо чунин талаботҳо гузошта мешаванд:

а) Вазифавӣ. Ҳадафҳо бояд вазифавӣ бошанд, то менеҷерони сатҳҳои гуногун тавонанд ҳадафҳои дар сатҳи баландтари идоракунӣ гузошташударо ба вазифаҳои зинаҳои поёнӣ табдил диҳанд;

б) Интихобӣ. Ҳадафҳо бояд тамаркузи зарурии захираҳо ва кӯшишҳоро таъмин кунанд. Дар шароити захираҳои маҳдуд бояд вазифаҳои асосии истеҳсолӣ аниқ муайян карда шаванд, то ки барои онҳо захираҳои инсонӣ, пулӣ ва моддӣ тамаркуз карда шаванд. Аз ин рӯ, ҳадафҳо бояд интихобӣ бошанд ва на ҳама чизро фаро гиранд;

в) Гуногунӣ. Зарурати гузоштани ҳадафҳо дар ҳама соҳаҳое, ки корхона нерӯи корӣ дорад;

г) Имконпазирӣ (воқеӣ будан). Мақсадҳои ғайривоқеӣ боиси паст шудани ангезаҳои ҳавасмандгардонии кормандон мегардад, ки ба фаъолияти корхона таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, ҳадафҳо бояд ба қадри кофӣ шиддатнок бошанд, то кормандонро рӯҳафтода накунанд. Дар айни замон, онҳо бояд имконпазир бошанд, яъне набояд аз имконоти иҷрокунандагон зиёд бошанд;

д) Чандирӣ. Ин маънои онро дорад, ки имконоти тағйир додани ҳадафҳо мувофиқи тағйирёбии муҳити берунӣ ва дохилии корхона дар раванди татбиқи онҳо мавҷуд бошад;

Параметр $c$ = 2,4319 - означает, что при увеличении объема жилья для каждого жителя на 1 м$^2$, общее количество рождаемости увеличивается до 2,43 тыс. человек. Этот фактор представляет собой тесную связь с результативным признаком.

Фактическое значение F-критерия Фишера равно 3642,21, и оно в значительной степени превосходит его табличное значение. Это означает, что качество построенной модели регрессии является хорошим и отклоняет нулевую гипотезу $H_0$. Гипотеза $H_0$- это отсутствие взаимосвязи результативного признака с факторными. Таким образом, представленная гипотеза является справедливой [9].

Фактическое значение $t$-статистики считается значимой для обоих факторных признаков $X_5$ и $X_8$.

В связи с тем, что модель регрессии (1) соответствует всем статистическим критериям, ее можно использовать для анализа и прогнозирования общего числа рождаемости населения страны в зависимости от демографических факторов.

В следующей таблице приводятся прогноз демографического процесса числа рождаемости населения страны на основе модели (1):




**Рисунок 41. - Прогнозирование демографических процессов**
**Источник: Расчет автора.**

**Таблица 4.**

**Прогнозные значения числа рождаемости населения страны на основе модели (1).**

| **Годы** | **Прогноз Y** |
|---|---|
| **2022** | 257,9 |
| **2023** | 262,0 |
| **2024** | 266,1 |
| **2025** | 270,2 |
| **2026** | 274,4 |
| **2027** | 278,5 |
| **2028** | 282,6 |
| **2029** | 286,7 |
| **2030** | 290,9 |

**Источник:** Расчет авторов.

Ожидается, что общее число рождаемости под воздействием упомянутых демографических факторов может возрасти к 2030 году до 290,9 тыс. чел, при прочих равных условиях [9].

Таким образом, можно подтвердить, что все экономико-демографические показатели тесно взаимосвязаны. Также выявлено что на показатель общего числа рождаемости влияет ряд других социально-экономических показателей [5].

Действительно, при планировании и прогнозировании любой экономический процесс, например, развитие производства каких-нибудь товаров или услуг, или социальной структуры населения в зависимости от размера и состава семьи во всех случаях, нам нужно определить, прежде всего, количество и состав участников этих социальных процессов в соответствии с половозрастным планом. Поскольку эти признаки общества оказывают значительное влияние на характер и развитие их деятельности и, естественно, напрямую влияют на характер и развитие социально-экономических процессов.

Как мы уже раньше упоминали, количество и качество численности населения со временным его всесторонним изменением все больше привлекает внимание ученых-демографов, а изменения этих показателей обусловливают спорные моменты. Кроме того, очень важно и необходимо уделять особое внимание прогнозированию показателя общего количества населения для того, чтобы оценить некоторые конкретные последствия демографических ситуаций [9].

Прежде всего, на основе прогнозирования появляются предположения и гипотезы, которые дают достоверную информацию о наблюдении изменений и количестве роста населения.

Отсюда можно сделать вывод, что со стороны государства и правительства страны приняты определенные меры для улучшения качества вышесказанных экономических показателей, принимаются государственные программы и концепции развития отрасли, которые могут повлиять на социально-демографический процесс, уровень жизни населения, а также на развитие экономики страны в целом. Демографические проблемы и его перспектива считаются одним из приоритетных направлений каждой страны и их регулирование осуществляется на основе законов и постановлений правительства страны. Республика Таджикистан считается страной, где уровень рождаемости населения выше по сравнению с показателем смертности. В этом плане правительство Республики Таджикистан принимает необходимые меры для улучшения качества жизни, условий проживания, здоровья и долголетия и социальной защиты населения. Прогнозирование численности и состава населения налажено на основе макроэкономических показателей. Для регулирования социально-демографических процессов необходимо уделять внимание на следующие факторы:

✓ Устранение и снижение уровня и качества жизни населения путём увеличения экономического роста, а также достижение социально-демографической стабильности страны;

✓ Предотвращение страны от чрезмерного повышения численности населения;

✓ Обеспечение населения продовольственными и потребительскими продуктами;

✓ Решение проблем, связанных с обеспечением эффективной занятости населения и повышение одновременно уровня высококвалифицированных трудовых ресурсов;

✓ Снижение бедности путём решения социально-экономических проблем, безработицы и эффективного использования экономических и природных ресурсов;

✓ Значительное увеличение эффективности экономических и производственных мощностей, путём обеспечения регулярного роста эффективности труда.

✓ Увеличение средней номинальной заработной платы.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Бобоева Р. М., Одинаев М. А., Табаров О. С Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р. М. Бобоева., М. А Одинаев., О. С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№6. - С. 27-33.
2. Барфиев Қ. Х., Мирзоев С. С., Одинаев М. А Истифодаи усули индексӣ дар омӯзиши сохтори таваллуд/ Қ. Х. Барфиев., С. С. Мирзоев., М. А. Одинаев // Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. -2020. -№2. (70). – С. 121-127.
3. Комилов А. К. Особенности воспроизводства населения Республики Таджикистан / А. К. Комилов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. - № 2/5. - С. 13-15.
4. Комилов А. К. Социально-экономические последствия рождаемости населения / А. К. Комилов // 20-летию Конституции Республики Таджикистан: материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, – Душанбе, 2014. – С. 78-82.
5. Мирзоев С. С., Одинаев М. А., Субҳонов А. И., Кабиров Ш. Р. Статистический анализ динамики численности населения и факторы её роста / С. С. Мирзоев., М. А. Одинаев., А. И. Субҳонов., Ш. Р. Кабиров // Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. ISSN 2310-3957 (3.2018). - С.101-106.
6. Мирзоев С.С., Одинаев М.А., Аҳмадов Ф.М. Характеристика современной демографической ситуации и тенденция ее изменения в Республике Таджикистан. Экономика Таджикистана. Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. –Душанбе, 2019. - №3. - С.112-120.
7. Одинаев М.А. Тенденция демографического развития регионов и её социально-экономические проблемы/ М.А.Одинаев, О.С.Табаров // Вестник ТНУ/Серия экономических наук № 2/10(152). -Душанбе: «Сино», 2014. - С. 98-103
8. Одинаев М.А. Иқтидори демографӣ ҳамчун омили рушддиҳандаи иқтисодиёт/ Одинаев М.А., Мирзоев С.С // Пайёми ДМТ/Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2019. -№ 7. - С. 99-105.
9. Одинаев М.А. Таҳқиқи омории тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон., диссертатсияи номзадӣ, Душанбе-2020. -С. 196.
10. Статистический сборник Республики Таджикистан: Агентство по статистике при Президенте РТ. – Душанбе, 2020.

**Одинаев М.А.**
**Табарзода О.С.**

**МОДЕЛСОЗИИ ИҚТИСОДӢ-ОМОРИИ РАВАНДҲОИ ДЕМОГРАФӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

*Дар мақола моделсозии иқтисодӣ ва омории равандҳои демографӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, инчунин маълумотҳои оморӣ доир ба рушди равандҳои демографӣ, нишондиҳандаҳои демографӣ аз рӯи ҷинс, синну сол, бозтавлиди аҳолӣ ва давомнокии умри аҳолӣ баҳо дода шудааст. Тағйирот дар равандҳои иҷтимоию демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси худро доранд ва аксарияти онҳо тамоюли мусбат доранд, ки дорои тавсифҳои гуногун мебошанд. Рафтори демографӣ ва талабот ба кӯдак, омилҳо ва сабабҳои тағйирёбии функсияи иқтисодии оила ва қонуниятҳои тағирёбии равандҳои иҷтимоӣ-демографӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ташкил намуда, аҳамият ва муҳимияти мавзӯъро муайян мекунад. Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои демографӣ ва рафтори демографии аҳолӣ дар маҷмӯъ хусусияти тағйирёбии доимиро доранд, ки бо омилҳои зиёде алоқаманд аст.*

***Калидвожаҳо***: *омор, коррелятсия, регрессия, аҳолӣ, сатҳи таваллуд, шикасти никоҳ, бозтавлиди аҳолӣ.*

Odinaev M.A.
Tabarzoda O. S.

**ECONOMIC AND STATISTICAL MODELING OF DEMOGRAPHIC PROCESSES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**Tajik national university**

*The article provides a statistical assessment of data on the development of demographic processes, demographic indicators by gender, age, reproduction and life expectancy. Changes in the socio-demographic processes of the Republic of Tajikistan have their own specific features, and most of them have a positive trend, including various characteristics. Demographic behavior and demand for children, factors and causes that affect the change in the economic function of the family and the patterns of changes in socio-demographic processes are the main content of the study, determining the importance and relevance of the topic. In the modern conditions of the Republic of Tajikistan, demographic processes and demographic behavior of the population as a whole have the character of constant change, which is associated with many factors.*

***Key words:*** *statistics, correlation, regression, population, social, fertility rate, divorce, reproduction,*

Сведение об авторах:

***Одинаев Мехрубон Абдурахмонович*** - *Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, ассистент кафедры статистики.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: Mehrubon.01@mail.ru. Телефон:* ***(+992) 900-17-17-59.***

***Табарзода Орифджон Сайдали****– к.э.н., дотсент, заведующей кафедрой кибернетики и цифровой экономики факультет учета и цифровой экономики ТНУ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе проспект Рудаки 17,* ***E-mail:*** *orif_tabarov@mail.ru,* ***телефон****: (+992) 918 67 52 50.*

***Information about the authors: Odinaev Mehrubon Abdurahmonovich*** - *Tajik National University, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: Mehrubon.01@mail.ru.* ***Phone: (+992) 900-17-17-59.***

***Tabarzoda Orifjon Saydali*** *– Tajik National University, candidate of the economic sciences, managing pulpit of the cybernetics and digital economy faculty account and digital economy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city Rudaki avenue 17, E-mail: orif_tabarov@mail.ru,* ***phone****: (+992) 918 67 52 50.*

УДК: 339.13 (575.3) Ҷабборов Ш.

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллии Тоҷикистон»-и назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Яке аз самтҳои асосии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шуғли аҳолӣ буда, ба ҷараёни босуръати рушди иҷтимоию иқтисодӣ вобастагии калон дорад ва бозори меҳнат яке аз ҷузъҳои ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ мебошад.*

*Категорияҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ,ки бо амалӣ намудани ҳуқуқи инсон дар бораи ихтиёрдории ободонии қобилиятҳои худ барои кор ва касб алоқаманд мебошад, дар робита бо ҳадафҳои бозори меҳнат муайян мегардад.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *шуғл, бозори меҳнат,қувваи корӣ, корфармо, коргар, иштирокчиёни бозор, пешниҳоди қувваи корӣ, малакаи касби коргар ва ғайра*

Имрӯз соҳаи шуғли аҳолӣ дар сохтори бозори меҳнат яке аз самтҳои муҳим ва калони рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Он на танҳо бозори меҳнат, балки истифодаи мушаххаси захираҳои меҳнатиро дар раванди механизми идоракунии бозор дар бар мегирад.

Бозори меҳнат ин системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, меъёрҳо ва институтҳои иҷтимоӣ мебошад, ки дар асоси риояи ҳуқуқҳо ва озодиҳои аз ҷониби ҳама эътирофшудаи инсон - ташаккул, тақсим, мубодила ва истеъмол (истифода)-и қувваи кориро кафолат медиҳад [1].

Бозори меҳнат хусусиятҳои зиёде аз ҷумла соҳаҳои мубодилаи меҳнат, такрористеҳсоли нерӯи меҳнат ва шуғли аҳолиро дар бар мегирад.

Дар илми иқтисод мафҳуми ягонаи "шуғл" вуҷуд надорад, гарчанде ки ин яке аз категорияҳои муҳими иҷтимоӣ - иқтисодӣ мебошад, ки бо амалӣ шудани ҳуқуқи инсон дар бораи ихтиёрдории озодонаи қобилиятҳои худ барои кор, интихоби намуди фаъолият ва касб алоқаманд аст. Он метавонад ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои байни одамон оид ба таъмини ҷойҳои корӣ ва иштирок дар иқтисодиёти ҷамъиятӣ баррасӣ карда шавад.

Масъалаҳои умумии шуғли аҳолӣ ва бо кор таъминкунӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» №44 аз 1 августи соли 2003 ба танзим дароварда шудаанд.

Дар моддаи 3-и қонуни мазкур «Шуғли аҳолӣ ва фаъолияти ба шуғл баробаркардашуда» қайд карда шудааст:

«Шаҳрвандон ҳуқуқи истисноии ихтиёрдорӣ намудани қобилияти худро ба меҳнати истеҳсолӣ ва эҷодӣ дошта, метавонанд ҳар гуна фаъолияти аз ҷониби қонунгузорӣ манънашударо иҷро намоянд. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муайян кардааст.

Давлат амалӣ гардонидани сиёсати мусоидат ба шуғли пурраю самаранок ва озодона интихобшударо, ки ба фароҳам овардани шароит баҳри амалӣ гардонидани ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат нигаронида шудааст, кафолат медиҳад» [2].

Дар иқтисодиёт мафҳуми "шуғл" иштироки аҳолии қобили меҳнатро дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонӣ дар назар дорад. Ин намуди шуғл аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро иқтидори иқтисодии ҷомеа, сатҳ ва сифати зиндагӣ, пешрафти иҷтимоию иқтисодии кишвар аз он вобаста аст.

Шуғли иқтисодӣ пеш аз ҳама тавсиф мешавад:

– фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муфиди одамон барои эҷоди неъматҳои моддӣ ва хидматҳо (инчунин хидматҳои маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ), ки дар натиҷаи он шуғл барои қонеъ кардани ниёзҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ хидмат мекунад;

– таъмин намудани шахс бо фаъолияти меҳнатӣ ва ҷои муайяни дақиқ ҷудошуда, ки ба шахси меҳнатӣ имкон медиҳад, то қобилиятҳои ҷисмонӣ, маънавӣ ва сифатҳои худро барои раванди фаъолияти меҳнатӣ нишон диҳад; аз ин рӯ, барои шуғл тавозуни захираҳои меҳнатӣ бо шумораи ҷойҳои корӣ аз ҷиҳати миқдорӣ ва сифатӣ аҳамияти калон дорад;

– шуғли аҳолӣ манбаи даромад дар шакли музди меҳнат, фоида ва шаклҳои дигар мебошад, ки даромад метавонад бо пули нақд ва шакли аслӣ ифода карда шавад.

Ҳамин тариқ, шуғли иқтисодии аҳолиро метавон ҳамчун як фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ барои истеҳсоли маҳсулоти ҷамъиятӣ муфид, ки бо ҷойҳои кории аниқ ба нақша гирифта шуда ва ҳамчун манбаи даромад хидмат мекунанд, баррасӣ кардан мумкин аст.

Дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд шаклҳои шуғли аҳолӣ мавҷуданд [3]. Вобаста аз хусусиятҳои сифатӣ, шуғл пурра, пурсамар [4], оқилона ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муфид аст (ниг. Тасвири 1).




**Тасвири 1 – Шаклҳои шуғли аҳолӣ**

Шаклҳои дар боло зикршудаи шуғли аҳолиро муфассал дида бароем:

1) Шуғли пурра - ҳолати иқтисодии ҷомеа мебошад, ки дар он тамоми аҳолии қобили меҳнат даромад доранд. Шуғли пурра набояд ҳамчун шуғли умумӣ, балки тавре, ки пешниҳоди қувваи корӣ ба талабот ба он мувофиқат мекунад, ҳисобида шавад. Дар ин маврид бекории даврӣ вуҷуд надорад, аммо ҳолати табиии он боқӣ мемонад. Бояд кори пурраи аҳолӣ ва шуғли пурраи корманд фарқ карда шавад.

2) Шуғли самаранок ба аҳолӣ сатҳи зиндагии шоиста фароҳам меорад, нигоҳдории вазъи саломатии кормандро кафолат медиҳад ва ба ӯ барои рушди ҳирфаии касбаш имконият фароҳам меорад. Ин шакли шуғл тақсимоти ҳудудӣ ва соҳавии захираҳои меҳнатиро аз рӯи соҳаҳои истифодаи меҳнат ва намудҳои фаъолият дар назар дорад. Ин имкон медиҳад, ки дар дилхоҳ вақт афзоиши неъматҳои моддӣ ва маънавӣ, мутаносибан истифодаи бомуваффақияти ҳар як корманд дар раванди меҳнат ба даст оварда шавад. Шуғли муваффақ ба афзоиши сатҳи некӯаҳволии иҷтимоӣ ва беҳтар шудани сифати зиндагии шаҳрвандони алоҳида мусоидат мекунад [5].

Дар сурати якҷоягии ду шуғл пурра ва самаранок, ду проблемаи муҳим фавран ҳалли худро меёбанд: барои одамон шумораи кофии ҷойҳои корӣ ташкил ёфта, корхонаҳо ва ташкилотҳо бо қувваи кории зарурӣ таъмин карда мешаванд. Ҷанбаи аввал доираи манфиатҳои аҳолиро, ки дар қаламрави муайян зиндагӣ мекунанд ва саволи дуюм - маҷмӯи манфиатҳои соҳаи фаъолияти ширкатҳоро инъикос мекунад. Ноил гардидан ба сатҳи муносиби шуғли аҳолӣ муҳимтарин ҳадафи субъектҳои соҳибкорӣ, мутлақо вазифаи муҳими мақомоти давлатӣ мебошад.

Раванди омезиши муносиби шуғли пурра ва самарабахши аҳолӣ шуғли оқилонаро муқаррар мекунад [6].

3) Шуғли оқилона тақсим ва истифодаи захираҳои меҳнатиро бо дарназардошти ҷойгиршавии он дар қаламрави давлат, синну сол ва сохтори таҳсилот ва шеваҳои такрористеҳсолкунии аҳолии қобили меҳнат таъмин менамояд.

4) Шуғли фоиданоки ҷамъиятӣ аз рӯи шумораи одамони қобили меҳнат, ки на танҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ кор, балки хизмати ҳарбӣ ё дар муассисаи олии таълимӣ таҳсил мекунанд, муайян карда мешавад.

Он гуногунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки дар бозори меҳнат ба амал меоянд, мавҷудияти шаклҳои гуногуни шуғлро ба вуҷуд меоранд. Яке аз таснифоти шуғл тақсимоти он ба шуғли стандартӣ ва ғайристандартӣ мебошад.

Шуғли маъмулӣ - ин кори пурравақт дар асоси шартномаҳои кушода ва таҳти назорати бевоситаи корфармо мебошад.

Шаклҳои ғайристандартии шуғли аҳолӣ инҳоро дар бар мегиранд:

– шуғли нопурра - вазъиятро ифода мекунад, ки як қисми муайяни аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол бо меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ фаро гирифта шудаанд;

– шуғли пинҳонии аҳолӣ бо он хос аст, ки баъзе аз шахсони рухсатии бемузд, бекорон, нафақахӯрон ба савдо машғуланд, ба аҳолӣ хидматҳои гуногун (таъмир, сохтмон ва ғ.) мерасонанд ва аз бақайдгирии онҳо ҳамчун кор канорагирӣ мекунанд;

– шуғли мавсимӣ – даврӣ буда, (одатан, дар фаслҳои муайян) ҷалби аҳолии қобили меҳнат бо назардошти хусусиятҳои табиӣ ва табиӣ - иқлимӣ ба фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад;

– шуғл дар асоси шартномаҳои дорои хусусияти қонунӣ-шаҳрвандӣ дошта;

– шуғл бо меъёрҳои зиёд;

– шуғл аз рӯи вақт, яъне дар асоси созишномаҳои меҳнатӣ, ки барои як давраи муайян ҳисоб карда мешаванд;

– шуғли иловагӣ - меҳнати шаҳрвандон, ки на ба ҷои кори асосӣ, балки ба кори иловагӣ алоқаманд аст;

– шуғли ғайрирасмӣ фаро мегирад: шуғл аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ, шуғли кироя аз ҷониби шахсони воқеӣ, шуғл дар хонавода бо истеҳсоли молҳо барои фурӯш.

Ноил шудан ба шуғли пурра ва самаранок аз ташаккули сармояи инсонӣ ҷудонопазир аст, ки маънои сармоягузорӣ ба соҳаи илм, тандурустӣ ва бозомӯзии касбиро дорад.

Бозори меҳнат ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ системаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои корфармоён ва меҳнати кироя мебошад. Ин категорияи иҷтимоию иқтисодӣ механизми мушаххаси таърихии ташаккулёфтаро дар бар мегирад, ки маҷмӯи муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатиро татбиқ, инчунин ба барқарор ва нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои байни меҳнаткашон, соҳибкорон ва давлат мусоидат мекунад.

Ҷузъҳои асосии бозори меҳнат пешниҳоди маҷмӯӣ мебошанд, ки тамоми қувваи кории кироя аз ҳисоби аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва талабот дар маҷмӯъ, ҳамчун ниёзмандии умумии иқтисод ба меҳнати кирояро фаро мегирад.

Дар робита бо ҳадафҳои бозори меҳнат, сохтори онро бо хусусиятҳои гуногун муайян кардан мумкин аст, ба монанди:

– субъектҳои бозори меҳнат (кормандони кироя, корфармоён, давлат);

– лоиҳаҳои молиявӣ, қарорҳо ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки субъектҳо қабул кардаанд (санадҳои қонунгузорӣ, меъёрҳо, қоидаҳои танзими муносибатҳои байни иштирокчиёни бозор);

– механизми бозор (талабот, пешниҳоди қувваи корӣ, нархи қувваи корӣ, рақобат);

– бекорӣ ва кумакҳои иҷтимоӣ, ки бо он алоқаманданд; - инфрасохтори бозор.

Мисли ҳама гуна соҳаҳои фаъолият, бозори меҳнат дорои субъектҳои дар расми 2 нишон додашуда мебошад. Онҳоро муфассал дида бароем.




**Тасвири 2 – Субъектҳои асосии бозори меҳнат (таълифи муаллиф)**

Вобаста аз мансубияти моликияти фирма корфармо метавонад бо "андомҳо"-и мухталиф муаррифӣ шавад. Онҳо метавонанд: шахси воқеӣ, ки барои худ кор мекунад ва як ё якчанд нафарро киро мекунад, директори як корхонаи хурди хусусӣ; корхона ва ташкилотҳои давлатӣ, шаҳрӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомии калон ва ширкатҳои умумӣ бошанд.

Дар ибтидо соҳибкорон ва коргарони кироя дар бозори меҳнат доираи манфиатҳои мухталиф доранд. Соҳибкорон, ки дар як вақт ҳамчун корфармоён низ муаррифӣ карда мешаванд, барои ноил шудан ба нафъи хеш бо истифодаи қувваи корӣ, ки иҷроиши амалҳои дақиқ ва возеҳи вазифаҳои кориро аз ҷониби кормандон дар назар доранд, манфиатдор ҳастанд.

Коргарони кироя - одамоне мебошанд, ки дар асоси фурӯши қувваи кории худ ба корфармо ҳамчун соҳиби меҳнат ба раванди фаъолияти меҳнатӣ дохил карда шудаанд. Дар навбати худ, соҳибмол муассиси раванди истеҳсоли молу хидматҳо мебошад. Ин мутаносибан одамони аз ҷиҳати ҷинс ва синну сол, сатҳи таълим ва омодагии касбӣ гуногун мебошанд, ки дар бозори меҳнат талабот доранд. Некӯаҳволии онҳо аз он вобаста аст, ки ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ то чӣ андоза қодир ба фурӯши қувваи худ (маҳорат, дониш ва таҷриба) буданд. Одамоне, ки ба ёфтани кор машғуланд, шаҳрвандони озод мебошанд, ки барои онҳо шуғли кироя манбаи асосии даромад, зиндагӣ аст. Онҳо барои соҳибкор арзиши гуногун доранд, зеро онҳо бо синну сол, ҷинсият, мансубияти касбӣ, сатҳи маълумот ва тахассус, таҷриба ва собиқаи корӣ фарқ мекунанд. Дар байни онҳо, бахусус нафароне, ки мақоми бекор доранду дар ёфтани кори дорои музди меҳнати хуб мушкилот доранд, фарқ мекунад.

Муносибати байни субъектҳои бозори меҳнат дар се марҳилаи асосӣ: ҳангоми киро кардани қувваҳои корӣ, ҳангоми муқаррар ё иваз намудани шароити корӣ, яъне дар доираи муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳангоми аз вазифа озод кардани кормандони кироя амалӣ карда мешавад.

Меъёрҳои асосии муваффақонаи таъмини кадр ба кор инҳоянд:

1) таълими баландсифат, ки ба инсон имкон медиҳад, ки ҳарчи зудтар ҷои кор пайдо кунад;

2) мукаммал намудани таркиби маълумот дар бораи мавҷудияти ҷойҳои корӣ;

3) манъи ҳама гуна шакли табъиз ҳангоми ба кор қабул намудан.

Давлат ҳамчун субъекти асосии бозори меҳнат бо мақсади таъмини сиёсати иҷтимоии давлат, татбиқи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон ва дар натиҷа такмил додани механизми бозори меҳнат ба ҳайси катализатор баромад мекунад.

Дар натиҷаи амали механизми талабот ва пешниҳод вазифаҳои асосии бозори меҳнатро фарқ кардан мумкин аст:

– тасдиқи системаи тамос байни корфармоён ва кормандони кироя;

– таъмини муборизаи рақобатпазир дар бозори меҳнат ҳам миёни корфармоён ва ҳам кормандони кироя;

– тасдиқи меъёрҳои мувозинати музди меҳнат;

– мусоидат дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ;

– расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ба бекорон.

Дар бозори меҳнат чунин имконият амалӣ карда мешавад:

– интихоби озоди касб, соҳа ва ҷои фаъолият, ки бо пешниҳодҳои афзалиятнок ҳавасманд карда мешавад (сатҳи музд, имконияти татбиқи идеяҳои эҷодӣ ва ғ.);

– мутобиқи қонунгузории меҳнат, ки манфиатҳои шаҳрвандонро аз ҷиҳати кафолати шуғл, шароити кор ва пардохти он ҳимоя мекунад, ба кор қабул ва сабукдӯш кардан;

– муҳоҷирати мустақилона ва ҳамзамон аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳавасмандгардидаи захираҳои меҳнатӣ миёни минтақаҳо, соҳаҳо ва гурӯҳҳои тахассусии касбӣ, ки одатан беҳбудии шароити зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатиро ҳамроҳӣ мекунад, ба он ҳузури пешрафтаи бозорҳои манзили баландсифати дар ҳама ҷо барои мардум дастрас, молҳои истеъмолӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва маънавӣ мусоидат мекунад;

– ҳаракати озоди музди меҳнат ва дигар даромадҳо ҳангоми нигоҳ доштани афзалияти тахассус ва таҳсилот, риояи ҳадди ақали музди меҳнати қонун кафолат дода, таъмини музди меҳнат ва танзими ҳудуди болоии даромад тавассути системаи андоз, ки ба миқёси афзоянда (прогрессивӣ) асос ёфтааст.

Ҳадафи ниҳоии бозори меҳнат:

1). - қонеъ кардани манфиатҳои касбӣ, меҳнатӣ ва ҳаётан муҳими аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, аз ҷумла соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмин намудани иқтисоди миллӣ бо захираҳои инсонии ниёзманд;

2). - ба даст овардани ҳадди аксар ва ҳадди ақали шуғли қатъӣ, бо назардошти зарурати як ҳафтаи корӣ, ҷадвали лағжиши рӯзи кор ва ғайра мебошад.

Фаъолияти бозори меҳнат як қатор хусусиятҳои муҳимро дар бар мегирад, ки як қатори онҳоро қайд кардан мумкин аст:

1) Дахлнопазирии ҳуқуқи моликият ба мол аз соҳиби он. Фаъолияти меҳнатӣ раванди сарф кардани қувваи кории соҳиби онро дар бар мегирад; дар ҷараёни фурӯш ва хариди сифатҳои меҳнатӣ муносибати махсус ба вуҷуд меояд.

2) Давомнокии назарраси тамос байни фурӯшанда ва харидор. Созишномаҳои бозори меҳнат оғози муносибатҳои дарозмуддати байни фурӯшанда ва харидорро дар бар мегиранд.

3) Таъсири шартҳои ғайрипулии амалиёт (шароити кор, муносибатҳои гурӯҳӣ, имкониятҳои баланд баромадани мансабӣ).

4) Мавҷудияти шумораи зиёди сохторҳои институтсионалии навъи махсус, ки сохтори қонунгузории меҳнат, муассисаҳо ва хадамоти гуногуни танзими шуғл, барномаҳои давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғл ва ғайраро дар бар мегиранд.

5) Сатҳи баланди фардисозии амалиётҳо. Онҳо бо ҷойҳои гуногуни кор фарқ мекунанд ва аз номзад малакаҳои махсусро талаб мекунанд.

Фаъолияти бозори меҳнат, мисли дигар сохторҳои истеҳсолӣ, ба ҳамон принсипҳое асос ёфтааст, ки бозори молҳои истеъмолӣ ва хидматрасонӣ доранд.

Ба назар чунин мерасад, ки омӯзиши механизми талабот ва пешниҳод роҳи асосии омӯзиши ҳарду мебошад. Аммо, фаъолияти бозори меҳнат як қатор хусусиятҳо дорад. Онҳоро хислат ва сифатҳои фарқкунандаи такрористеҳсоли қувваи корӣ муттаҳид мекунанд.

Хусусияти аввал ин ҳуқуқи молик аз маҳсулот – қувваи корӣ аз соҳиби он ҷудонашаванда мебошад. Дар бозори меҳнат харидор танҳо имкон пайдо мекунад, ки имкониятҳоро ба меҳнати қувваи корӣ татбиқ кунад. Дар айни замон, харидор на танҳо қувваи корӣ ба даст меорад, балки бо шахсе, ки ҳамчун шахси мустақил ҳуқуқҳои муайян дорад, робита дошта, бояд онҳоро риоя кунад. Аз ин рӯ, чунин харидорро корфармо номидан дурусттар аст.

Хусусияти дуюм дар ҳамкории нисбатан дарозмуддати фурӯшанда ва корфармо (дар муқоиса бо бозори озуқаворӣ) ба амал меояд, ки дар муносибатҳои онҳо осори худро мегузорад ва ин дар рақобатпазирии ширкат нақши муҳим мебозад. Корманд метавонад мустақилона сифати кори худро назорат кунад, бо самаранокии мухталиф кор кунад ва ба ширкате, ки ӯро киро кардааст, содиқии мухталиф нишон диҳад.

Мавҷудияти шумораи зиёди сохторҳои институтсионалӣ хусусияти сеюми бозори меҳнат мебошад. Он бевосита бо асолати муносибатҳои намояндагони бозори меҳнат, бо зарурати танзими муфассали ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти онҳо алоқаманд аст.

Хусусияти чорум дараҷаи баланди фардисозии амалиётҳоро ифода мекунад, ки бо дараҷаи гуногуни касбӣ ва тахассусии қувваи корӣ, технология, системаи кор, гузариш ба консепсияи шартномавии кироя ва ғайра алоқаманд аст.

Вижагии мубодилаи қувваи корӣ нисбат ба мубодилаи мол хусусияти панҷум аст. Он ба тартиби мубодилаи қувваи корӣ дар муқоиса бо мубодилаи мол аз соҳаи муомилоти мол ва қувваи корӣ дар шакли гузаштани ҳуқуқи истифодаи қобилияти харидор асос ёфтааст. Ин раванд дар шартнома ё шартномаи коллективӣ пешбинӣ шудааст. Ғайр аз, он дар шакли мубодилаи қувваи кории мавҷудаи меҳнати воқеӣ - ба музди меҳнати номиналӣ идома меёбад ва дар бозори молу хизматрасониҳо ба анҷом мерасад. Аз ин хусусият ду натиҷа бармеояд. Якум, бозори меҳнат намудҳои гуногуни бозорҳоро муттаҳид мекунад. Дуввум, музди воқеӣ мувофиқи натиҷаҳои ниҳоӣ ва бо нархи маҳсулоти фурӯхташуда, ки бо ин меҳнат ба вуҷуд омадааст, пардохт карда мешавад.

Инчунин, барои корманд ҷанбаҳои ғайрипулии амалиёт низ аҳамияти кам надоранд, аз ҷумла:

1) мазмун ва шароити кор;
2) кафолати ҳифзи ҷойҳои корӣ;
3) дурнамои пешрафти мансабӣ ва дурнамои рушди касбӣ;
4) муносибат дар гурӯҳ ва ғайра.

Шарти муҳимтарини ташаккул ва фаъолияти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар якҷоягӣ бо гуфтаҳои боло "такмил додани иқтидори институтсионалӣ (маҷмӯи заминаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ дар якҷоягӣ бо институтҳои дахлдор" мебошад [7].

Бо дарназардошти хусусиятҳои дар боло зикргардидаи фаъолияти бозори меҳнат, мо метавонем ба хулоса оем, ки ҳам талабот ба меҳнат ва ҳам пешниҳоди меҳнат, пеш аз ҳама, аз нархи татбиқи он вобаста аст, ки дар шароити рақобати бозор дар шакли нархи мувозинати бозор пайдо мешавад. Истеҳсолкунанда қарор қабул мекунад, ки дар асоси нархи бозор чӣ қадар мол истеҳсол кунад, эҳтиёҷоти худро ба қувваи корӣ (ба меҳнат), бо қоидаҳои маълуми кироя муайян мекунанд.

**Литература:**

1. Павленко, В. А. Рынок труда / В. А. Павленко. - М.: Юристъ, 2010. - 21-23 с.
2. Закон Республики Таджикистан «О содействии занятости населения» №44 от 1 августам 2003 года.
3. Буланов, В. С. Некоторые методологические вопросы исследования рынка труда / В. С. Буланов. - М.: ИНФРА-М, 2009. - 66-72 с.
4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года – Душанбе, 2016.
5. Бабаджанов Р.М. Продуктивная занятость и основные направления ее обеспечения в Республике Таджикистан // В сборнике: Россия в XXI веке: глобальные вызовы и перспективы развития. Пленарные доклады / Материалы Девятого Международного форума. – М.: ИПР РАН, 2020. С. 37-43.
6. Саруханов Э. Р. Рынок труда и рынок занятости / Э. Р. Саруханов // Человек и труд. – 2009. - № 2. – С. 48-52.
7. Бабаджанов Р.М. Совершенствование институциональных основ формирования и функционирования рынка труда в Республике Таджикистан //Экономика Таджикистана. 2019. № 3. С. 141-147.

**Джабборов Ш.**

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РЫНКА ЗАНЯТОСТИ И ТРУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**Государственное учреждение «Национальный музей Таджикистана» при Администрации Президента Республики Таджикистан**

*Одним из основных направлений рынка труда в Республике Таджикистан является занятость населения, которая сильно зависит от темпов социально-экономического развития, а рынок труда является одной из неотъемлемых частей рыночной экономики.*

*Важные социально-экономические категории, связанные с осуществлением прав человека, такие как право на развитие своих способностей к работе и профессии, определяются в соответствии с целями рынка труда.*

***Ключевые слова:*** *занятость, рынок труда, работодатель, участники рынка, предложение рабочей силы и др.*

**Jabborov Sh.**

**THEORETICAL ASPECTS OF THE EMPLOYMENT AND LABOR MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**State institution "National Museum of Tajikistan" under the Executive office of the President of the Republic of Tajikistan**

*One of the main directions of the labor market in the Republic of Tajikistan is employment of the population, which strongly depends on the rate of socio-economic development, and the labor market is one of the integral parts of the market economy.*

*Important socio-economic categories related to the enjoyment of human rights, such as the right to develop one's abilities for work and profession, are defined in accordance with the objectives of the labor market.*

***Key words:*** *employment, labor market, employer, market participants, labor supply, etc.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ҷабборов Шервоншоҳ Сайёдович*** *муовини сардори Раёсати техникӣ-муҳандисии МД ОМТ-и назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел.:98 833 8875; Почтаи электронӣ: good_88_88@mai.ru*

**УДК 336+336.7 (075.8)**

**Комилов Н.Б.**

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ СОҲИБКОРИИ ЗАНОН ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

*Дар мақолаи мазкур таҳлили ҳолати воқеъии соҳибкории занон дар Тоҷикистон, ҷанбаҳои назариявию таҳлилӣ мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Муаллифи мақола кӯшиш намудааст,ки вазъи воқеъии фаъолияти соҳибкории занонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомотҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар самти фаъолияти занони соҳибкор, имкониятҳои маҳдуди дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоотӣ, молиявии занони соҳибкор, миқдори гирандагони грантҳои Президентӣ аз ҳисоби занони соҳибкор дар минтақаҳои кишвар дар солҳои таҳлилшаванда, таҳлили вазъи кунунии грантҳои Президентӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро мавриди таҳлилу омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, муаллиф дар бораи фаро гирифта шудани занон ба соҳибкорӣ, сиёсати давдатӣ дар ин самт, душвориҳо ва монеъаҳо барои ташкили соҳибкории занон ва дигар ниҳодҳо маълумот дода ва аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намояд. Масъалаҳои дастрасии молиявии занони соҳибкор, додани қарзҳои имтиёзнок ва умуман дигар монеъаҳое, ки боиси рушд накардани фаъолияти соҳибкории занон мегардад, аз ҷониби муаллиф дарёфт гардида, барои баромадан аз ин мушкилотҳо пешниҳодҳои мушаххас кардааст.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *занони соҳибкор, грантҳои Президентӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии занони соҳибкор, сиёсати давлатӣ, имтиёзҳои фаъолияти соҳибкорӣ.*

Баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон дар заминаи гузаштан ба иқтисоди бозоргонӣ ба ташаккул ва рушди соҳибкории хурду миёна эътибори хоса дода шуд. Дар фаъолияти соҳибкорӣ занону бонувон низ фаъолона ширкат меварзанд. Одатан, соҳибкории занон аксар вақт ҳаҷман хурд буда, бештар дар асоси инфиродӣ ба роҳ монда мешавад. Соҳибкории бонувон бештар дар он соҳаҳо ба роҳ монда мешавад, ки барои ташкили он сармояи хурд масраф мегардад, маблағгузории бузург талаб карда намешавад. Аз ин лиҳоз, бонувон бештар дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ бо соҳибкорӣ машғул мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷалби занон ба соҳаи соҳибкории хурду миёна дар сатҳи давлатӣ тадбирҳо андешида мешаванд. Ба ин масъала аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пайваста таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Чунончи, ҳангоми вохӯрӣ бо соҳибкорони мамлакат Президенти кишварамон якчанд масъалаҳоро оиди ҷалби бонувон ба соҳибкории хурд мавриди баррасӣ қарор дода буд. Баъди ин вохӯрӣ монеъаҳои бюрократӣ дар масъалаи бақайдгирии соҳибкорзанон аз байн бардошта шуданд, низоми содаи андозситонӣ ҷорӣ гардид, миқдори тафтишҳо кам карда шудаанд, китоби қайди тафтиши объектҳои соҳибкории хурд ҷорӣ гардид ва ғ. [1, 45-55].

Дар Тоҷикистон низ мақомотҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ амал мекунанд, ки онҳо соҳибкории занонро дастгирӣ мекунанд. Нақши асосиро дар ин самт Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебозад, ки он ваколатҳои зиёдро дар масъалаи таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатии гендерӣ, таъмини баробарии гендерӣ, дастгирии бонувон ва тайёрии касбии онҳо, гузаронидани тадқиқот, баррасии шикоятҳо, ҳимояи ҳуқуқи бонувон тавассути васоити ахбори омма, назорат аз болои мутобиқати қонунҳо ба стандартҳои байналмилалӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ иҷро мекунад. Дар назди Кумитаи кор бо занон марказҳои иттилоотӣ-машваратӣ ва буҳронии минтақавӣ дар тамоми мамлакат амал мекунанд, ки онҳо аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Мақсади тадқиқоти таҳлилӣ муайян намудани ҳолати дастрасии субъектҳои

соҳибкорӣ, хусусан, занони соҳибкор ба маблағгузории давлатӣ дар самти дастгирии молиявӣ ва қарзҳои имтиёзнок ва дар асоси он пешкаш намудани пешниҳодот ва тавсияҳои шахсии таҳлилгар оид ба беҳтар ва сода намудани дастрасии субъектҳои соҳибкории ҷумҳурӣ ба маблағгузориҳои имтиёзноки давлатӣ мебошад.

Нақши занҳо дар бахши соҳибкорӣ сол то сол зиёд мешавад, аммо ҳануз мушкилиҳо зиёданд, ки асоситарини онҳо - имкониятҳои маҳдуди дастрасӣ ба манбаъҳои иттилоотӣ, молиявӣ, омузиш, роҳ наёфтан ба бозор, номукаммалии базаи ҳуқуқӣ, инчунин, «стартап»-ҳо мебошанд. Дар самти ташкил, дастгирӣ ва рушди соҳибкории бонувон нақши "Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон" хеле назаррас аст. Ташкилоти мазкур соли 1995 дар шаҳру вилояти Суғд ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ таъсис ёфтааст. Аз соли 2000 инҷониб ин Ассотсиатсия мақоми миллиро соҳиб мегардад. Ассотсиатсия фаъолияти хешро баҳри паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон равона сохта, ба дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна, ташкили омӯзиши асосҳои соҳибкорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории бонувон аҳамияти ҷиддӣ медиҳад. Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон муассиси ташкилоти қарздиҳии хурди «Имон Интернешнл», ташкилоти ғайри давлатии Маркази бонувон «Гулрухсор», ташкилоти дастовардҳои ҷавонони Тоҷикистон (Намояндагии Junior Achievements International, ИМА), ҶДММ «Озара», Маркази омӯзишии «Таҷрибаи пешқадам дар Бизнес ва Молия» ба шумор меравад [3,48].

Мақсади асосии дастгирии занон ва бонувони соҳибкор аз инҳо иборат мебошанд:

- зиёд кардани ҷойҳои нави корӣ;
- ҷалби занони хонанишин ба фаъолияти корӣ;
- афзунгардонии маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар;
- кам кардани сатҳи бекорӣ;
- таъмин намудани бозори дохилӣ бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ;
- паст кардани сатҳи камбизоатӣ.

Барои дастгирӣ кардани занони соҳибкор бояд ягон сарчашмаи маблағгузорӣ бошад. Тавре маълум аст, фаъолияти соҳибкорӣ бидуни сарчашмаҳои маблағгузорӣ пеш рафта наметавонад. Яке аз сарчашмаҳои асосии соҳибкорӣ дар замони муосир воситаҳои пулии низоми бонкӣ ба шумор меравад. Аз ҳамин нуқтаи назар метавон сарчашмаҳои маблағгузории дастрасии занони соҳибкорро ба чунин гурӯҳҳо тақсим намоем:

- қарзҳои имтиёзнок;
- қарзҳои дарозмуддат;
- дастрасии озоди воситаҳои қарзӣ дар минтақаҳои дурдаст;
- грантҳои Президентӣ

Вусъати соҳибкории занон барои ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат мекунад. Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти тавсеаи соҳибкории занон иқдомҳои муайяне роҳандозӣ кардааст. Пешниҳоди "грант" ба соҳибкорзанон ва пурзӯр намудани тадбирҳо барои тақвияти баробарии гендерӣ аз ҷумлаи онҳо маҳсуб меёбанд.

Аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ ҳам дар қаламрави ҷумҳурӣ чанд лоиҳа амалӣ гардид, ки ҳадафи онҳо рушди соҳибкорӣ миёни занон буд. Тавассути гузаронидани бизнес-курсҳо, давраҳои омӯзишӣ ва озмунҳо барои занон имкони дарёфти корро фароҳам меоранд. Аммо ҷиҳати иштироки боз ҳам фаъолтари зан дар ҳаёти иқтисодии кишвар як қатор корҳоро бояд ба сомон расонд, то ки саҳми зану мард дар ин самт баробар гардад. Мавриди тазаккур аст, ки тайи солҳои охир теъдоди занҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ рӯ овардаанд, дар ҳоли афзоиш мебошад.

**Инфографикаи 1**

**Шумораи соҳибкории инфиродӣ аз ҳисоби занон дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**




**Сарчашма: Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ, Ҳисоботи раиси Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ дар соли 2019.-С.23-24.**

Ба хотири ҳавасманд шудани занону бонувони соҳибкор аз соли 2006 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои заноне, ки муваффақ ҳастанд, дар самти фаъолияти соҳибкорӣ гратҳои Президентӣ таъсис ёфт. Грантҳои мазкур баҳри боло бардоштани рақобатпазирии бонувони соҳибкор, баланд бардоштани дараҷаи касбӣ ва тайёрии касбии онҳо равона мегарданд.

Ҳамзамон, барои дастрасии занон ба сарчашмаҳои иқтисодӣ аз 2 ноябри соли 2015 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкил ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии рушди фаъолияти занони соҳибкор барои солҳои 2016-2020” қабул гардид. Маврид ба зикр аст, ки аз соли 2006 сар карда, то инҷониб ҳамасола бахри гирифтани грантҳои Президентӣ аз ҷониби Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон байни занони соҳибкор озмунҳо гузаронида мешавад.

**Ҷадвали 1**

**Миқдори гирандагони грантҳои Президентӣ аз ҳисоби занони соҳибкор дар минтақаҳои кишвар дар солҳои 2019-2020**

| | Минтақаҳо | 2019 | | | 2020 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Миқдори грант | Маблағи грант (бо ҳаз.сом) | Ҷои корӣ (нафар) | Миқдори грант | Маблағи грант (бо ҳаз.сом) | Ҷои корӣ (нафар) |
| 1 | ш.Душанбе | 7 | 180 | 29 | 6 | 180 | 25 |
| 2 | НТҶ | 17 | 450 | 68 | 13 | 340 | 56 |
| 3 | Хатлон | 31 | 800 | 107 | 30 | 700 | 99 |
| 4 | Суғд | 12 | 220 | 33 | 18 | 450 | 64 |
| 5 | ВМКБ | 8 | 240 | 33 | 13 | 330 | 46 |
| 6 | Ҷумҳурӣ | 80 | 2000 000 | 286 | 80 | 2000 000 | 290 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотномаи Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи раиси Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ дар соли 2020.-С.20**

Ҳаҷми умумии маблағгузориҳо аз ҳисоби грантҳои Президентӣ аз соли 2014 то 2017 - 8 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар соли 2018 ин намуди маблағгузориҳо аз грантҳои мазкур нисбат ба 4 соли охир чор маротиба афзуд. Танҳо дар соли 2018 аз ҳисоби грантҳои Президентӣ дар тули чор сол дар давраи солҳои 2014-2017 ҳамагӣ 8 млн. сомониро ташкил дода буд, ки ба ҳар яке аз солҳои он 2 млн. сомонӣ рост меояд. Ин нишондиҳанда дар тули ду соли охир, яъне солҳои 2019-2020 бо маблағи 4 млн сомонӣ расидааст.

Дар кадом соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ фаъол будани занонро дар асоси таҳлили лоиҳаҳо баҳри дарёфти грантҳо тавассути озмунҳои миллӣ муайян намудан мумкин аст. Тибқи таҳлилҳо маълум шуд, ки аз он миқдор грантҳои ҷудошуда ба занони соҳибкор дар соҳаҳои зерин ба лоиҳаҳои пешниҳод намудаашон соҳиби грантҳо гаштанд: таъсиси коргоҳи дӯзандагӣ ва эҳёи ҳунармандӣ (30%), хӯрокпазӣ (15%), асалпарварӣ (20%), истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (15%), чорводорӣ (15%) ва хизматрасонӣ (5%).

Дар минтақаи Кӯлоб теъдоди занҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ангуштшумор нест, аммо баъзе мушкилиҳо, монанди гаронии андоз, сатҳи пасти дониши молиявӣ, набудани малакаи соҳибкорӣ, фишорҳо аз ҷониби бархе мақомот, дарёфт накардани сармоя, баланд будани меъёри қарзҳои бонкӣ роҳи онҳоро барои муваффақ шудан душвор мекунанд.

Маблағи грантҳои Президентӣ барои занони соҳибкори ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ҷудогардида дар самтҳои рушди соҳибкории хурд ва миёна, ба касбомузӣ ҷалб намудани занону духтарон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занону духтарон,

кишоварзӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, самтҳои эҳёи ҳунарҳои миллии мардумӣ, таъсиси коргоҳҳои хурд, ҳунарҳои дастӣ, қолинбофӣ, парвариши чорво, паррандапарварӣ, моҳипарварӣ, коркарди меваи хушк ва ғайраҳо равона гардида аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз рӯйи маълумоти соли 2020 дар соҳаҳои мухталифи соҳибкорӣ фоизи занон ба таври зайл муқаррар шудааст: савдои яклухт - 6%, сохтмон - 9%, истеҳсоли маҳсулотҳои истеъмолӣ - 10%, дорусозӣ (фармасевтика) -10%, хӯроки умумӣ 14%, нақлиёт 14%, хизматрасонии тиббӣ – 21 %, хизмати маишӣ – 25%, туризм ва бизнеси меҳмонхонаҳо – 39% (4, с.300). Бояд тазаккур дод, ки теъдоди занони соҳибкор дар соҳаи савдо дар бозорҳо хеле зиёданд.

Дар кадом соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ фаъол будани занони соҳибкор дар асоси таҳлили лоиҳаҳо баҳри дарёфти грантҳо тавассути озмунҳои миллӣ муайян намудан мумкин аст.

Фаъолияти бонувон дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар низ назаррас буда, ҳоло шумораи роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ҳисоби занон 35600 нафар ва занони соҳибкор 77400 нафарро ташкил медиҳад. Ҷудо намудани қарз яке аз василаҳои беҳтар намудани шароити иқтисодии занон ва оилаҳо мебошад. Соли 2020 ба занону бонувони соҳибкор ба маблағи 2 миллиарду 100 миллион сомонӣ қарз дода шудааст [5].

Дар ҷумҳуриамон соҳибкорон ба муаммои дастрасӣ ба гирифтани қарзҳо ва фоизи баланди онҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Бонувон дар ин масъала нисбат ба мардҳо ба маҳдудиятҳо дучор мегарданд. Барои бонувони соҳибкор душвориҳо дар самти гирифтани гаравхат, набудани таҷрибаи пешбурди соҳибкорӣ, фоизи баланди қарзҳои бонкҳо ва ташкилотҳои карздиҳии хурд пеш меоянд. Инчунин, беҷуръатии онҳо дар ташкили соҳибкорӣ мушоҳида мегарданд.

Маълумоти Ассотсиатсияи ташкилотҳои қарздиҳии хурди Тоҷикистон дар соли 2015 аз он шаҳодат медиҳад, ки танҳо 26,7% қарзҳои ташкилотҳои қарздиҳии хурд ба бонувон дода шудааст.

**Ҷадвали 2**

**Миқдори соҳибкорзанони минтақаи Кӯлоб, ки дар соли 2020 соҳиби грантҳои Президентӣ шудаанд.**

| | **Миқдори грантҳо(бо адад)** | **Намуди фаъолият** | **Маблағи грант (бо ҳазор сомонӣ)** |
|---|---|---|---|
| Кӯлоб | 4 | 1.Ҳанар асосӣ зебогии олам | 20 |
| | | 2. Фароҳам овардани шароит барои касбомӯзӣ | 10 |
| | | 3. Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ | 30 |
| | | 4. Эҳёи ҳунарҳои мардумии заргарӣ | 20 |
| Фархор | 2 | 1.Рушди соҳаи чорводорӣ | 30 |
| | | 2. Саноатикунонии Осиёб | 40 |
| Восеъ | 4 | 1.Обчакорӣ ва таъсиси гармхона | 30 |
| | | 2.Чорводорӣ | 20 |
| | | 3.Занбурпарварӣ | 20 |
| | | 4.Чорводорӣ | 10 |
| Данғара | 2 | 1.Эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар ҷиҳози арусӣ | 40 |
| | | 2.Моҳипарварии молӣ | 40 |
| Балҷувон | 2 | 1..Мурғпарварӣ | 20 |
| | | 2. Парвариши асп | 40 |
| Темурмалик | 2 | 1. Занбурпарварӣ дар шароити кӯҳистон | 20 |
| | | 2. Адрасбофӣ | 10 |
| Ш.Шоҳин | 2 | 1.Ташкили сехи дӯзандагии сайёҳ-2019 | 40 |
| | | 2. Ташкили сехи қаннодии «Лаззати Шуробод» | 30 |
| Ховалинг | 1 | Ташкил намудани сехи дӯзандагӣ | 10 |
| Муъминобод | 1 | Ташкил намудани гармхона барои зиёд намудани маҳсулотҳои кишоварзӣ ва сабзавот | 30 |

**Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотномаи Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи раиси Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати ҶТ дар соли 2020.-С.33**

Бо мақсади рушди соҳибкории бонувон дар Тоҷикистон соли 2017 лоиҳа-барномаи Бонки таҷдид ва рушди Аврупо таҳти унвони «Бонувон дар соҳибкорӣ» роҳандозӣ гаштааст, ки тибқи он ба Бонки «Эсхата» ва ташкилоти хурди қарздиҳӣ-депозитии «ИМОН Интернешнл» ба миқдори 8 млн доллари амрикоӣ маблағ чудо карда шудааст. Маблағи мазкур барои ширкатҳое, ки онҳоро бонувон сарварӣ менамоянд, пешбинӣ

шуда буд. Маблағи қарз барои ҳавасманд намудани занон дар оғози тиҷорат ва рушди соҳибкорӣ бо роҳи пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва хизматрасониҳои молиявию ғайримолиявӣ истифода бурда мешаванд. Ҳамзамон, тибқи лоиҳа як миқдор маблағҳо барои бизнес-машваратҳо низ харҷ гардида шуданд [4].

Эмомалӣ Раҳмон 14 октябри соли 2017 дар назди соҳибкорон ва инвестерҳои хориҷӣ баромад намуда, бар он таъкид сохт, ки Ҳукумат ҳамаи шароитҳоро барои рушди соҳибкории бонувон муҳайё сохтааст ва бо ин мақсад дар давоми 10 соли охир ба онҳо грантҳои Президентӣ ҷудо намудааст. Ба қавли Эмомалӣ Раҳмон бонувон 22% хоҷагиҳои соҳибкорӣ, 10% корхонаҳои хурду миёна, 35% хоҷагиҳои деҳқониро сарварӣ мекунанд, ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба соли 2010 даҳ маротиба зиёд мебошад [6].

Яке аз омили асосии рушди соҳибкории хурду миёнаро аз ҳисоби занон пешниҳоди қарзҳои хурди фоизашон пастар аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ мебошад. Давоми моҳҳои январ-октябри соли 2020 ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба 7 миллиарду 585 миллион сомонӣ баробар аст. “Ин рақам дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,6% зиёд мебошад. Дар даҳмоҳаи соли 2020 аз ҳаҷми умумии қарзҳои хурди додашуда аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ 33,7%-и он ба занон рост омада, як миллиарду 647,3 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли сипаришуда 3,3% зиёд мебошад. [2, с.45]

**Инфографикаи 2**




**Сарчашма: Сомонаи расмии БМТ (www.nbt.tj)**

Дар ҳамин ҳол, коршиносон мегӯянд, ки соҳибкорзанон аксар вақт ба мушкили дастрасӣ ба қарзҳо ва фоизи баланди онҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Бархе соҳибназарон бар инанд, ки афзоиши теъдоди соҳибкорзанон агар аз як тараф барои таъмини зиндагии хонаводаи худи онҳо мусоидат кунад, аз дигар тараф сабаби ба кор таъмин шудани чандин нафар мегардад.

Аз таҳлилҳои дар боло зикргардида маълум шуд, ки дар фаъолияти соҳибкории занон мушкилотҳои зиёде ҷой доранд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд:

1.Монеаҳои иқтисодӣ: андозбандии ғайрисамаранок ва дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявию қарзӣ.

2.Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории занон дар шаҳру минтақаҳои кишвар барои ба даст овардани ҳадафҳои асосии стратегияи рушди миллӣ равона

шудааст. Дар соли ҷорӣ бештари лоиҳаҳо, ки аз ҳисоби грантҳои Президентӣ маблағгузорӣ шудаанд дар самти эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ (сабатбофӣ), бунёд намудани корхонаҳои хурди бофандагӣ, ресандагӣ, омӯзиши духти либосҳои миллӣ ва либоҳои мактабӣ равона гардидаанд, ки дар навбати худ метавонанд ба шуғли занон самараи хуб диҳад.

3.Аз таҳлил бар меояд, ки новобаста аз афзоиши дастгирии молиявии лоиҳаҳои фаъолияти соҳибкории занон, дар давраи солҳои таҳлилӣ коҳиши шумораи занони бо патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ба чашм мерасад.

4.Чи тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, мушкилоти ягонаи занони соҳибкор дар минтақаҳои кишвар ин надоштани маълумоти кофӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Баҳри баланд бардоштани сифати кор ва рушд додани фаъолияти соҳибкории занон корҳои зеринро бояд амалӣ намуд:

- ташкил намудани машваратҳои соҳавӣ дар миёни занони соҳибкор;
- ташкил намудани курсҳои кӯтоҳмуддат дар миёни занони соҳибкор;
- ташкил намудани қарзҳои хурди дарозмуҳлат дар бонкҳо бо фоизи кам барои занони соҳибкор;
- мукаммалсозии системаи давлатии дастгирии занони соҳибкор;
- таъсиси фондҳои дастгирии молиявие, ки ба субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ хусусан занони соҳибкор қарзҳои хурди имтиёзнок пешниҳод намоянд;

Ҳамин тариқ, рушди соҳибкории занон шароит фароҳам меоварад, ки имкониятҳои зеҳнӣ, қобилияти кориву роҳбарии занон дуруст истифода гарданд, нобаробарии гендерӣ то андозае аз байн бардошта шавад ва сатҳи бекориву камбизоатӣ коҳиш ёбад. Барои рушди соҳа эҷоди фазои мусоиди соҳибкорӣ, коҳиш додани бори гарони андозҳо, мақсаднок истифода бурдани буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ хеле муҳим мебошад.

**АДАБИЁТ**

1. Бобокулова, М.А. Развитие женского предпринимательства в Республике Таджикистан/ М.А. Бобокулова // Вестник ТГУПБП.-№1.-2016. –С.45-55.
2. Бюллетени омори бонкӣ, ноябри соли 2020,11 (304)//Шӯъбаи тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон.-Душабе.-С.45.
3. Женщин Таджикистана поддержат в бизнесе// http://cso-central.asia/zhenshhin-tadzhikistanapodderzhat-v-biznese/(Санаи муроҷиат: 08.03.2018)
4. Занҳо робитаҳои ҳамкориро густариш медиҳанд, 30.10. 2017, Сомонаи расмии Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкор nabwt.tj
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар,ш.Душанбе,26.01.2021
6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ. 14.10.2017. Захираи электронӣ: http://www.president.tj/ru/

**Комилов Н.Б**

## АНАЛИЗ ЖЕНСКОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СОВРЕМЕННОЙ ЭКОНОМИКЕ

**Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки**

*В данной статье анализируется реальная ситуация с женским предпринимательством в Таджикистане, также теоретические и аналитические аспекты и исследования. Автор статьи попытался выяснить реальную ситуацию женского предпринимательства в Республике Таджикистан, деятельность государственных и негосударственных органов и организаций в сфере женского предпринимательства, ограниченный доступ к информационным ресурсам, финансовое положение женщин-предпринимателей, количество женщин-предпринимателей. В последние годы было*

*проанализировано текущее состояние президентских грантов в Кулябском регионе, Хатлонской области. В то же время, автор предоставил информацию и научный анализ вовлечения женщин в предпринимательство, анализ государственной политики в этой области, трудностей и препятствий на пути организации женского предпринимательства и других институтов. Некоторые вопросы, связанные с финансовым доступом женщин-предпринимателей, предоставлением льготных кредитов и другими препятствиями на пути развития женского предпринимательства в целом, были определены автором и сделаны конкретные предложения по преодолению этих проблем.*

**Ключевые слова**: *женщины-предприниматели, президентские гранты, бизнес, поддержка женщин-предпринимателей, государственная политика, льготы для бизнеса.*

**Komilov N.B.**

## ANALYSIS OF WOMEN'S ENTREPRENEURSHIP IN THE MODERN ECONOMY

**Kulyab state university named after Abuabdullo Rudaki**

*Author analyzes the real situation with women's entrepreneurship in Tajikistan, as well as theoretical and analytical aspects and research in this article. The author of the article tried to find out the real situation of women's entrepreneurship in the Republic of Tajikistan, the activities of state and non-state bodies and organizations in the field of women's entrepreneurship, limited access to information resources, the financial situation of women. entrepreneurs, number of women entrepreneurs. In recent years, the current state of presidential grants in the Kulob region, Khatlon region has been analyzed. At the same time, the author provided information and scientific analysis of women's involvement in entrepreneurship, state policy in this area, difficulties and obstacles to organizing women's entrepreneurship and other institutions. Some issues related to financial access for women entrepreneurs, the provision of soft loans and other obstacles to the development of women's entrepreneurship in general were identified by the author and specific proposals were made to overcome these problems.*

***Key words:*** *women entrepreneurs, presidential grants, business, support for women entrepreneurs, government policy, business incentives.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

*Комилов Низомиддин-номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба ном Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, 735360, Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, С.Сафаров, тел.: (+992) 918579290. E-mail: nizomiddin.komilov@mail.ru*

УДК: 314.74

Бабаев А. А.,
Мирзоева М. У.

# НАҚШИ МУҲОҶИРАТ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАЪМИНОТ БО ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ

**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Мақолаи мазкур ба масъалаҳои нақши муҳоҷират дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба таъминоти захираҳои меҳнатии барзиёди кишварамон бо шуғли пурмаҳсул дар хориҷа, ки ин масъалаҳо байни худ робитаи мутақобила доранд, бахшида шудааст. Доир ба интихоб ва ҷорӣ намудани сиёсати самараноки давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират бо мақсади беҳтар намудани вазъияти иқтисодию иҷтимоии аҳолии кишвар, ворид кардани инноватсия ва техникаю технологияи муосир дар вақти баргаштани муҳоҷирон ба ватан, инчунин бо роҳи истифода бурдани усулҳои муосири ҳавасманд кардани муҳоҷирон ва ҳамватанони бурунмарзӣ барои ҷалби маблағҳои онҳо дар раванди рушди мамлакат, фикру ақидаи олимони ватанӣ ва таҷрибаи байналхалқӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.*

***Калидвожаҳо:*** *муҳоҷирати аҳолӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, бозори меҳнат, шуғли пурмаҳсул, равандҳои муҳоҷират, рушди иқтисодии мамлакат, музди меҳнат, маблағҳои гузаронидашуда.*

Муҳоҷират дар раванди рушди давлату ҷамъият нақши бузург дорад, ки доир ба он олимону коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқотҳои бисёрро ба анҷом расонидаанд ва дар оянда низ нисбати ин масъалаи доимо дар ҳаракат буда, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир карда мешавад. Зеро тайи даҳсолаҳои охир бо дарназардошти омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ ва экологӣ ҷараёни муҳоҷирати аҳолӣ дар ҷаҳон ба шакли глобалӣ мубаддал гаштааст ва бисёр давлатҳои тараққикардаи дунё ҷиҳати истифода бурдани иқтидори муҳоҷират дар раванди рушди кишварҳояшон сиёсати мақсаднок ва самаранокро пеш бурда истодаанд.

Мутобиқи ахбороти Созмони Милали Муттаҳид солҳои 60-уми асри гузашта шумораи муҳоҷирон дар дунё ҳамагӣ 75,5 млн. нафарро ташкил медод. Соли 2000-ум шумораи онҳо то 176,6 млн. нафар, соли 2010 то 213,9 млн. нафар ва ба ҳолати соли 2019 то 272 млн. нафар зиёд гардид. Коршиносони Созмони Милали Муттаҳид пешгӯӣ менамоянд, ки бо сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ ва экологӣ, шумораи муҳоҷирон дар ҷаҳон то соли 2050 боз ҳам афзоиш ёфта, ба 405 млн. нафар хоҳад расид [1]. Ҷаҳонишавии ҳаракати муҳоҷиратӣ Тоҷикистонро низ дар канор монда наметавонад, зеро кишвари мо дорои захираҳои бузурги қувваи корӣ мебошад ва ҳадафи Ҳукумати мамлакат дар ин самт, омӯзиши бозори меҳнати байналхалқӣ ва тавассути дигаргун намудани ҷуғрофияи муҳоҷирати меҳнатии беруна, таъмин намудани захираҳои меҳнатӣ бо шуғли пурмаҳсул дар давлатҳои хориҷа мебошад.

Доир ба интихоби сиёсати дурусти муҳоҷират ва нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, асосгузори илми демографияи тоҷик, профессор Исломов С.И. иброз намудааст, ки ҳангоми кор карда баромадани сиёсати давлатии муҳоҷират, ҳама вақт бояд маҷмӯи оқибатҳои мусбӣ ва манфии онро дар назар дошт. Муҳоҷирати аҳолӣ дар рушди инсон нақши бузургу бисёрҷонибаро гузоштааст ва вазифаи асосии иҷтимоию иқтисодии он дар таъмини сатҳи муайяни ҳаракати аҳолӣ ва тақсимоти минтақавии он, аз ҷумла дар марказҳои саноатӣ, ноҳияҳои ободгардида ва соҳаҳои хоҷагии халқи зуд тараққикарда барьало мушоҳила карда мешавад. Вобаста ба ин, муҳоҷирати аҳолӣ дар истифода бурдани қувваи корӣ ва афзоиши истеҳсолот ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Муҳоҷирати аҳолӣ вазъияти иқтисодию иҷтимоии шаҳрвандон ва ҷомеаро дигаргун месозад ва доир ба баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбӣ, инчунин ҷиҳати васеъ намудани талабот ва манфиатҳои иштирокчиёни

раванди муҳоҷират ташаббусро ба амал меоварад [2. – С. 149-150].

Олими шинохтаи ватанӣ, профессор Умаров Ҳ.У. нақши муҳоҷирони меҳнатии тоҷикро дар рушди мамлакат тавассути интиқоли маблағҳои онҳо ба Тоҷикистон баланд арзёбӣ намуда, чунин андеша дорад: Яке аз роҳҳои пешгирии тамоюли пастшавии қурби асъори миллӣ, ин дохилшавии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиЁ (ЕАЭС) мебошад, ки бо ин роҳ даромади пулии муҳоҷирон ва ҳаҷми маблағҳои гузаронидашудаи онҳо ба ватан афзоиш меёбад. Дохилшавӣ ба Иттиҳоди номбурда вазъи муҳоҷиронро дар ин кишварҳо расмӣ мегардонад ва онҳо метавонанд аз хизматрасонии суғуртаи тиббӣ истифода баранд, ки ин яке аз масъалаҳои асосӣ ҳангоми будубоши муҳоҷирон дар хориҷа мебошад. Муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон метавонанд дар баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулоти хоҷагии қишлоқи минтақаҳои Россия саҳми худро гузоранд, зеро онҳо дар боғдорию сабзавоткорӣ ва парвариши зироати полезӣ таҷрибаи хуб доранд. Вобаста ба ин, ҳаҷми интиқоли ҳарсолаи маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ на кам аз 5 млрд. доллари америкоиро ташкил карда метавонад ва ин гуна масъалагузорӣ қурби асъори миллиро устувор намуда, ҳамзамон мувозинатро дар бозори пулӣ ба амал меоварад [3].

Профессор Улмасов Р.У. иброз менамояд, ки муҳоҷирати озоди қувваи корӣ маҷмуи душвориҳоро ба вуҷуд меорад ва онҳо сарфаҳмравии илмиро талаб менамоянд, аз қабили: таъсири музди меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба кишвари ҷои зисти доимӣ интиқол дода мешавад, инчунин таъсири музди меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ ба сатҳи камбизоатӣ ва нобаробарии даромади аҳолӣ дар кишвари қабулкунандаи ин гуна маблағҳо, яъне дар ватани аҷдодии муҳоҷирони меҳнатӣ. Барои пурра дарк кардани масъалаи мазкур, дар ин самт гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ заруранд, зеро муҳоҷирони меҳнатии тоҷик аз ҷиҳати шумора ҷои дуюмро дар Россия ишғол мекунанд ва маблағҳои интиқолдодаи онҳо дар ҳамарзишӣ (эквивалент) қариб нисфи маблағро аз ММД-ии ҷумҳурӣ ташкил медиҳад. Ин гуна нишондиҳанда сарчашмаи муҳими даромади аҳолии кишвар ва омили рушди иқтисодии мамлакат мебошад [4. - С. 351].

Олимон Аминҷонов Р.М., Бобоҷонов Р.М., Муқимова Н.Р. қайд менамоянд, ки муҳоҷирати аҳолӣ ба таври қатъӣ ҳам ба вазъи иқтисодии давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон ва ҳам ба вазъи давлатҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон бевосита таъсири худро мерасонад ва он асосан тавассути гардиш ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ба амал меояд. Инчунин, баланд гардидани касбу тахассуси муҳоҷирон ҳангоми будубоши онҳо дар хориҷа ва ворид кардани инноватсия ва техникаю технологияи муосир дар вақти баргаштан ба ватани аҷдодиашон, бечунучаро ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишварашон таъсир мерасонад [5. – С. 75-76].

Нисбати масъалаи мазкур олимон Бобоев А.А. ва Ҷӯразода Т. фикру ақидаи худро чунин пешниҳод намуданд: Муҳоҷирони баргашта метавонанд ба пешрафти дигаргуниҳои иҷтимоӣ ва рушди иқтисодии маҳаллӣ мусоидат намоянд, зеро қисми зиёди онҳо бо тахассуси ҳозиразамон ва технологияи нав ба ватан бармегарданд. Илова бар он, муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа ҳамкориҳои пухтакорона ва робитаҳои расмии кориро ба роҳ мондаанд ва чунин муносибатҳои мутақобила метавонанд ба кишварамон сармояи хориҷиро ворид созанд. Аз ин хотир, ба Ҳукумати Тоҷикистон зарур аст, ки ин гуна захираи инсониро бо дарназардошти сармояи молиявию иҷтимоии онҳо, самаранок бар нафъи ҷомеа ва худи муҳоҷирон истифода барад [6. – С. 22].

Доир ба истифодаи самараноки иқтидори муҳоҷират дар раванди рушди иқтисодиёт пеш аз ҳама мисоли Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро овардан мумкин аст, ки худи он кишвари муҳоҷирон ҳисоб карда мешавад. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар дунё ҳамчун давлати абадқудрат ва тараққикарда дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт пазируфта мешавад ва дар ҳудуди он ба ҳолати соли 2019 ҳамагӣ 50,7 млн. нафар аз минтақаҳои гуногуни дунё зиндагӣ мекарданд, ки ин 15,4%-и шумораи умумии аҳолии ин кишварро ташкил медиҳад [7]. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико чун анъана ва бо мақсади тараққиёти доимии мамлакат, муҳоҷиронро аз дигар давлатҳои ҷаҳон қабул менамояд ва бо ин роҳ рушди иқтисодию иҷтимоии давлати худро таъмин месозад.

Тайи 20 соли охир ба ИМА зиёда аз 500 ҳазор нафар олимон ва мутахассисон аз ҳудуди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва аз он ҷумла аз Тоҷикистон низ муҳоҷир шудаанд. Маҳз муҳоҷирони кӯчида омада ба иқтисодиёти ИМА навъоварӣ овардаанд ва зиёда аз 90%-и ихтирооти илмию инженерӣ ва татбиқи он дар истеҳсолот, ки рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии ИМА-ро таъмин менамояд, ба муҳоҷирони хориҷӣ мансуб мебошад [8. – С. 290].

Дар Федератсияи Россия бошад, саҳми арзандаи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ба иқтидори молиявии соҳаи нафти мамлакат баробар карда шудааст, ки он даҳҳо миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Соли 2012 саҳмгузории муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар иқтисодиёти Россия ниҳоят бузург буда, худи ҳамон сол тақрибан 400 млрд. доллари амрикоиро ташкил кард, ки ин ба 15-20%-и маҳсулоти умумии дохилӣ дар ин кишвар баробар мебошад [9].

Давлати Туркия ба он кишварҳо мансуб аст, ки дар асоси татбиқи сиёсати мақсаднок ва самаранок дар соҳаи муҳоҷират, тавонист аз давраи нимаи дуюми асри XX то аввали асри XXI аз давлати суст тараққикарда ба давлати пуриқтидору тараққикардаи дунё табдил ёбад. Дар нимаи дуюми асри гузашта ҳар сол тақрибан 4-5 миллион нафар муҳоҷирони меҳнатии Туркия дар ҳудуди кишвари Олмон ва дигар мамлакатҳои тараққикардаи Аврупо фаъолияти кориро анҷом медоданд ва бо ин роҳ ҳам дастгирии моддии оилаҳои худ ва ҳам сармоягузории соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро таъмин мекарданд. Сиёсати дурандешу натиҷабахшро дар соҳаи муҳоҷират татбиқ намуда, Туркия аз ҳисоби ворид намудани технологияҳои муосир ва оқилона ҷалб кардани маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва туркони бурунмарзӣ тавассути иҷрои барномаҳои гуногун, дар як муддати начандон дарози таърихӣ ба яке аз давлатҳои бузурги ҷаҳон мубаддал гашт. Бо ин роҳ Туркия аз давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон ба давлати қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ табдил ёфтааст ва айни замон ҳар сол ба ҳудуди ин мамлакат дар доираи 2,5 млн. нафар [10. – С. 122] муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷа барои амалӣ намудани фаъолияти корӣ равона мегарданд.

Дигар давлате, ки тайи солҳои охир ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаи муҳоҷират ноил мегардад, ин кишвари Ҳиндустон мебошад. Ин давлат низ тавонист сиёсати шаффоф ва созандаро дар самти муҳоҷират ҷорӣ карда, муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳиндуҳои бурунмарзиро барои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ҷалб намояд. Бо дарназардошти татбиқи сиёсати оқилонаи муҳоҷиратӣ, шаҳрвандони дохили мамлакат ва ҳиндуҳои бурунмарзӣ ба Ҳукумати кишварашон боварӣ ҳосил карданд ва нисбати рушди ватанашон саҳмгузории бевосита менамоянд. Аз ин хотир, агар соли 2009 муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳиндуҳои бурунмарзӣ ба ватани худ маблағи 49 млрд. доллари амрикоиро интиқол дода бошанд, пас ин рақам соли 2012 то 68 млрд. доллар афзоиш ёфт [11. - С. 123].

Бо дарназардошти он, ки Ҳукумати Ҳиндустон сиёсати пай дар ҳам ва ҷалбкунандаро дар соҳаи муҳоҷират амалӣ менамояд, воридоти маблағҳо ба ин кишвар ҳарсола афзоиш меёбанд ва агар соли 2015 аз муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳиндуҳои бурунмарзӣ 72 млрд. доллар ворид шуда бошад, соли 2019 ин рақам 83 млрд. долларро ташкил кард. Ҳиндустон аз ҳисоби ворид гардидани чунин маблағҳо дар ҷаҳон мавқеъи аввалинро ишғол менамояд ва самаранокии истифода бурдани сармояҳо имконият медиҳанд, ки вазъи иқтисодии Ҳиндустон солҳои охир босуръат рушд ёбад ва ин гуна фаъолияти пурмаҳсул барои бисёр давлатҳои тараққикардаистода мумкин аст ҳамчун мисоли ибратбахш истифода бурда шавад.

Давлати дигар, ки дар ин самт дастоварди зиёд дорад, Филиппин ба ҳисоб меравад. Кишвари номбурда тавонист, ки тайи 10 соли охир бо дарназардошти татбиқи сиёсати дурандешона ва самаранок дар соҳаи муҳоҷират, ташкилоти бузурги Агентӣ оид ба омӯзиши техникӣ ва рушди муҳоҷирони меҳнатиро созмон дод ва бо ин роҳ тавонист касбу малакаи шаҳрвандони худро то сатҳи баланд бардорад ва дар бозори меҳнати байналхалқӣ рақобатпазир созад. Сатҳи тахассуси муҳоҷирони Филиппинро ба инобат гирифта, қариб ҳамаи кишварҳои қабули муҳоҷирон шаҳрвандони ин

мамлакатро барои амалӣ намудани фаъолияти корӣ даъват менамоянд. Мисоли он, ки зиёда аз 60%-и баҳрнавардони дунёро шаҳрвандони Филиппин ташкил медиҳанд, тасдиқи бузургии системаи касбомӯзии ин кишвар мебошад. Инчунин, вобаста ба ҷалб ва истифодаи оқилонаи маблағҳои воридшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар раванди таъсис додани ҷойҳои нави корӣ бо маоши арзанда, ҳар сол сатҳи бекорӣ дар ин мамлакат то 1% кам мегардад ва чунин натиҷа дар байни олимон ва коршиносони соҳаҳои иқтисодиёт, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ хуб арзёбӣ карда мешавад.

Ба ин монанд боз мисолҳои дигарро низ овардан мумкин аст ва он тасдиқ менамояд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ новобаста аз сатҳи тараққиёти давлатҳо метавонад дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳои қабул ва интиқоли муҳоҷирон нақши арзанда гузорад. Танҳо барои расидан ба чунин мақсадҳои рушд, давлатҳои ҳавасманд бояд сиёсати оқилона ва самаранокро дар соҳаи муҳоҷират интихоб ва дар амал татбиқ намоянд. Дар ҳолати интихоби ин гуна сиёсати дурандешона, дар баробари муваффақиятҳои иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин доир ба таъминоти шаҳрвандони бекор бо шуғли пурмаҳсул бурдбориҳо ба даст оварда мешаванд.

Ба ҳар ҳол, таҷриба нишон медиҳад, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзии кишварамон ҷиҳати рушди иқтисодиёти мамлакат имконият ва иқтидори бузург доранд. Мисолҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар шаҳру ноҳияҳои худ корхонаҳои хурду миёна, мактабу табобатхонаҳо, роҳҳои нақлиётӣ ва майдонҳои варзишӣ, инчунин дигар иншоотҳои иҷтимоию маданиро сохта, барои истифода ва хизматрасонии шаҳрвандон пешниҳод намудаанд. Чунин иқдомҳои хуби мардуми бошарафи Тоҷикистон қобили дастгирӣ мебошанд.

Қисме аз муҳоҷирони меҳнатии кишварамон барои ташкил кардани фаъолияти соҳибкорӣ ва ё дигар намуди фаъолият ва бо ин роҳ беҳтар намудани вазъияти молиявию иҷтимоии оилаи худ ва ҳамзамон таъмини амнияти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, маблағҳои кофӣ доранд. Дар ин ҳолат ба онҳо танҳо дастгирии давлатӣ лозим аст ва доир ба ин масъала мутаассифона, баъзе мамониатҳо дар ташкил ва амалӣ кардани чунин фаъолият вуҷуд доранд. Яке аз онҳо, сиёсати номукаммали андоз мебошад, ки вобаста ба он ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои ғайридавлатӣ дар кишварамон ғайримақсаднок ба ҳисоб меравад ва ин самт беҳбудиро талаб менамояд.

Сабаби дигар, ин монополизатсия кардани қисми муайяни соҳаҳои хоҷагии халқ ва чӣ тавре, ки мо пештар қайд кардем, ин мавҷуд будани ҳолатҳои коррупсионӣ дар баъзе сохторҳои давлатӣ мебошад. Доир ба пешгирии чунин зуҳуроти зараровар ба ҷамъият чандин маротиба Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастуру супоришҳои қатъӣ доданд ва доир ба пешгирии чунин зуҳуроти номатлуб дар сатҳи Ҳукумати мамлакат тадбирҳои ҷиддӣ андешида шуда истодаанд.Ислоҳи камбудиҳои зикргардида имконият медиҳанд, ки боварии сармоягузорон ба Тоҷикистон зиёд гардад ва онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои созандаю ояндадор фаъолона иштирок намоянд. Чунин мавқеъи давлатӣ бар манфиати шаҳрвандони кишвар буда, имконият медиҳад амнияти иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди устувори мамлакат таъмин карда шавад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба таъмини шаҳрвандон бо шуғли пурмаҳсул дар асли воқеият чандин солҳо боз саҳми худро гузошта истодааст. Манфиати иқтисодии Тоҷикистонро аз соҳаи муҳоҷират мумкин аст аз ҳаҷми маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ муайян кард. Дар давоми солҳои 2007-2020 маблағҳои интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ ба Тоҷикистон 34 млрд. 522 млн. доллари амрикоиро ташкил дод ва чунин саҳми арзандаи онҳо вазъи муътадили иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро дар ҷомеа нигоҳ дошт. Айни замон ягон соҳаи дигари иқтисодиёти Тоҷикистон чунин иқтидорро оид ба дастгирии молиявии кишварамон, мисли соҳаи муҳоҷират надорад. Аз ин хотир, нисбати ҳалли душвориҳо дар соҳаи муҳоҷират ва таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар дохил ва хориҷи мамлакат, аз тарафи мақомотҳои

давлатӣ тадбирҳои мушаххас андешидан зарур мебошад. Зеро, ҳалли мушкилиҳо дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ имконият медиҳанд, ки фаъолият оид ба таъмини шаҳрвандони бекор дар хориҷа бо шуғли пурмаҳсул, то дараҷае беҳтар карда шавад.

Олимон ва коршиносони кишварамон ҳанӯз дар давраи Иттифоқи Советӣ нисбати татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба таъминоти аҳолии қобили меҳнат бо шуғли пурмаҳсул фикру ақидаи худро бо асосҳои воқеӣ баён менамуданд. Академик Қаюмов Н.Қ. дар корҳояшон қайд менамоянд, ки мутобиқи маълумот ва хулосаҳои вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ дар он давра, Тоҷикистон имконият дорад аз ҳисоби захираҳои худ тақрибан 25-30 миллион нафарро дар дохили мамлакат хӯронаду пӯшонад [11-1]. Чунин нуқтаи назар албатта бо дарназардошти рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакат ва пеш аз ҳама соҳаҳои истеҳсолот ва хоҷагии қишлоқ, таъсис додани ҷойҳои кории доимӣ бо музди меҳнати арзанда ва бо ин роҳ беҳтар намудани некӯаҳволии шаҳрвандони кишварамон, пешниҳод карда шудаанд.

Масъалаҳо доир ба афзалиятнок будани муҳоҷирати меҳнатии берунӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб намудани бозори меҳнати давлатҳои хориҷӣ аз тарафи шаҳрвандони кишварамон ва ҳарсола ба дигар мамлакатҳо равона шудани зиёда аз 600 ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки ин раванд бевосита табиати иқтисодӣ дорад, дар Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (фасли 5, моддаи 1-Васеъшавии шуғли пурмаҳсул) [12], муфассал қайд карда шудааст. Чандин маротиба зиёд будани сатҳи музди меҳнати кормандон дар хориҷа, шаҳрвандони кишвари моро аз ҳисоби қувваи қобили меҳнат ҷалб менамояд ва таъмини муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар хориҷа бо маоши баланд, яке аз роҳҳои татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар самти шуғли пурмаҳсул мебошад.

Ба ғайр аз он, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 (банди 5.2. – Шуғли пурмаҳсул) [13] масъалаҳо оид ба дигаргун намудани самти муҳоҷирати меҳнатии беруна, омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, рушди барномаҳо оид ба расмигардонии фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии онҳо, инчунин ҳалли дигар чорабиниҳои давлатӣ пешбинӣ шудаанд. Ин гуна масъалагузории Ҳукумати мамлакат аз тарафи ҷомеа қобили дастгирӣ ва эътироф мебошад, зеро иҷрои вазифаҳои гузошташуда ба татбиқи нақшаҳои давлатӣ марбут ба таъмини шумораи муайяни захираҳои меҳнатии Тоҷикистон бо шуғли пурмаҳсул дар хориҷи кишвар мусоидат менамояд. Чунин истифодабарии қувваи кории барзиёд дар ҳудуди дигар мамлакатҳо, аз ҷониби бисёр давлатҳои хориҷи дуру наздик мавриди амал қарор дода мешавад ва ин таҷрибаи байналхалқӣ аст. Ин гуна мубодилаи қувваи корӣ бар манфиати ҳамаи тарафҳо мебошад ва аз ин хотир, Тоҷикистон бояд иқтидори муҳоҷиратро мисли дигар кишварҳои тараққикарда, дар раванди рушди мамлакат ва беҳтар намудани некӯаҳволии шаҳрвандон самаранок истифода барад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми миёнаи музди меҳнати муҳоҷирони меҳнатии кишварамон дар хориҷа аз 400 то 699 доллари амрикоиро ташкил медиҳад [14. – С. 44] ва ин миқдори маблағ дар муқоиса бо бозори меҳнати Тоҷикистон, маоши арзанда ба ҳисоб меравад. Зеро, мутаассифона дар маҳзани маълумоти миллии ҷойҳои кории холӣ, ки аз тарафи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дархостҳои кордиҳандагони ватанӣ омода мегардад, ба шаҳрвандон номгӯйи ҷойҳои кории холиро бо музди меҳнати миёна дар ҳаҷми 400 сомонӣ пешниҳод менамояд [15. – С. 241], ки чунин маоши ночиз шаҳрвандонро ҷалб карда наметавонад ва пешниҳоди он умуман таҳқиромезу қобили қабул нест.

Музди меҳнати миёнаи муҳоҷирони меҳнатиро дар хориҷа ба инобат гирифта, хулоса кардан мумкин аст, ки Тоҷикистон имконият дорад дар ҳолати муътадил гардонидани вазъи муҳоҷирон дар ҳудуди кишварҳои қабул ва таъмин намудани шароити мусоиди корӣ дар истеҳсолот, шумораи зиёди шаҳрвандони ҷумҳуриро бо шуғли пурмаҳсул фаро гирад. Айни замон дар доираи 60%-и муҳоҷирони меҳнатии

Тоҷикистон дар Россия расман фаъолият доранд ва қисми асосии онҳо бо маоши арзанда таъмин карда мешаванд. Дар ҳолати расмигардонии фаъолияти кории шумораи боқимондаи муҳоҷирони меҳнатии кишварамон дар ҳудуди Россия, имконият вуҷуд дорад, ки тақрибан аз 100 то 300 ҳазор нафар шаҳрвандони ҷумҳурӣ бо шуғли пурмаҳсул таъмин карда шаванд. Зеро ин шумора маҳз он нафароне мебошанд, ки дар рӯйхати "манъшудагон"-и мақомоти муҳоҷирати Федератсияи Россия ҳар сол дарҷ карда мешаванд. Ин гуна масъалагузорӣ ва ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ҳам бар манфиати давлат ва ҳам бар манфиати аҳолии кишвар мебошад ва чунин имкониятҳои мавҷудбударо бояд ташаббускорона дар амал татбиқ намуд.

Муҳоҷирони меҳнатӣ ҳангоми анҷом додани фаъолияти корӣ дар хориҷа, малакаҳои навро аз рӯи касбҳои арматурасоз, бетонрез, барқчӣ, устои хишткор, сартарош, мерчендайзер ва дигар касбҳои баландихтисосро азхуд кардаанд, ки ин гуна мутахассисони миллӣ дар оянда метавонанд дар бозори меҳнати дохилӣ ва байналхалқӣ рақобатпазир бошанду ҳамзамон, дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат иштирок намоянд.

Дар самти касбомӯзӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки чорабиниҳои иловагии муосирро андешад ва ин соҳаро азнавсозӣ намояд. Зеро, аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатии кишварамон, ки ба хориҷа равона мегарданд, 32,2% маълумоти олии пурра, 29,8% маълумоти умумии миёна, 14,6% маълумоти миёнаи махсус, 12,7% маълумоти миёнаи нопурра ва ибтидоӣ доранд [15. – С. 240-241]. Аз ин бармеояд, ки мутахассисони касбии коргарӣ, ки аз ҳама бештар дар бозори меҳнати давлатҳои хориҷӣ талабот доранд, танҳо 14,6%-ро ташкил медиҳад ва мутобиқ ба чунин нишондиҳандаи паст, муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ҷойҳои кории хубро бо маоши арзанда аз даст медиҳанд.

Мисолҳои дар боло овардашуда тасдиқи ҳолро дар кишварамон нишон медиҳанд ва ҷиҳати танзими давлатии ҷараёни муҳоҷират, ҷалб намудани муҳоҷирон ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди иқтисодии мамлакат ва таъмини шаҳрвандон бо шуғли пурмаҳсул, фаъолият дар ин соҳаи афзалиятноки ҷомеа бояд куллан такмил дода шавад. Бо ин мақсад, дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналхалқӣ хулоса кардан мумкин аст, ки барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар самти муҳоҷират, ҳалли се масъалаи зерини калидӣ зарур аст:

1) Интихоб ва татбиқ намудани сиёсати давлатии мақсадноку самарабахш дар соҳаи муҳоҷират.

2) Қабули қонунгузории муосир ва рушди ҳамкориҳои натиҷабахши байнидавлатӣ ва байниидоравӣ.

3) Идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират тавассути созмон додани мақомоти мустақили давлатӣ оид ба муҳоҷират (вазорат ё кумита), ки тавонад сиёсати давлатиро дар ин самти афзалиятноки ҷомеа дар амал татбиқ намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи хуби солҳои пешин дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ қодир аст, ки минбаъд низ доир ба иҷрои вазифаҳои дар боло гузошташуда натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварад ва дар қатори давлатҳои муваффақи дунё ҷойи худро интихоб намояд.

***Адабиёт:***

*1. Информационный центр ООН, 29.11.2010 г.*

*2. Исламов С.И. Биосоциальное развитие человека: демографический и социальные переходы. Душанбе. 2019. – С. 149-150.*

*3. Умаров Ҳ.У. Как спасти сомонӣ. ASIA-PLUS / №15 / 25 февраля 2016 г.*

*4. Василий Василенко, Нурали Салихов, Рахмон Ульмасов. Ловушки глобализации. Ноосферный мониторинг безопасности граждан суверенных государств ООН в земном доме. Душанбе-Волгоград. 2017. – С. 351.*

*5. Аминджанов Р.М., Бабаджанов Р.М., Мукимова Н.Р., Хошмухамедова П.С. Возможность и необходимость диверсификации миграционных потоков из Таджикистана (результаты социо-экономического исследования). Аналитический центр «Наво». Душанбе. 2017. – С. 75-76.*

*6. Бабаев А.А., Джуразода Т. Возвращение трудящихся мигрантолв – граждан Республики Таджикистан: проблемы и новые вызовы. Душанбе. 2016. - С. 22.*

*7. Kursiv. Kz/gtws/issledovaniya/2019-10/top-stran-v-kotorye-vezzhayut-migranty-so-vsego-mira*

*8. Бабаев А.А. Современные проблемы миграции населения Республики Таджикистан: ее потенциал в процессе развития страны. Душанбе. 2020. - С. 290.*

*9. dw.com/ru/трудовые-мигранты-в-россии/а-17243735.*

*10. Маҷаллаи "Тоҷикистон ва ҷаҳони имруз"-и Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. №2(57). – С. 122.*

*11. Маҷаллаи "Тоҷикистон ва ҷаҳони имруз"-и Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2017. №2(57). – С. 123.*

*11-1. https://asiaplustj.info^news^Tajikistan»economic*

*12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.04.2015, №238 "Дар бораи Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020".*

*13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.10.2016, №392 "Дар бораи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030".*

*14. Аминджанов Р.М., Бабаджанов Р.М., Махмадбеков М.Ш., Мукимова Н.Р. //Миграционная ситуация современного Таджикистана (результаты социо-экономического исследования). Душанбе. 2016. – С. 44.*

*15. Аминджанов Р.М., Бабаджанов Р.М., Мукимова Н.Р. //Миграция и возможности инновационного развития Республики Таджикистан. Аналитический центр «Наво». Душанбе. 2017. - С. 241., 240-241.*

**Бабаев А. А.,**
**Мирзоева М. У.**

## РОЛЬ МИГРАЦИИ В РАЗВИТИИ ЭКОНОМИКИ И РЕАЛИЗАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ПОЛИТИКИ ПО ОБЕСПЕЧЕНИЮ ПРОДУКТИВНОЙ ЗАНЯТОСТИ

**Институт экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана**
**Академия Государственного управления при Президенте Республики Таджикистан**

*Данная статья посвящена вопросам роли миграции в развитии экономики Республики Таджикистан и ее вклада в реализацию государственной политики по обеспечению избытков трудовых ресурсов страны продуктивной занятостью за рубежом, и эти вопросы имеют между собой взаимосвязь. Изучены мнения и идеи отечественных ученых и международная практика по проблемам выбора и внедрения эффективной государственной политики в области миграции в целях улучшения социально-экономического положения населения страны, поступления современной техники и технологии во время возвращения мигрантов на родину, а также использование современных методов стимулирования по привлечению средств мигрантов и зарубежных соотечественников в процесс развития экономики страны.*

***Ключевые слова:*** *миграция населения, трудовая миграция, рынок труда, продуктивная занятость, миграционные процессы, экономическое развитие страны, заработная плата, денежные переводы.*

**Babaev A. A.,**
**Mirzoeva M. U.**

## ROLE OF MIGRATION IN ECONOMIC DEVELOPMENT AND IMPLEMENTATION OF THE STATE POLICY TO ENSURE PRODUCTIVE EMPLOYMENT

**Institute of economics and demography of the National academy of sciences of Tajikistan**
**Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan**

*This article is devoted to the issues of the role of migration in the development of the economy of the Republic of Tajikistan and its contribution to the implementation of state policy to ensure the surplus of labor resources of the country with productive employment abroad, and these issues are interrelated.*

*He opinions and ideas of domestic scientists and international practice on the problems of choosing and implementing an effective state policy in the field of migration in order to improve the socio-economic situation of the country's population, the receipt of modern technology and technology during the return of migrants to their homeland, as well as the use of modern methods of incentives to attract funds of migrants and foreign compatriots in the development of the country's economy.*

***Key words:*** *illegal migration, international labor migration, terrorism, extremism, migration processes, "forbidden".*

***Маълумот дар бораи муаллифон:***

***Бобоев Анвар Абдуллоевич****, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири бахши муҳоҷирати аҳолии шӯъбаи таҳқиқотҳои демографии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, тел.: 917301003, почтаи электронӣ: anvar.boboeb2016@gmail.com*

***Мирзоева Меҳрбону Умаровна****, ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тел.: 985566664, почтаи электронӣ: bonu.6664@mail.ru*

**УДК 325.1** **Салимов Ю.**

# ДИАСПОРЫ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИХ ПОТЕНЦИАЛА ДЛЯ ПОДДЕРЖКИ ТРУДОВЫХ МИГРАНТОВ

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В данной статье представлен анализ теоретико-методологических подходов в изучении диаспоры как социально демографического феномена, где объектом исследования являются основные направления деятельности и виды диаспоры. Отношения с диаспорой осознаются как важное направление внешней политики многими странами. Для некоторых стран (Израиль, Армения, Индия) диаспора, оказывающая политическую и экономическую поддержку исторической родине, играет особо важную роль.*

***Ключевые слова:*** *диаспора, национальное самосознание, демографический феномен, стратегия.*

Диаспора как явление возникла в давние времена, но в качестве научного термина слово используется недавно. Диаспора стала объектом пристального внимания исследователей лишь с конца 1970-х – начала 1980-х годов. Как отмечает Т. Кондратьева, "всплеск интереса ученых к диаспоральной тематике был вызван миграционными процессами, принявшими в тот период глобальный характер [5]. В результате широкомасштабной миграции огромные массы людей переместились в другие страны и на другие континенты. Оказавшись за пределами своей родины, в новой, непривычной для них среде, они стремились либо влиться в уже существовавшие иммигрантские сообщества, либо создать новые. Процесс затронул интересы многих государств, куда устремилось наибольшее количество мигрантов. В некоторых странах их число настолько возросло, что это не могло не отразиться на различных сферах жизни принимающих обществ. В последние десятилетия диаспора стала часто использоваться специалистам и политологами в качестве научного термина. Диаспора – понятие весьма сложное и многогранное, так как может играть также заметную роль в сохранении национальной культуры и формировании национального самосознания.

Диаспоры достаточно часто поддерживают связь со страной своей исторической принадлежности и оказывают влияние на политику страны, где они находятся. Одновременно значение термина стало более расплывчатым. Иногда он преподносится в интересах тех или иных социальных групп как в положительном, так и в отрицательном значении, что может быть обусловлено не всегда дружелюбным отношением к диаспоре в принимающих обществах. Очень скоро проблема диаспоры и ее взаимодействия с обществом в стране пребывания и на исторической родине стала исследоваться первоначально на Западе, в частности в США, а затем и российскими, и армянскими учеными. Развитию этих исследований способствовал и развал СССР. Если раньше представители различных этносов проживали в одной стране, то теперь они оказались отрезанными от своих национальных государств. Кроме того, тяжелые социально-экономические условия, в которые попали постсоветские страны, а также внешние и внутренние конфликты способствовали новой мощной волне миграции из бывших советских республик.

Попробуем сформулировать основные категории и понятия исследуемой проблемы. На чужбине мигранты столкнулись с проблемами приспособления к жизни в иной среде, перед ними встал вопрос сохранения своей национальной идентичности вдали от родины. Это актуализировало данную тематику на постсоветском пространстве, в частности в Таджикистане, где ее исследуют одновременно ряд гуманитарных наук таких, как история, политология, социология, психология, этнология, философия и другие. Поскольку они рассматривают диаспору с различных позиций, используя свои специфические методы, то возникают своеобразные

понимания интересующего нас феномена. В научной литературе можно встретить различные определения диаспоры. За их основу берутся различные критерии либо признаки, в первую очередь этнические, религиозные, экономические и политические.

Выделяются три основных признака:

1.Собственно рассеяние – расселение народа или его части за пределами основной этнической территории (исторической родины) в результате миграций различных типов либо изменения государственных границ. Данный признак является необходимым, но недостаточным, чтобы определить этническое меньшинство в качестве диаспоры.

2. Сохранение на протяжении нескольких поколений этнокультурной идентичности, разграничивающей диаспорную группу и, как правило, более многочисленное принимающее общество. Такая идентичность часто поддерживается разветвленными сетями поддержки и институтами, связывающими группу как с родиной, так и с родственными общинами в других странах.

3. Особое отношение к реальной или воображаемой родине, на которую продолжают ориентироваться эмоционально и политически члены диаспоры.

На основе этих и некоторых иных критериев и даются соответствующие определения диаспоры, где ученые-диаспорологи делятся на две основные группы. Одна - делает упор на том, что диаспора – явление этническое, другая акцентирует политический фактор, называя явление этнополитическим.

Термин “диаспора” имеет греческое происхождение. Он “образован от глагола diaspeirein – рассеивать(ся), рассыпать, раздавать, расточать, состоящего из приставки dia- и глагола sperein (сеять, засевать, сыпать). Глагол diaspeiro встречается в ранних греческих текстах.

Иное определение дает американский исследователь М. Эсман: диаспора – это “группа этнического меньшинства, имеющая иммигрантские корни и поддерживающая эмоциональную и материальную связь со своей родиной”. Данное определение является еще более широким и не отражает конкретные характеристики и особенности диаспор. В отличие от первого, оно подчеркивает особенности эмоционального восприятия мигрантами своего положения и связи с родиной. Однако, этническое меньшинство, может не иметь своих институтов, не обладать сплоченностью, не быть объединенным единой идеей и так и не перерасти в диаспору. В то же время внимания заслуживает утверждение М. Эсмана о том, что “диаспора может оказывать определенное влияние на события экономического и политического характера как в стране своего пребывания, так и на своей исторической родине”. По мнению другого исследователя из США Р. Брубейкера, “под диаспорой понимается как минимум рассеяние этноса в пространстве и его отношение к реальной или воображаемой родине, на которую диаспора, несмотря на отделение, продолжает ориентироваться эмоционально или политически” [7]. Такое определение подразумевает взаимосвязи диаспоры с принимающим обществом, однако акцентирует внимание на ее отношении к исторической родине. Авторитетный исследователь В. Дятлов понимает диаспору как “особый тип человеческих взаимоотношений, как специфическую систему формальных и неформальных связей, жизненных стратегий и практик людей, основанных на общности исхода с «исторической родины», на усилиях по поддержанию образа жизни в «рассеянии» – в качестве национального меньшинства в иноэтничном обществе” [6]. На наш взгляд, данное определение приемлемо для большинства современных диаспор именно потому, что подчеркивает сплоченность и особые отношения между их представителями. Таким образом, употребляя термин диаспора, мы имеем в виду совокупность общин конкретной этнической группы, по разным причинам объективного и субъективного характера покинувшей историческую родину, рассеявшейся и проживающей в разных странах, сохраняя родной язык, национальные обычаи и традиции и, главное, национальное самосознание.

Здесь мы уже подходим к определению сущности диаспоры как демографического явления и специфического этнического образования.

Выявление сущности диаспор тесно связано с их классификацией. Определить понятие “диаспора” невозможно без классификации диаспор, которая дает более полное представление об этом феномене. Современное его понимание значительно углубилось, поскольку в условиях глобализации различные народы массово расселяются. В результате ученые стали выделять два вида диаспор – “классическую”, куда входят еврейская и армянская, и “новую”, “современную”, порожденную сравнительно недавно трудовой миграцией. “Старые”, “классические” диаспоры не исчезли, их деятельность все более разнообразна и развивается в рамках четко определенной стратегии; они активно участвуют в политике на национальном, региональном и глобальном уровнях. Параллельно в диаспоре возникают и новые образования (общины). Иные критерии классификации современных диаспор предложил Г. Шеффер. За основу своего варианта классификации он взял время создания диаспоры, этап ее развития, наличие или отсутствие у данного этноса своего национального государств, а также ареал его рассеяния. Таким образом он выделил [3]:

1. Диаспоры с глубокими историческими корнями (армяне, евреи, китайцы), или “старожильческие” (veteran communities).

2. “Молодые”, или сравнительно новые диаспоры (греки, поляки, турки).

3.Зарождающиеся диаспоры, находящиеся пока на начальном этапе формирования (корейцы, филиппинцы и русские в бывших советских республиках)

4.“Дремлющие” диаспоры (dormant), находящиеся пока на самой ранней стадии формирования (американцы в Европе и Азии, скандинавы в США).

5. “Этнонациональные диаспоры” – наиболее распространенный тип, – чувствующие за спиной незримое присутствие “своего” государства.

6. “Бездомные” диаспоры, не имеющие своего государства (курды, цыгане, палестинцы).

7. “Рассеянные” диаспоры и живущие компактно. Интересным и, на наш взгляд, спорным является выделение курдов и цыган в качестве народов, проживающих в диаспоре.

Одним из важнейших признаков диаспоральности является наличие определенных организационных форм существования этнической общности от землячества до политического движения. В России данный признак реализуется через создание национально-культурной автономии или другой национально-культурной организации (НКО). НКО в России является для диаспоры единственной возможностью де-юре оформить собственный статус. (В Санкт-Петербурге насчитывается более 130 национально культурных организаций). Практика показывает, что роль религии в деятельности большинства НКО несущественна. Религия выступает скорее, как источник диаспоры, позволяющий достичь этнического единства, а при необходимости выступает как игнорируемая или мобилизующая сила. Необходимость в ней может уменьшаться относительно уровня вовлеченности и приспособленности этноса в странах пребывания. На примере Дальневосточного региона России Л.Е. Козлов делает вывод, что неславянские политические деятели, дойдя до определенного статусного положения стараются не заострять внимание на своих корнях и скрывают видимые взаимосвязи с общиной.

Однако высших позиций в исполнительной ветви власти добиваются представители общин, которые прошли интеграцию и русификацию еще во времена СССР (евреи, украинцы, татары и т. д.). Представители армянской, корейской, чеченской диаспоры лишь изредка добивались высоких постов в законотворческих структурах. Для узбеков и азербайджанцев единственным способом получения политического влияния оказалась служба в системе правоохранительных органов страны. Для представителей китайского этноса политическое участие достаточно размыто, ввиду малочисленности получивших постоянное жительство в РФ. Такая же ситуация и с приезжими из Таджикистана. Л.Е. Козлов полагает, что данная картина характерна не только для Дальнего Востока России, но и для значительной доли других субъектов нашей страны, за исключением национальных республик. иноэтничных

государств, являются их гражданами, зачастую исповедуют направлением миграции из Таджикистана, а ее масштабы, обусловленные выталкивающими факторами (необходимость поиска мест приложения труда и заработка, сложностью социально-экономической ситуации в Таджикистане) и факторами притяжения (наличие мест приложения труда, существенно более высокая оплата труда и уровень жизни в России), будут только возрастать. Соответственно, будет возрастать численность и потенциал таджикской диаспоры. Основной целью работы является оценка потенциального вклада диаспоры в развитие Таджикистана. В настоящем исследовании акцент делается на выявлении настроений, жизненных планов и миграционных стратегий ее членов, их готовности внести свой вклад в развитие республики, уточнении возможных направлений и каналов оказания помощи, а также разработки основных направлений политики привлечения диаспоры к развитию Таджикистана.

Таджикистан, прошедший сложный путь, претерпев две демографической «зимы» в XX-столетии и за время независимости, сталкивается в настоящее время со многими социально-экономическими проблемами. Имеющиеся сложности являются следствием как предшествующего периода развития, когда республика являлась одной из наименее развитых территорий в составе СССР, так и последующего развития, когда на социально-экономические трудности наложились проблемы, обусловленные политическим противостоянием и гражданской войной, незавершенностью демографического перехода и демографической ситуацией. Высокий уровень безработицы, обусловленный тем, что рынок труда достаточно ограничен и не способен принимать ежегодно поступающие на него сотни тысяч новых рабочих рук, низкий уровень оплаты труда стимулируют массовые миграционные потоки за пределы республики. Масштабы миграции столь велики, а ее воздействие на развитие Таджикистана столь значительно, что не могли не привести к пониманию важности диаспоры для развития страны. Учитывая тренды трудовой миграции из Таджикистана, постоянно подпитывающей диаспору, и все возрастающий потенциал диаспоры, роль и значение таджикской диаспоры в социально-экономической и политической жизни как посылающей, так и принимающей стран будут только возрастать. В настоящее время для республики реальная возможность улучшить материальное положение сотен тысяч человек, пополнить бюджеты, решить многие социальные проблемы имеется за счет экспорта рабочей силы. Опыт многих стран показывает реальные возможности трудовых мигрантов для улучшения экономического положения страны, повышения уровня жизни значительной части населения. Внешняя трудовая миграция пока остается единственно возможным решением проблемы хронической трудоизбыточности стран Центральной Азии.[9]

Логично предположить, что привлечение таджикистанцев для развития Республики Таджикистан не должно игнорировать возможности и тех ее граждан, которые готовы к сотрудничеству с государственными и общественными структурами РТ, но которых сложно идентифицировать с диаспорой по факту проживания ли гражданства, как предлагается Европейской Комиссией. В этом отношении более продуктивно использовать подход, согласно которому термин «диаспора» применяется «к эмигрантам и их потомкам, которые проживают за пределами страны своего рождения или происхождения на временной либо постоянной основе, но по-прежнему поддерживают эмоциональные и материальные связи со странами их происхождения». В соответствие с выше обозначенным подходом, снимаются жесткие ограничения на гражданство страны происхождения для мигрантов, а также их проживание за границей, предположительно постоянное; к диаспоре причисляются и трудовые мигранты, если они сохраняют связи различного рода с Таджикистаном. В полном соответствии с таким подходом. Учитывая массовое передвижение людей из одних стран в другие за последние десятилетия и глобализацию миграционных процессов, на территории многих государств мира ускоренными темпами создаются национальные диаспоры, общественные и культурные центры. Их главная цель – это сохранение своей народности, культуры, родного языка, традиций и обычаев, которые в случае

разбросанности могут просто исчезнуть. В этом плане некоторые принимающие и отправляющие мигрантов страны стараются проводить гибкую миграционную политику и использовать потенциал диаспор и мигрантов в развитии своих государств. Мировая практика показывает, что в случае избрания правильной стратегии взаимодействия с диаспорами, мигрантами и зарубежными соотечественниками, можно внести существенный вклад в развитие общества. Решение данного вопроса для Таджикистана, учитывая создавшиеся за последние годы социально экономические проблемы в стране, являются очень важными и своевременными [10].

В тех случаях, когда вместе с представителем диаспоры проживает кто-либо из членов его семьи, решение остаться в России кристаллизируется более четко: 43,6% из них выказывают такое намерение. Напротив, живущие в России в одиночку больше склоняются к циркулярным поездкам (35,2% указали на это), чем к тому, чтобы остаться в России (29,5%). Осесть в России чаще собираются также состоящие в гражданском браке, вдовые и разведенные. Влияние миграционного опыта и правового статуса на Стратегию миграционного поведения зависит от социально-демографических характеристик. Не меньшее значение имеет миграционный опыт и, особенно, время пребывания в России. Чем дольше индивид пребывает в России, тем больше вероятность, что он будет стремиться остаться здесь навсегда.

намояндагӣ) ва маъмурӣ (мақомоти ҳокимияти иҷроия). Дар баробари ин, системаи институтсионалии ҳокимияти давлатӣ бо чунин тарз сохта шуда буд, ки дар амал ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бо дастур аз боло вазифадор буданд, то тамоми нерӯи худро барои иҷрои қарорҳои болоӣ сафарбар созанд (сар додани мушаки кайҳонӣ, сохтмони БАМ, аз худ намудани даштҳои бекорхобида ва дигар). Ҳамзамон, сарфаи нерӯ, самаранокии иқтисод, аҳамиятнокии омили инсонӣ ва дигар маҳфумҳое, ки имрӯз аҳамияти аввалиндараҷа доранд на ҳамеша ва ба тариқи бояду шояд мавриди назар қарор мегирифт. Бо гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ ва шаклҳои мухталифи моликият ва рад кардани идораи марказонидашудаи иқтисодӣ, ки боиси ғайридавлатӣ шудани сектори иқтисодӣ гардид, зарурати дигаргун сохтани сохтори маъмурикунонии равандҳои рушдро пеш овард. Дар шароити соҳибкории хусусӣ идоракунии давлатӣ дар маҳалҳо зарурати худро гум намуд. Ин ба мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия – вазорату идораҳо вазифаҳои навро пеш овард. Акнун ба онҳо зарур омад, ки шакл ва усули корашонро аз фармондеҳӣ ба усули таҳияи сиёсат, таҳлил ва пешгӯиҳо иваз намоянд. Ҳамзамон, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ, бо назардошти ворид намудани принсипҳои демократӣ ва иқтисоди бозорӣ зарур буд, ки шакли кори идоракуниро тағйир диҳанд. Ҳолати бuҳронии иқтисодӣ ва камчинии буҷавии ҳамаи сатҳҳои ҳудудӣ, заруратро барои аз нав дида баромадани муносибат ба рушди маҳаллӣ, бо истифода аз технология ва захираҳо ба самти баланд бардоштани масъулияти мақомоти идоракунии маҳаллиро пеш овард. Дар ин ҳолат суоли калидӣ ба вуҷуд омад: дар шароити баамаломада масъулиятро барои рушди сатҳи ҳудудӣ кӣ ба зимма мегирад. Мавқеи устувори маҳалҳо дар ташаккули барномаҳои рушди маҳал зарур буд. Ин мавқеи таъхирнопазири воҳидҳои маъмурии маҳаллиро дар таҳияи барномаҳои самараноки рушди шаҳр, таҳкими сиёсати ғайримутамарказонӣ, ба худидоракунии маҳаллӣ вогузор намудани ваколатҳои зиёдтарро дар самти молиявӣ-буҷавӣ, иқтисодӣ, идоракуниро пешбинӣ менамуд. Аз мавқеи иҷрочии сатҳи ҳудудӣ, ки мақомоти маҳалии идоракунӣ худро ҳамчун ҷузъи поёнии механизми ягонаи бюрократӣ меҳисобиданд, мақомоти маҳаллии ҳокимият тадриҷан ба мавқеи иттиҳоди ҳудудӣ, ки масъулияти комилро ба худ мегирифтанд, гузаштанд. Чунин усули гузариш дар амал ворид намудани қоидаҳои комилан дигари идоракунии маҳаллиро тақозо менамуд. Зеро ташаккули масъулияти мақомоти худидоракунӣ бе ташкили ҳокимияти маҳаллии шакли муносиб ғайриимкон аст. Шакли мазкур, чунин сохтори маъмурии маҳаллиро пешбинӣ менамояд, ки робитаи қавии институтсионалиро миёни ҷомеаи маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ таъмин намояд. Раванди дигаргунсозии мафкураи аҳолӣ, ки дар қаламрави воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ умр ба сар мебаранд, дар шароити ҷомеаи шаҳрвандӣ раванди басо мушкил буд.

Мушкилии чунин моҳияти азнавташкилдиҳӣ ташаккули масъулияти ҷомеаи маҳаллӣ маҳсуб меёбад, зеро дар ин ҳолат, зарурати мувофиқ намудани манфиатҳои аъзои он бо манфиати кулли ҷомеа пеш меояд. Ба оғози эҳёи худидоракунии маҳаллӣ дар Иттиҳоди Шӯравиро дигаргуниҳои умумии демократӣ дар раванди азнавсозӣ асос гузошт.

Қобили зикр аст, ки такони бевоситаи ин раванд дигаргуниҳои сиёсӣ набуда, он сабабҳои иқтисодӣ доранд. Бо Қарори Шӯрои вазирон аз 12.01.1990 сол №35 «Дар бораи гузаронидани тартиби озмоишии хоҷагидорӣ дар асоси худидоракунӣ ва худмаблағгузорӣ» кӯшиши ғайримутамаркзгардонии тамоми сохтори идоракунии давлатӣ дар асоси худмаблағгузорӣ гузаронида шуд. Гумон мерафт, ки ин шакл ҳавасмандгардонии ибтикороти на танҳо коллективҳои меҳнатӣ, балки сохтори мақомоти ҳокимиятро бояд таъмин менамуд. Қонуни ИҶШС аз 09.04.1990 «Дар бораи оғози умумии худидоракунии маҳаллӣ ва хоҷагии маҳаллӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ» консепсияи идоракунии маҳаллиро ҳамчун худташкили шаҳрвандон барои ҳалли тамоми масъалаҳои сатҳи маҳаллӣ бевосита ё бо воситаи интихоби мақомот муайян

менамуд. Дар қонуни мазкур, бори аввал ваколатҳо, ҳуқуқҳо ва асосҳои молиявии ин сохтори ҳокимият муайян карда шуд. Асоси ташкилии онро Шӯроҳои намояндагони халқӣ ташкил доданд. Аммо манфиатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти он афзалият доштанд, ки принсипхои калидии худидоракунии маҳаллиро, ки аз қонунгузории байналмилалии демократӣ сарчашма мегирифтанд, зери суол мегузошт. Он замон ойинномаҳои шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи субъектҳои мамлакат таҳия мешуданд, худидоракунии маҳаллӣ бошад, бо назардошти тақсимоти маъмурӣ-ҳудудии амалкунандаи мамлакат амалӣ мешуд. Амалан иҷрои нопурраи ваколатҳои давлатӣ, дар баробари ҳалли масоили сатҳи маҳаллӣ, на танҳо таҷрибаи нодурусти худидоракунии маҳаллиро ба миён овард, балки муддати солҳои зиёд ин сохтори ҳокимиятро аз мақсадҳои асосӣ дур намуда буд.

Самт ва сатҳи рушди минтақаҳоро дар давоми 30-соли Истиқлоияти давлатӣ ҷамъбаст намуда, гуфта метавонем, ки имрӯз, Тоҷикистон таҳти роҳбарии бевоситаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷумлаи давлатҳои рушдёфта эътироф шуда, тамоми нишондиҳандаҳои макроиқтисодии он муътадил гаштаанд ва мувофиқан, тамоми минтақаҳои кишвар дар ин давра ислоҳ ва рушд ёфтаанд. Дар 30-соли соҳибистиқлолият шудан, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як кишвари ҷангзада, ки бо хатари аз байн рафтан ва пароканда шудан рӯ ба рӯ буд, ба давлати мустақил ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Сулҳу ваҳдате, ки пойдор шуд, барои боз ҳам васеъ шудани фазои демократия ва имкониятҳои иқтисодию соҳибкории аҳолӣ мусоидат намуда, дар бисёр соҳаҳои иқтисоди реалӣ иқтидори содиротии кишвар сол то сол зиёд шуда истодааст. Рушди минтақаҳо низ, мувофиқан, чун марҳилаи муҳим ва муваффақ дар пешрафти умумии иқтисодию иҷтимоии кишвар арзёбӣ карда мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми апрели соли 2014 қайд намудаанд, ки "Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани сиёсати минтақавӣ ба масъалаи рушди ҳамаҷонибаи минтақаҳои мамлакат ва беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҳамаи шаҳру ноҳияҳо эътибори ҷиддӣ медиҳад". Бинобар ин, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, бояд дар асоси навоварии муосир дар ҷодаи сиёсати рушди минтақаҳо ва мувофиқ ба асоси инноватсионии рушд сурат гирад.

Агар сухан дар бораи истифодаи услубҳои навини арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо равад, сараввал бояд се нуктаро қайд намоем. Якум, ин ки чунин арзёбӣ ҳеҷ гоҳ дар доираи чорчӯбаи муайян сурат нагирифтааст, ҳарчанд кӯшишҳои истифодаи қолаби якранг дар ҳар марҳилаи рушд ва ҳатто дар шароити имрӯза ба назар мерасад. Дуюм, кӯшишҳои истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ҷодаи муайянсозии услубҳои арзёбии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо чунинанд, ки дар натиҷа услуби фақат ба Тоҷикистон хос коркард карда мешавад, ки он ҳам на ҳамеша мавриди истифода қарор дода мешавад. Сеюм, услубҳои тадқиқ ва арзёбии сатҳи рушди минтақаҳо ҳамеша дар ҷараёни такмил мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонии солҳои охир собит намуд, ки дар такмилоти услубҳои тадқиқ ва арзёбии рушди минтақа нигоҳи рушди нерӯи инсонӣ аҳамияти бештар дорад. Зеро нигоҳи муосир ба рушди ҷамъият танҳо инсонро дар маркази диққати на танҳо соҳаи маънавии ҳаёти одамон, балки дар гардиши робитаҳои иқтисодии ҷиҳати такрористеҳсолӣ чун асоси услубҳои арзёбӣ муайян гашта буд. Дар ҷумҳурии мо низ, бо ибтикори Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин як методикаи ҳисоб пешниҳод шуда буд ва чунин ҳисоб дар як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар анҷом дода шуда буд, аммо то охир истифода нашуд. Ба ҳар ҳол, сарфи назар аз он, чунин як методикаи муосир ва аз ҳар ҷиҳат асоснокшуда ва ҷолиби диққати иқтисоддонони пешрав пурра ва ба тариқи бояду шояд истифода нашуд, ки ҳисоби он хеле натиҷаи объективӣ ва ҷиддиро нишон медиҳад. Дар ҷумҳурии мо услуби ҳисоб ва

тадқиқи рушди инсонӣ, аниқтараш, тарзи омӯзиши нерӯи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар як қатор монографияҳои илмӣ-тадқиқотӣ нишон дода шудаанд, ки дар баъзеи аз онҳо банда низ ба ҳайси аъзои гурӯҳи муаллифон иштирок намудаам [2,4]. Ба ҷуз аз чунин тадқиқотҳои минтақавӣ боз як қатор мақолаҳои илмӣ ва китобҳои дарсӣ низ рӯи чоп омадаанд [4].

Индекси рушди инсонӣ яке аз нишондиҳандаҳои бонуфузи рейтингии ҷаҳонӣ ба шумор меравад ва он аз соли 1990 дар гузориш оид ба рушди инсон интишор мешавад, ки онро гурӯҳи олимону мутахассисони пешбар бо дастгирии Барномаи рушди СММ тартиб додаанд. Дар кишвари мо низ бо ибтикори Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз Ҳисоботҳои миллӣ оид ба рушди инсон ба ҳамин мавзӯъ бахшида шудааст [5].

Ҳамчунин, соли 2010 Созмони Милали Муттаҳид гузориш бахшида ба 20-солаи рушди инсонӣ таҳти унвони «Сарвати воқеии миллатҳо: Роҳҳо ба рушди инсонӣ», интишор кард [5,6,7], ки дар он ҳисобкунии шохиси (индекси) рушди инсонӣ ба таври мушаххас нишон дода шуда, мазмуни миқдории он маънидод карда мешавад. Аз ҷумлаи услуби ҳисоб нишон дода мешавад, ки индекси (шохиси) рушди инсонӣ интегратсияи тағйирёбии се нишондиҳанда мебошад: 1) нишондиҳандаи даромади умумии миллӣ (ММД) ба ҳар сари аҳолӣ; 2) индекси арзёбии давомнокии умр; ва 3) нишондиҳандаи давомнокии пешбинишудаи таҳсил. Муфассалтар тарзу услуби ҳисоби ИРИ дар китоби дарсии “Рушди инсонӣ” [4] омадааст. Ҳамчунин, ИРИ барои як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар дар ду монографияи илмӣ ҳисоб карда шудааст [2,3].

Мувофиқи маълумоти соли 2015, Тоҷикистон ба қатори кишварҳое дохил мешавад, ки сатҳи миёнаи рушди инсонро (байни ИРИ = 0,627) нишон дода, дар рейтинги кишварҳои ҷаҳон ҷои 129-умро ишғол намуда буд ва соли 2020 ин нишондиҳанда 0,668-ро ташкил намуда, Тоҷикистон 5 зина боло рафта, ҷои 125-ро ишғол намудааст [6,7]. Ва ин нишондиҳанда тамоюли мусбӣ дорад ва суръати солонаи афзоиши он ба 0,64% баробар аст (ҳисоби бахши рушди минтақаҳои Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон).

**Ҷадвали 1**

**Динамикаи тағйирёбии индекси рушди инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 1990 | 2000 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ИРИ** | 0,616 | 0,535 | 0,608 | 0,613 | 0,617 | 0,622 | 0,625 | 0,627 | 0,668 |

**Диаграммаи 1**

**Арзёбии индекси рушди инсонӣ ва муқоисаи минтақавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати соли 2019[1]**




[1] Ҳисоб аз ҷониби ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, н.и.и. Муминова Ф.М. анҷом дода шудааст.

Ҳисобҳои ШРИ-и минтақавӣ дар маҷмӯъ сатҳи рушди минтақаҳоро нишон медиҳад ва тамоюли мусбӣ доранд. Чун аз диаграммаи боло мебинем, мавқеи ҳар шаҳру ноҳияҳо тафовуди амиқ дорад ва донистани он кӯшиши тағйири мусбии онро тақозо менамояд. Дар соли 2017 Душанбе бо мавқеи шохиси рушди инсонӣ 0,704 дар сафи пеш аст, ҷои дуюм бо индекси 0,646 ВМКБ, вилояти Суғд ҷои сеюм, вилояти Хатлон ҷои чорум ва НТҶ ҷои панҷумро ишғол намудаанд. Таъкид намудан ба маврид аст, ки мутаассифона, ИРИ дар сатҳи минтақаҳои кишвар расман ҳисоб карда намешавад, ҳарчанд аҳамияти он ва мубрамияти ҳисоби он эътироф шудааст ва маъқул ҳам дониста шудааст ва ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тавсия дода шуда буд.

Омили аввали таъсиррасон Маҷмӯи Маҳсулоти Минтақавӣ (МММ) мебошад ва миёни олимон мавзӯи баҳси шадид қарор дошт. Як гурӯҳ бар он назаранд, ки ҳарчанд ин нишондиҳанда дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ҳисоб карда намешавад, аммо ҳисоби он дар сатҳи маҳал имконпазир аст. Ва агар он бо сабабҳои гуногун ҳисоб карда намешавад, пас ин нуқс ба бахши омор дахл дорад, на услуби ҳисоб. Бинобар ин, бечуну чаро он бояд ҳисоб карда шавад ва аз ҷумла, дар ҳисоби ИРИ истифода карда шавад. Банда низ ҷонибдори чунин назар мебошам.

Гурӯҳи дуюм чунин ақида доранд, ки дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ҳисоби МММ номумкин аст, зеро шаҳру ноҳияҳое ҳастанд, ки дар он корхонаҳои тобеи ҷумҳурӣ амал мекунанд ва бар асари чунин омил, ҳисоби МММ дақиқ намегардад. Бинобар ин, коре кардан нашояд ва бигузор ИРИ танҳо дар сатҳи вилоятҳо ҳисоб карда шаванд. Аммо, бар он назар ҳастем, ки чунин ақида пояи ноустувор дорад ва ба фоидаи кор нест. Чунин буд, ки ИРИ то ба ҳол дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ҳисоб карда намешавад. Дар ҳоле, ки имрӯз ягон шаҳру ноҳияе нест, ки МММ-ро барои худ ҳисоб накунад. МММ имрӯз дар ҳама шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳисоб карда мешавад ва дар Барномаҳои миёнамуҳлати рушди шаҳру ноҳияҳо дарҷ мегардад, аммо дар омори расмӣ фақат дар сатҳи вилоятҳо нишон дода мешавад. Аммо, агар чунин ҳисоб на дар ҳар шаҳру ноҳия нишон дода шавад, он маънои онро надорад, ки ҳисоби он имконпазир нест.

Хуллас, индекси рушди инсонии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди иқтисодии онҳо бештар вобастагӣ дорад ва МММ ба ҳар сари аҳолӣ чун нишондиҳандаи асосии рушди иқтисоди минтақа арзёбӣ мегардад.

**Ҷадвали 2**

**Динамикаи тағйирёбии Маҳсулоти Минтақавии Дохилӣ ба ҳар сар аҳолӣ (сомонӣ)[2]**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
|---|---|---|---|---|---|
| ш. Душанбе | 13138,7 | 13343,8 | 14206,2 | 16313,8 | 17534,4 |
| Вилояти Суғд | 4793,7 | 5722,7 | 6712,96 | 6900,3 | 7585,8 |
| Вилояти Хатлон | 4217,9 | 4679,4 | 5003,4 | 5223,8 | 5872,8 |
| ВМКБ | 3297,1 | 3820,2 | 4277,7 | 4564,1 | 5872,8 |
| НТҶ | 3848,6 | 4410,1 | 4697,4 | 5223,3 | 5673,3 |

Ҳисоби коррелятсионии таъсири се омил ба ШРИ нишон додааст, ки омили аввал, яъне МММ таъсири зиёдтареро дорад ва ду омили дигар – давомнокии умр ва сатҳи маориф нисбатан камтаъсиранд.

Қобили зикр аст, ки рушди инсон худ як мафҳуми абстрактӣ мебошад ва мушаххасан бо як ё ду ва ё се нишондиҳанда (чунон, ки СММ тавсия намудааст) ҳисоби дақиқи онро нишон додан ва изҳори қатъӣ намудан номумкин аст. Барои дақиқтар чен кардани он нишондиҳандаҳое лозиманд, ки ҷанбаҳои алоҳидаи рушди инсонро нишон медиҳанд. Бинобар ин, баҳс оид ба ҷамъи нишондиҳандаҳо ва услубҳои арзёбии сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо давомнок аст ва умедворем, дар мақолаҳои маҷаллаҳои минбаъда онро идома хоҳем дод.

[2] Ҳисоб аз рӯи [8, саҳ. 207] ва [9, сах.18-21] анҷом дода шудааст.

**Диаграммаи 2**

**Тағйирёбии ИРИ дар минтақаҳои кишвар[3]**




**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.04.2014.
2. Нерӯи иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи рушди инсонӣ (тадқиқоти илмӣ-амалӣ). Таҳти назари н.и.и., дотсент Р.М.Бабаджанов ва н.и.и. А.Л.Алимов. Душанбе, «Фарзин», 2013, 384 с.
3. Нерӯи иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи рушди инсонӣ (тадқиқоти илмӣ-амалӣ). Қисми 2. Таҳти назари н.и.и., дотсент Р.М.Бабаджанов ва н.и.и. А.Л.Алимов Душанбе, «Фарзин», 2014, 252 с.
4. Рушди инсонӣ. Китоби дарсӣ (нашри 2, иловашуда ва аз сари нав коркардшуда). Зери таҳрири умумии н.и.и., дотсент Бабаджанов Р.М., Душанбе, соли 2014, 433 с.
5. Ҳисоботи миллӣ оид ба рушди инсон. 2011 «Тоҷикистон: Институтҳо ва Рушд». Душанбе, 2012.
6. Wikipedia.org.
7. Human Deployment Reports. www.undp.org.
8. Маҷмӯаи «Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2020.
9. Маҷмӯаи омории «Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2020.

**Джализода Д.Р.**

## ПРОГРАММНОЕ РАЗВИТИЕ ГОРОДОВ И РАЙОНОВ ЗА ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В статье рассматриваются экономические проблемы регионов страны и дается сравнительный анализ ее развития за период государственной независимости, показывается упадок государственной власти на местном уровне в период гражданской войны и ее дальнейшее возрождение и развитие. Автор также освещает вопросы экономического и социального развития страны и улучшения показателей человеческого развития.*

***Ключевые слова:*** *региональная экономика региональный внутренний продукт, Индекс Человеческого Развития, пакет индикаторов оценки регионального развития.*

[3] Ҳисоб аз ҷониби ходими пешбари илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, н.и.и. Муминова Ф.М. анҷом дода шудааст.

Jalilzoda D.R.

**PROGRAMMATIC DEVELOPMENT OF CITIES AND REGIONS DURING THE YEARS OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN**

**Institute of economics and demography of the National academy of sciences of Tajikistan**

*The article shows author examinations of the economic problems of the country's regions and provides a comparative analysis of its development during the period of state independence, shows the decline of state power at the local level during the civil war and its further revival and development. The author also highlights the issues of the country's economic and social development and the improvement of human development indicators.*

***Key words:*** *regional economy, regional domestic product, Human Development Index, a package of indicators for assessing regional development.*

***Сведения об авторе:***

*Джалилзода Дилшод Раджабмурод – к.э.н., ученый секретарь Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Телефон: (+992) 919397438). Э-mail: jalilov_74@mail.ru*

УДК: 332. 2 Эшбеков Т.Ҳ.

# ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИБУҶЕТӢ ВА ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ МИНТАҚАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

*Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки диққати худро ба таҳқиқотҳои вобаста ба таҳлил ва принсипҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Тоҷикистон равона созад. Қайд карда шудааст, ки муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фишанги истифодабарии имконияти иқтисодии минтақа ва рушди он мебошад. Дар мақола ташаккули низоми буҷетҳои маҳаллӣ ва низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ дар ҳамбастагӣ бо татбиқи барномаҳои рушди минтақаҳо дида баромада шуда, якчанд тавсияҳо оид ба беҳтар намудани муносибатҳои байнибуҷетӣ дар ҷумҳурӣ оварда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми буҷетӣ, муносибатҳои байнибуҷетӣ, рушди минтақавӣ, трансфертҳои байнибуҷетӣ, кӯмаки молиявӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, субвенсия, сиёсати буҷетӣ.*

Гузаштан аз идоракунии маъмурӣ-фармонфармоӣ ва банақшагирии мутамарказонидашуда ба иқтисоди бозорӣ дар баробари дигаргунсозиҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт инчунин ислоҳотро дар сохтори давлатӣ, аз он ҷумла, такмили идоракунии минтақа ва механизми дастгирии молиявии онро ба миён овард.

Дар адабиётҳои илмӣ-назариявӣ минтақа ҳамчун ноҳия, вилоят, территория як қисми мамлакат маънидод карда мешавад, ки он маҷмӯи аломатҳои табиӣ ё таърихан бавуҷудомадаи шароити иқтисодӣ-ҷуғрофӣ ва ҳайати миллии аҳолиро, ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд ,дар бар мегирад.

Зарурат ва аҳамияти махсуси минтақа аз як тараф дар осон намудани идоракунии давлатӣ инъикос гардад, аз тарафи дигар дар ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои банақшагирии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, батанзимдарории алоқаҳои иқтисодии қисмҳои алоҳидаи мамлакат дида мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои хоси табиӣ, тақсимоти маъмуриву территориявӣ, нақлиётиву коммуникатсионӣ, геополитикӣ, демографӣ, масоҳати ҷойгиршавӣ ва дигар аломатҳои иқтисодӣ ба панҷ минтақа ҷудо карда шудааст; Марказӣ, шаҳри Душанбе бо чор ноҳияи тобеи шаҳр; Шимолӣ, вилояти Суғд – ҳашт шаҳр, чордаҳ ноҳия, наваду се ҷамоату деҳот; Шарқӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – як шаҳр, ҳафт ноҳия, чилу се ҷамоату деҳот; Ҷанубӣ, вилояти Хатлон – чор шаҳр, бисту чор ноҳия, як саду сиву се ҷамоату деҳот; Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – чор шаҳр, сенздаҳ ноҳия, як саду як ҷамоату деҳот.

Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ҷумҳурӣ дар мисоли минтақаҳо дар ҷадвали 1 мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Таҳлили маълумотҳои дар мисоли минтақаҳои ҷумҳурӣ дар бист соли охир нишон медиҳад, ки масоҳати умумии ҷумҳуриявӣ (141,1 ҳаз. кв. км) қариб, ки 44,5 % ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ), 17,8 % - ба вилояти Суғд, 17,5 % - ба вилояти Хатлон, 20,3 % - шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ (НТҶ ) ва камтар аз 1 % ба ш. Душанбе рост меояд.

Аз рӯи шумораи аҳолӣ аз ҳама минтақаи калонтарин вилояти Хатлон (3348,5 ҳаз. наф) – 35,8 % аз шумораи умумии аҳолии муқими ҷумҳурӣ, баъдан вилояти Суғд (2707,3 ҳаз. наф) – 29,2 %; НТҶ (2165,9 ҳаз. наф) – 23,1 %; ш. Душанбе (863,4 ҳаз. наф) – 9,3 %; ВМКБ (228,9 ҳаз. наф) – 2,5 % ба ҳисоб меравад.

Аз рӯи шумораи корхона ва ташкилотҳои амалкунанда ҳиссаи вилояти Хатлон 28,7 %, вилояти Суғд – 25,5%, ш. Душанбе – 24,4 %, НТҶ – 16,6 % ва ВМКБ – 3,8 фоизро ташкил медиҳад. Вале манзара ҳангоми таҳлили истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ пурра тағйир меёбад. Аз ҷумла, истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ҳангоми ҳисоб ба сари аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ 6047

ҳаз. сомониро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин дар ш. Душанбе – 15139,2 ҳаз. сомонӣ, дар вилояти Суғд – 20537,1 ҳаз. сомонӣ ба чашм расида, нишондиҳандаҳо аз рӯи вилояти Хатлон – 19664,0 ва ВМКБ – 1063,4, НТҶ – 12287,7 ҳаз. сомонӣ мебошад.

**Ҷадвали 1.**

**Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1.01.2020***

| № т/р | Нишондиҳандаҳо | Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз он ҷумла, дар минтақаҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | ш. Душанбе | ВМКБ | в. Суғд | в. Хатлон | ШНТҶ |
| I | Масоҳат: ҳаз. км$^2$ | 141,4 | 0,1 | 62,9 | 25,2 | 24,7 | 21,5 |
| | в/хос (%) | 100 | 0,07 | 44,5 | 17,8 | 17,5 | 20,13 |
| II | Шумораи аҳолии доимӣ: ҳаз. Нафар | 9313,8 | 863,4 | 228,9 | 2707,3 | 3348,3 | 2165,9 |
| | в/хос (%) | 100 | 9,3 | 2,4 | 29,1 | 35,9 | 23,3 |
| III | Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ: -млн. сом. | 68691,4 | 15139,2 | 1063,4 | 20537,1 | 19664,0 | 12287,7 |
| | - в/хос (%) | 100 | 22,1 | 1,5 | 29,9 | 28,6 | 17,9 |
| | -ба 1 н. аҳолӣ (сом) | 7375,2 | 17534,2 | 4645,7 | 7585,8 | 5872,8 | 5673,2 |
| IV | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ: -млн. сом. | 27613 | 2753,4 | 249,3 | 13053,6 | 8661,1 | 2895,6 |
| | - в/хос (%) | 100 | 10,0 | 0,9 | 47,2 | 31,4 | 10,5 |
| | -ба 1 н. аҳолӣ (сом) | 2965 | 3189 | 1089 | 4822 | 2587 | 1337 |
| V | Сармоягузорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо: -млн. сом. | 12517,8 | 3234,9 | 257,4 | 1736,0 | 2623,0 | 4666,5 |
| | - в/хос (%) | 100 | 25,8 | 2,1 | 13,9 | 20,9 | 37,3 |
| | -ба 1 н. аҳолӣ (сом) | 1344 | 3747 | 1124 | 641 | 783 | 2155 |
| VI | Даромади умумии буҷети минтақаҳо: | | | | | | |
| | -млн. сомонӣ | 6768,6 | 1927,9 | 279,8 | 1887,4 | 1706,4 | 967,1 |
| | - в/хос (%) | 100 | 28,5 | 4,2 | 27,9 | 25,2 | 14,2 |
| VII | Хароҷоти умумии буҷети минтақаҳо: | | | | | | |
| | -млн. сомонӣ | 6780,2 | 1927,9 | 281,2 | 1887,3 | 1714,9 | 968,8 |
| | - в/хос (%) | 100 | 28,4 | 4,1 | 27,8 | 25,3 | 14,4 |

**Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисоботҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи муаллиф таҳия шудааст. – Душанбе, 2020. – С. 10,207,272, 329 .*

Аз рӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба сари аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ ин нишондиҳанда 2243 ҳаз. сомониро ташкил дода, нишондиҳандаи аз ҳама баландтарин ба сари аҳолӣ дар вилояти Суғд – 13053,6 ҳаз. сомонӣ, баъдан дар ш. Душанбе – 2753,4 ҳаз. сомонӣ, вилояти Хатлон – 8661,1 ҳаз. сомонӣ ба чашм расида, нишондиҳандаҳои пасттарин дар ВМКБ – танҳо 249,3 ҳаз. сомонӣ ва НТҶ – 2895,6 ҳаз. сомониро ташкил намуданд. Нишондиҳандаҳои ба ин монанд аз рӯи сармоягузориҳо, буҷети давлатӣ ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба чашм мерасанд.

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”[1][1] муқаррар намудааст, ҳар як минтақа (вилоят, шаҳр, ноҳия) дорои моликияти худӣ мебошад, ки дар тавозуни он ба қайд гирифта шудааст. Дар ин замина мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, ба муносибатҳои мутақобили дохилӣ ва берунӣ баромад менамояд. Чи тавре ки таҷриба нишон медиҳад, даромад аз субъектҳои иқтисодии дар тобеияти худ доштаи ҳокимияти минтақаҳо ба ҳисоби миёна камтар аз ¼ хароҷоти мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо гузошташударо таъмин менамояд. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини мувозинати қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети худ ва баробарсозии сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳрвандони минтақаҳои ҷумҳурӣ, зарурати муносибати мутақобили байни марказ ва минтақаҳо ба миён меояд.

Дар ин маврид мақоми асосиро муносибатҳои байнибуҷетӣ ташкил менамоянд. Таъсири мутақобилаи буҷетҳо, аз як тараф ҳамчун муносибати тарафайн бошад, аз тарафи дигар ин раванди ба вуҷудоии ҷараёни пулӣ, манбаъҳои молиявӣ, батанзимдарорӣ ва истифодаи онҳо мувофиқи таъйиноти суроғаноки хотимавӣ мебошад, ки ба гурӯҳбандии буҷетӣ ва навиштаҷоти хароҷотҳои буҷетӣ мувофиқи қонуни ҳар сол қабулшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бароси буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ” мебошад.

Чуноне, ки дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бароси “Молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 28-уми июни соли 2011 №723 (бо тағйироту иловаҳо) [2][2] оварда шудааст, мазмуни паҳлуҳои алоҳидаи ҳаракати мутақобили буҷетҳо дар система бо шартҳои зерин инъикос мегардад:

- мустақилияти буҷетҳо дар барпокунӣ ва тақсими даромад мутобиқи қонунҳои амалкунанда;
- мусолиҳаи зарурӣ байни буҷетҳо дар вақти барпокунӣ, тақсимкунӣ ва истифодабарии онҳо;
- ҷавобгарии якҷояи буҷетҳо дар иҷрои вазифаҳои буҷетӣ ва таъмини мақсадҳои маблағгузории буҷетӣ;
- бартарии буҷети ҷумҳуриявӣ дар барпокунии заминаи буҷетӣ ва сиёсати андозиву буҷетӣ;
- ба даст овардани мувозинат ва устувории низоми буҷетӣ ҳамчун натиҷаи таъсири мутақобили буҷетҳо;
- дар зери назорат ва ҷавобгарӣ будани буҷетҳои зинаҳои поёнӣ дар назди буҷетҳои зинаи боло, дар масъалаи мувофиқи мақсад ва суроға истифода бурдани кӯмаки молиявӣ;
- назарнамо будани ҷараёни буҷетӣ байни зинаҳои низоми буҷетӣ.

Воситаҳои сохторҳои идоракунии давлатии минтақаҳо, ки аз ҳисоби амалиётҳои воридотӣ ба вуҷуд меоянд, аз даромади умумӣ ва трансфертҳои махсуси гирифташуда иборатанд.

Дар объекти таҳқиқотии мо вилояти Хатлон ва ВМКБ даромади умумӣ аз даромади ҷорӣ ва даромад аз ҳисоби амалиётҳо бо сармоя ба вуҷуд меояд.

Даромади ҷорӣ аз воридотҳои андозӣ ва ғайриандозӣ иборат аст. Қисми асосии даромади буҷети минтақаро андозҳо ташкил менамоянд, ки пардохти ҳатмии бебозгашт ва беподоши субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ мебошанд.

Воридотҳои ғайриандозӣ аз даромади моликияти давлатӣ (минтақавӣ), даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, фурӯши моликияте, ки ба минтақа таааллуқ дорад, иборатанд.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 339; с. 2006, №11, мод. 472; с. 2009, №12, мод. 814; с. 2010, №12, қ. 1, мод. 800; с. 2013, №3, мод. 179, №7, мод. 500; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1411.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бароси “Молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, мод. 436; с. 2013, №3, мод. 189, №11, мод. 784;Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 с., №1316.

Маълум аст, ки мустақилияти ҳар як буҷет танҳо дар ҳамон ҳолат таъмин карда мешавад, агар сохтори дахлдори ҳокимияти давлатӣ дорандаи маблағҳои зарурии худии манбаъҳои молиявӣ буда, вобаста ба вазифаҳои иҷро мекардааш ҳуқуқи озодона истифодабарии онҳоро дошта бошад, ҷавобгарии пурраро оиди мувофиқи қонун сарфакорона ва самаранок истифодабарии воситаҳои буҷетиро ҳис намояд.

Ҳаминро қайд кардан зарур мешуморем, ки тартиботи амалкунандаи расонидани кӯмаки молиявӣ ба минтақаҳо зоҳиран танҳо як мақсад аст–таъмини мувозинати байни даромад ва хароҷоти буҷети минтақа, яъне ба мувозинати вертикалӣ овардани он. Дар ин ҷода пӯшида нест, ки методологияи ташаккули буҷетҳо то ҳол ба аввалиндараҷагии хароҷот на ин ки ба даромад асос ёфтааст. Дар натиҷа аз ҳамдигар дурии даромаду хароҷоти буҷетӣ баробарсозии дараҷаи иқтисодӣ-иҷтимоии байни минтақаҳо ҳамон қадар аз ҳам дур ва ҳискунанда гардидаанд, ки кӯшишҳо ба воситаи трансфертҳои буҷетӣ ҳал намудани он натиҷаи дилхоҳ надода истодааст. Ин ҳақиқат аст, ки зиёда аз 80%-и буҷетҳои маҳаллии вилояти Хатлон субвенсионӣ мебошанд ва ин дар дараҷаи муайян натиҷаи нобаробар тақсимкунии манбаҳои даромади буҷетҳост, ки ба дифференсиатсияи ваколатнокии буҷети минтақаҳо ҷавобгӯ нест.

Масъалаи баланд бардоштани ҳавасмандии сохторҳои давлатии минтақавӣ ва маҳаллӣ барои афзунгардонии потенсиали андозӣ ва зиёдкунии даромади худии буҷетҳо, кам кардани дотатсиядиҳӣ ба буҷетҳои поёнӣ, камкунии ҳаҷми ҷараёни молиявии мутақобил қобилияти худ ба худ ҳалшавии муамморо надорад [5, 46].

Ҳамаи инҳо сабаби он мегарданд, ки минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳавасманданд на барои баланд бардоштани андозғундорӣ, балки барои пинҳон намудани базаи андозӣ ва ҳар чӣ зиёдтар аз марказ "кандани" кӯмаки молиявӣ. Бо ибораи дигар гӯем, механизми буҷетии амалкунанда имкон намедиҳад, ки самаранокии баробарсозии буҷетӣ баҳо дода шавад, сиёсати буҷетии ҳокимияти ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бо ҳам мутобиқ карда шаванд, ба ҷои он, ки маблағи хароҷот ва касри буҷети зиёд ё дар як ҳолат нигоҳ дошта шавад. Мисоли амалӣ дар ин масъала бо нишондиҳандаҳои ҷадвали 2. тасвир карда мешавад.

Дар ин бора дар боло қайд карда шуд, ки механизми дастгирии молиявии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон чун минтақаҳои дигар аз ҳисоби воситаҳои худӣ(вобастакардашуда) ҳиссаҷудокунӣ аз ҳисоби андозҳои давлатӣ ва трансфертҳои буҷетӣ ташкил карда мешавад.

Чуноне, аз рақамҳои ҳисоботи Кумитаи омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2. дида мешавад, маблағи умумии даромади буҷети минтақаҳо дар соли 2019-6768,6 млн. сомониро ташкил намудааст, ки он нисбат ба нишондиҳандаи мазкур дар соли 2008-7,3 маротиба, соли 2010-4,1 маротиба, соли 2015-1,6 маротиба, соли 2017-1,3 маротиба ва соли 2018-1,2 маротиба зиёд мебошад.

**Ҷадвали 2. Динамикаи ҳаҷм ва таркиби даромади миёнаи буҷети минтақаҳо ва вилояти Хатлон дар солҳои 2010-2019**

| Нишондиҳандаҳо | | СОЛҲО | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | | 2015 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2019/ 2010 % | |
| Даромади буҷети минтақаҳо-ҳамагӣ | I | 1640,1 | 100 | 4204,1 | 100 | 5323,5 | 100 | 5782,9 | 100 | 6768,6 | 100 | 412,7 | 100 |
| | II | 416,3 | 31,0 | 1100,4 | 26,1 | 1432,2 | 26,6 | 1466,0 | 25,3 | 1706,4 | 25,2 | 409,9 | 81,3 |
| Даромади худӣ (вобастакардашуда) | I | 321,9 | 19,6 | 714,8 | 17,1 | 889,5 | 16,7 | 1062,0 | 18,4 | 1209,5 | 17,9 | 375,5 | 91,3 |
| | II | 48,2 | 11,5 | 116,9 | 10,6 | 141,5 | 10,0 | 157,8 | 10,8 | 182,9 | 10,7 | 379,5 | 93,0 |
| Ҳиссаҷудокунӣ аз андозҳои давлатӣ | I | 1025,7 | 62,6 | 2680,6 | 63,4 | 3545,0 | 66,5 | 3895,9 | 67,4 | 4607,7 | 68,1 | 449,2 | 108,8 |
| | II | 217,7 | 52,1 | 510,8 | 46,4 | 747,0 | 52,8 | 847,2 | 57,8 | 983,1 | 57,6 | 451,6 | 110,6 |
| Трансфертҳои буҷетӣ | I | 292,5 | 17,8 | 808,7 | 19,2 | 889,0 | 16,7 | 825,0 | 14,3 | 951,4 | 14,1 | 325,3 | 79,2 |
| | II | 150,4 | 36,4 | 472,7 | 43,0 | 532,8 | 37,2 | 461,0 | 31,4 | 540,3 | 31,7 | 359,2 | 87,1 |

***Сарчашма:*** *Аз тарафи муаллиф дар асоси коркарди буҷети тасдиқгардида ва ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст. Эзоҳ: I. Ҷумҳурии Тоҷикистон-ҳамагӣ; II. вилояти Хатлон.*

Дар ин давра даромади умумии буҷети вилояти Хатлон аз 261,7 млн сомонии соли 2008 то ба 1706,4 млн. сомонӣ дар соли 2019 расидааст, ки он нисбат ба соли 2008-6,5 маротиба; соли 2010-4,1 маротиба; соли 2015-1,5 маротиба; соли 2017-1,2 маротиба ва соли 2018-1,2 маротиба зиёд мебошад (ба расми 1 нигаред).

Рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки суръати афзоиши даромади буҷети вилоят ба ғайр аз соли 2008, дар солҳои дигар, дар сатҳи нишондиҳандаи миёнаи минтақавии ҷумҳурӣ афзудааст.

Лекин дар даҳ соли охир даромади буҷети вилоят дар миқёси ҷумҳурӣ аз 27,1,% соли 2008 ва 31,0% соли 2010, дар соли 2015-26,1%, соли 2017-26,6%, соли 2018-25,3%, соли 2019-25,2%-ро ташкил намудааст, ки ин нисбат ба минтақаҳои дигар бо суръати суст афзудани даромади буҷети вилояти Хатлонро нишон медиҳад.




**Расми 1. Динамикаи даромади буҷети минтақаҳо ва вилояти Хатлон дар солҳои 2008-2019, млн. сомонӣ.**

Фаъолият дар шароити иқтисоди бозорӣ талаб менамояд, ки ҳокимияти минтақа ва шаҳру ноҳияҳои тобеи он бояд дар ихтиёри худ чунин маблағи худӣ дошта бошад, ки он барои камаш дар сатҳи ҳадди ақал таъмин намудани рушди иқтисодиву иҷтимоии онҳо кифоя бошад. Дар акси ҳол сохторҳои минтақавии ҳокимияти давлатӣ мустақилона сиёсати худидоракунии давлатиро гузаронида натавониста, мунтазири маблағ аз марказ меистанд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар аксари давлатҳои дунё (чӣ федералӣ ва чӣ ягона) дараҷаи сарчашмаҳои худии буҷетҳои маҳаллӣ на зиёда аз ¼ даромади умумии буҷети онҳоро ташкил менамояд. Чунин тарзи тақсими даромад байни буҷети марказӣ ва минтақаҳо ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ намебошад, ки онро дар мисоли таҳқиқотии мо – вилояти Хатлон мушоҳида менамоем.

Дар баробари афзоиши даромади умумии буҷети минтақаҳо дар ёздаҳ соли охир ба миқдори 5,73 маротиба, маблағи воситаҳои худӣ ба ҳисоби миёна 3,26 маротиба афзудааст, ки ин – 2,47 маротиба кам мебошад. Ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон мутаносибан: 5,62; 3,31; ва 2,31 маротибаро ташкил менамояд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки чӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва чӣ дар вилояти Хатлон дар масъалаи пурзур намудани базаи андозбандии аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ буҷетҳои минтақавӣ ягон хел кор бурда намешавад ва ин нишондиҳанда ба ҷое ки афзояд, коҳиш ёфта истодааст (нигаред ба диаграммаи 1.).




**Диаграммаи 1. Ҳиссаҷудокуниҳо аз буҷети давлатӣ ба буҷети минтақаҳои Тоҷикистон ва вилояти Хатлон дар солҳои 2008-2019, млн. сомонӣ**

Исботи гуфтаҳои болоӣ вазни хоси даромад аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ дар микёси минтақаҳои ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон шуда метавонад. Агар дар соли 2008 вазни хосси воситаҳои худии буҷетҳои минтақавӣ ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ 29,4% ташкил карда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2010-19,6%; соли 2015-17,1%; соли 2017-16,7%; соли 2018-18,4% ва соли 2019-17,9%-ро ташкил намудааст. Дар вилояти Хатлон вазни хосси воситаҳои худӣ дар соли 2008-16,3%; соли 2010-11,5%; соли 2015-10,6%; соли 2017-10,0%; соли 2018-10,8% ва соли 2019-10,7%-ро ташкил намудааст. Агар ба ибораи дигар гӯем, дараҷаи воситаҳои худии буҷетҳои минтақавӣ дар дувоздаҳ соли охир дар ҳаҷми умумии даромади буҷети минтақаҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ ба 1,8 маротиба ва дар вилояти Хатлон 1,7 маротиба коҳиш ёфтаанд, ки ин ягон роҳи ҳимоя надорад.

Ҳолати ҷойдошта боз як бори дигар исбот менамояд, ки асоси молиявии худидоракунӣ ва худмаблағгузорӣ барои таъмини вазифаҳои ба ухдаи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузошта ниҳоят нокифояанд ва аксарияти онҳо бо умеди кӯмаи молиявӣ аз марказ фаъолият менамоянд. Яке аз шартҳои иқтисоди бозорӣ гуногуншаклии моликият ва ҳимояи қонунии онҳо мебошад [3, 123]. Дар ҳақиқат амалӣ гаштани шарти номбурда дар амал бо чунин далел тасдиқ карда мешавад, ки дар айни замон дар ҳаҷми умумии шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ бахши хусусӣ, ки дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ дар шакли корхонаҳои хурду миёна, хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорони инфиродӣ паҳн гардидаанд, зиёда аз 70%-ро ташкил менамоянд, лекин ин ба дигаргуншавии дараҷаи даромади буҷетҳои минтақавӣ аз ҳисоби воситаҳои худӣ, то ҳатто сарчашмаҳои вобастакардашуда ягон хел таъсири мусбат нарасонидааст. Ба фикри мо, барои ҳалли чунин муаммои ҷойдошта бояд ба қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ва Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

Ҳамин тавр, омӯзиши низоми муносибатҳои байнибуҷетӣ, асосҳои институтсионалии ваколатҳои даромад ва хароҷот ва ҳамчунин таҳлили шуморавии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти худтаъминкунии минтақаҳои кишвар имконият медиҳад, ки хулоса ва пешниҳодҳои худро нишон диҳем:

1. Дар Тоҷикистон қисми асосии функсияҳои давлатӣ оид ба расонидани кумаки иҷтимоӣ ва дигар хизматрасониҳо аз тарафи мақомоти идоракунии маҳаллӣ иҷро карда мешавад. Бинобар ин, механизми мушаххаси маблағгузории марказонидашуда ва маблағгузорӣ аз буҷетҳои маҳаллӣ, ки ба мақомоти идоракунии маҳаллӣ вогузор шудааст, зарур мешуморем.

2. Мақомоти маҳаллӣ буҷетҳои худро дар шароити номуайянӣ ташаккул медиҳанд, онҳо хароҷотҳои ниҳоии худро муайян намесозанд ва дар баробари ин даромаде, ки ба буҷети онҳо дар соли нақшавӣ бояд ворид гардад ва он ба нақша гирифта шудааст, пешгӯӣ карда наметавонанд.

3. Бояд моделеро сохт, ки он имкон диҳад, рушди иқтисодии минтақаро бо назардошти минтақаҳои мушкилотдошта муайян намуда, роҳҳои аз байн бурдани онро ошкор намояд. Дар ин модел бояд рушди босуръати бахши воқеии иқтисодиёти минтақа, пеш аз ҳама саноат, бо ҷалби сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ ба инобат гирифта шавад.

4. Тамоми хароҷотҳоро дар давраи тартиб додани буҷети минтақа ба таври ҷиддӣ омӯхта, имкониятҳои кам кардани касри он аз ҳисоби ихтисори баъзе аз хароҷотҳои дуюминдараҷа ба инобат гирифта шавад.

5. Рушди низоми мутавозини молиявӣ дар сатҳи минтақа. Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт мавқеи муҳимро ташкили буҷети фондҳои махсус ишғол менамоянд.

6. Таҳкими рушди устувори минтақа, алалхусус ташкили фондҳои боваринок, захираҳо барои дастгирии соҳибкории хурд, пешгирии ҳаргуна хавфҳо. Ҳамзамон ҷалби дастгирии молиявии байналхалқӣ ва худӣ.

Аз ин рӯ, ба назари мо барои мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ зарур аст:

1. Уҳдадориҳои хароҷотиро байни сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ба таври мушаххас муайян намудан лозим аст.
2. Дар асоси доимӣ мустаҳкам намудани даромади андозӣ дар буҷетҳои маҳаллӣ
3. Пешгӯишаванда намудани ҳаҷми трансфертҳои байнибуҷетӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ”//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 339; с. 2006, №11, мод. 472; с. 2009, №12, мод. 814; с. 2010, №12, қ. 1, мод. 800; с. 2013, №3, мод. 179, №7, мод. 500; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1411.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои “Молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ”Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, мод. 436; с. 2013, №3, мод. 189, №11, мод. 784;Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 с., №1316.

3. Громова Н.М., Михалкина Т.К. Формирование межбюджетных отношений на региональном уровне // Н.М. Громова, Т.К. Михалкина //Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. -2009. -№5. С.46-50

4. Кадыров Д.Б., Шодиева Т.Г. Региональная экономика и управление// Д.Б. Кадыров, Т.Г. Шодиева // Учебник. – Душанбе: «Деваштич», 2002. – 260 с.

5. Каримова М.Т. Региональная политика: проблемы и перспективы в Таджикистане. / М.Т. Каримова. – Душанбе. Ирфон, 2014. – 204с

6. Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатӣ». Душанбе, *28 июни соли 2011, - №723*

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» дар солҳои 2018-2019. аз 16 ноябри соли 2017, №1469 –Душанбе, 2019.

8. Лишин М.В. Становление системы межбюджетных отношений: история и современное состояние. // М.В. Лишин// Теория и практика общественного развития. 2010. - №01. С.323-326.

9. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2018. // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – С.324.

10. Худоиев М.Н. Бюджетный сектор /М.Н. Худоиев, С.М. Наджмиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2010. - 410 с.

Эшбеков Т. Х.

## АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ УПРАВЛЕНИЯ МЕЖБЮДЖЕТНЫХ ОТНОШЕНИЙ И ФИНАНСОВАЯ ПОДДЕРЖКА РЕГИОНОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Таджикский государственный финансово-экономический университет**

*В данной статье автор рассмотрел основы и принципы систем межбюджетных отношений в Республике Таджикистан. Отмечено, что межбюджетные отношения в Республике Таджикистан являются механизмом использования экономического потенциала территорий и их развития. В статье приведены некоторые рекомендации по совершенствованию межбюджетных отношений в республике.*

*Также в этой статье приведены системы формирования местных, межбюджетных отношений с координацией и реализацией документов, связанных с национальной стратегией развития регионов с учетом существующих нормативно–правовых документов.*

***Ключевые слова**: бюджетная система, межбюджетные отношения, территориальное развитие, межбюджетные трансферты, финансовая помощь, исполнительный орган местной власти, субвенция, бюджетная политика.*

Eshbekov T. H.

## ANALYSIS OF THE CURRENT STATE OF INTERBUDGETARY MANAGEMENT RELATIONS AND FINANCIAL SUPPORT OF REGIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Tajik state university finance and economic**

*The author examined the foundations and principles of the systems of interbudgetary relations in the Republic of Tajikistan in this article. It is noted that inter-budgetary relations in the Republic of Tajikistan are a mechanism for using the economic potential of territories and their development. The article contains some recommendations for improving interbudgetary relations in the republic.*

*Also, this article provides systems for the formation of local, interbudgetary relations with the coordination and implementation of documents related to the national strategy for the development of regions, taking into account the existing regulatory and legal documents.*

***Key words:** budget system, interbudgetary relations, territorial development, interbudgetary transfers, financial assistance, local executive body, subvention, budget policy*

***Сведения об авторе:***

***Эшбеков Темурджон Хазратович** – ассистент кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе. ул. Нахимова, 64/14, E-mail: estimur@yandex.ru, тел: (+992) 904-58-67-00*

УДК 336.011 Шарипов Б.М.

# СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ НЕБАНКОВСКИХ ФИНАНСОВЫХ ИНСТИТУТОВ ЗА ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА КАК ВАЖНОЕ УСЛОВИЕ РАЗМЕЩЕНИЯ ПРОИЗВОДИТЕЛЬНЫХ СИЛ

**Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистан**

*Данная статья посвящена анализу процесса и этапам становления и формирования небанковского сегмента финансового сектора Таджикистана за годы независимости, в частности обращения ценных бумаг, страхования, лизинга и т.д. Показаны наиболее значимые его достижения и имеющиеся резервы, определены главные направления дальнейшего развития в контексте развития и размещения производительных сил Таджикистана в среднесрочной и долгосрочной перспективе.*

***Ключевые слова***: *финансовый сектор, сегменты, обращение ценных бумаг, страхование, лизинг, пенсионные фонды, фондовая биржа, листинг.*

Ключевыми элементами развитого финансового рынка любой страны являются банки и небанковские финансовые учреждения, деятельность которых предполагает совместные их действия, и потому они должны быть равнозначно развиты. Так, большинство экономик развитых и развивающихся стран для удовлетворения финансовых потребностей субъектов рынка опираются не только на сеть банков, но и на доступность широкого спектра финансовых продуктов и услуг, которые предлагаются страховыми, лизинговыми, факторинговыми, венчурными компаниями, взаимными, пенсионными, инвестиционными фондами и другими небанковскими организациями [7,8,9,10].

Поэтому, для независимой Республики Таджикистан, наряду с развитием банковского сегмента, становление и формирование небанковского сегмента финансового рынка (НБФР) являлось одной из важнейших задач государственной финансовой политики в условиях перехода к рынку и как условие развития и размещения производительных сил. Его становление и формирование тесно связано с появлением качественно новых возможностей национального государства с созданием основ для полноценного функционирования рыночного механизма по мобилизации внутренних и внешних сбережений, их перетока от субъектов, которые имеют избыток к тем субъектам, кто испытывает потребность в дополнительном финансировании, в том числе, в пространственном аспекте.

Особенно важны для национальной экономики возможности НБФС по трансформации свободных сбережений в финансовые инвестиционные ресурсы, связанные с ее такими характеристиками как долгосрочность, минимизация рисков и издержек для субъектов рынка при использовании для финансирования инновационного развития реальной экономики.

Ретроспективный анализ отечественного небанковского сегмента финансового рынка за 30 лет независимости показывает, что он прошел несколько этапов становления, формирования и развития. Прежде всего, особо значимо историческое место первого этапа (с 1991 по 1995 годы) - периода первоочередных рыночных преобразований и формирования основ небанковского финансового сектора (рынка) независимого Таджикистана.

На начало этапе независимости Таджикистана, в период за 1991 -1995 гг., небанковский финансовый сектор был узко представлен такими отдельными элементами, как обращение государственных ценных бумаг и совокупностью финансовых продуктов, оказываемых единственной государственной страховой компанией.

Следует особо отметить, что с обретением независимости и началом проведения экономических преобразований в экономике, на первом этапе, при формировании отечественного небанковского сегмента финансового рынка, приоритетное внимание

было уделено становлению сегмента обращения ценных бумаг. Это подтверждается анализом законотворческой деятельности правительства Таджикистан. Так, сразу после обретения независимости, в 1991 и 1992 г., были приняты Законы " Об акционерные общества" и " О ценных бумагах и фондовых биржах", направленных на создание правовой базы обращения ценных бумаг, формированию его инфраструктуры. Так, были предприняты меры по вводу в обращение новых видов ценных бумаг как приватизационные чеки, использованные при проведении массовой приватизации активов, находящиеся в собственности государства, как жилье, торговые точки, промышленные и сельскохозяйственные предприятия, а также объекты социального назначения и т.д.

Становление и формирования сегмента ценных бумаг отчасти способствовала реализации государственной программы по приватизации и акционированию государственных предприятий реального сектора. Так, с использованием механизма эмиссии и обращения ценных бумаг в первую очередь были приватизированы малые и средние предприятия реального сектора и социальной сферы, ориентированные также на формирование рыночной среды. Одновременно, это способствовало обеспечению сокращения, гарантированного государством бюджетного финансирования деятельности госпредприятий, включая убыточные, их трансформации в рыночные структуры, которые осуществляют текущую деятельность, ориентируясь на рынок и его сигналы. Однако, гражданская война внесла существенные коррективы, и наблюдался перенос усилий правительства с формирования сегмента ценных бумаг в направлении преимущественного развития банковского сегмента финансового рынка. Так, оперативное решение задач военного времени и необходимость поддержки функционирования экономики, находившейся в кризисной ситуации и на траектории резкого спада ВВП, объективно обусловили преимущественное использование для покрытия бюджетного дефицита безресурсную эмиссию денег Национальным банком Таджикистан. Последний, как нерыночный механизм восполнения дефицита бюджета и финансирования экономики, применялся в период гражданского противостояния в стране, и в последствии вызвал рост инфляции, и дальнейшей ее переход в гиперинфляцию. Это обусловило резкое обесценение накоплений субъектов реальной экономики, а также сбережений населения. Так, например, произошло снижение уровня жизни населения и рост уровня бедности, достигшей к концу 90-х годов 80%.

Обобщение позволяет сделать вывод, что основной целью выпуска в обращение государственных ценных бумаг было частичная стерилизация излишнего денежной массы в виде сбережений населения, их использование на цели восполнения дефицита бюджета, обеспечение финансирования государственных расходов, включая преимущественное выполнение социальных обязательств и финансирование государственных предприятий, в том числе и убыточных и простаивающих предприятий. То есть, сегмент обращения ценных бумаг, как элемент формируемого финансового рынка, призванный обеспечить эффективное использование свободных сбережений и его трансформацию в финансовый капитал в интересах субъектов национальной экономики, размещённых по всей территории страны, находился на этапе первоначального становления.

Формирование же страхового элемента на небанковском сегменте финансового сектора (рынка) страны на данном этапе (1991-1995 гг.) происходило путем трансформации прежней, централизованной и единой страховой системы СССР, находящейся в процессе упадка и развала, в рыночную. Так, первоначально страховой сегмент был представлен единственной государственной страховой компанией «Таджикгосстрах», монопольно оказывающей совокупность как обязательных, так и добровольных видов страхования субъектам рынка посредством созданной филиальной сети по всей территории страны. Курс на рыночные преобразования, а также появление новых потребностей субъектов национальной экономики, в частности, процесс развития и размещения производительных сил, обусловило качественные преобразования данного подсегмента НБСФР. Так, появились новые страховые

организации, основанные на частной собственности, включая кооперативную, акционерно-коммерческую и смешанную формы собственности как в столице, так и в развитых регионах по территории страны. Трансформация и формирование рынка страховых услуг стало основой появления конкуренции между страховыми компаниями, роста разнообразия оказываемых страховых услуг, повышение их качества и снижение издержек для субъектов рынка как условие для развития и размещения производительных сил.

На первом этапе (1991-1995 гг.) формирования небанковских финансовых организаций и соответствующих им сегментов финансового рынка (ценных бумаг и страхования) происходило на фоне резкого ухудшения макроэкономических, в том числе финансовых, индикаторов. Так, прирост вкладов, приобретение облигаций и других ценных бумаг населения выросло за рассматриваемый период в 21 раз - с 1 881 млн. рублей в 1991 г. до 39 323 млн. рублей в 1994 г. Объемы страховых платежей за рассматриваемый период выросли с 177,5 млн. рублей до 16 125 млн. рублей, или в 90,1 раз, в том числе – по совокупности предприятий и организаций- на 143 раз, и населения – в 23 раз. Только за два года объемы операций увеличились в 63,1 раза, а рост доли финансового сектора в ВВП повысился на 6,1 п.п. За рассматриваемый период (1991-1995 гг.) наблюдалось увеличение количества количество организаций, занимающихся финансовым посредничеством с 266 ед. до 344 ед., или в 1,3 раз. [4]. Однако, этот период совпал с ухудшением макроэкономических индикаторов за 1991-1995гг., включая тенденции сокращения производственного потенциала страны, особенно в отраслях реальной экономики, по всей территории страны, и особенно, в регионах где непосредственно происходила гражданская война. Так, потери национальной экономики за годы гражданской войны оцениваются от 7 до 10 млрд. долларов США. Так, за рассматриваемый период (1991-1994 гг.) реальный ВВП (в сопоставимых ценах 2010 г.) сократился с 28 935,1 млн. сомони в 1991 г. до 12 884,6 млн. сомони в 1994 г., или более чем в 2 раз, а инфляция (в 1994 г.) исчислялась трехзначными цифрами. [4].

Введение в обращение национальной валюты стало важным историческим, политическим, экономическим и социальным явлением. Ввод национальной денежной единицы сыграло важную роль в создании основ экономической независимости страны, в частности формирования небанковского сегмента финансового рынка как современной системы, в связи чем выделяют второй этап его формирования и развития.

Второй этап развития НБФС (1995-1999 гг.) характеризуется тем, что Правительством Таджикистана был заложен надежный фундамент для формирования современных основ развития небанковского финансового сектора, активного его реформирования и модернизации в соответствии современными рыночными принципами и требованиями. Так, в частности были приняты новые Законы и обновлены действующие нормативно-правовые акты, которые содействовали либерализации данного важного сегмента финансового рынка, появлению новых субъектов рынка, расширению линейки оказываемых ими финансовых продуктов и услуг, а также совершенствованию государственного регулирования финансового рынка в целом. В частности, в 1996 году было образовано Агентство по рынку ценных бумаг при Министерстве финансов Таджикской Республики как уполномоченного органа по регулированию деятельности субъектов сегмента ценных бумаг в стране.

Третий этап (с 2000 г. по ныне) характеризуется дальнейшим развитием потенциала существующих и формированием разновидности новых небанковских финансовых институтов. Нынешний этап можно оценить, как период активного обновления, углубления реформ и модернизации небанковского сегмента финансового рынка страны.

Так, на данном этапе получили развитие новые виды небанковских финансовых посредников, включая лизинговые компании (2008 г.), новые частные страховые компании, в том числе иностранные (2013г), гарантийные фонды, институты развития в виде центров управления проектами, Фонд поддержки предпринимательства, фондовые биржи, а также иные субъекты инфраструктуры

ценных бумаг и страхования, включая сеть депозитариев, реестродержателей, брокеров, дилеров и т.д. Их формирование и развитие, помимо трансформации отечественных коммерческих банков, позволили обеспечить приток внешних иностранных финансовых ресурсов как условие для развития и размещения производительных сил страны.

Рамках нынешнего, третьего этапа развития НБФС совершенствуется нормативно-правовая база сегмента ценных бумаг, зарегистрированы две фондовые биржи, выданы 4 лицензий для осуществления деятельности по ведению регистра владельцев ценных бумаг, 11 лицензий для осуществления брокерской и дилерской деятельности, 2 лицензии для депозитарной деятельности на рынке ценных бумаг [4]. Для дальнейшего развития инфраструктуры рынка ценных бумаг в 2015 г. была открыта «Центрально-азиатская фондовой биржи" в г. Душанбе, дающая широкие возможности для развития сегмента ценных бумаг, особенно формирования его вторичного под-сегмента, связанного с обращением корпоративных ценных бумаг. В настоящее время стоит задача по дальнейшему развитию обращения ценных бумаг, включая переход к организованным формам торговли ценными бумагами, обеспечения прозрачности и эффективности данного процесса, существенного сокращения издержек и рисков. Это позволят привлечь в национальную экономику новых и потенциальных инвесторов, обеспечив дополнительные и существенные притоки иностранных и внутренних инвестиций в национальную экономику как условие развития и размещения производительных сил страны. Это позволяет в средне и долгосрочной перспективе сформировать альтернативный канал по финансированию реального сектора, особенно средне и долгосрочными финансовыми ресурсами посредством эмиссии и обращения корпоративных ценных бумаг (сроками обращения от 5 и более 10 лет), помимо банковского сегмента. [9;201].

В настоящее одним из важных элементов финансового рынка является страховой сегмент, включающий 19 единиц страховых компании, включая одну государственную и иностранную компании. В совокупности ими оказываются различные услуги по страхованию, в том числе и предприятиям реального сектора. Только за 2000-2018 гг. объем предоставленных страховых услуг увеличился более 200 раз. Бурное развитие страхового сегмента способствовало возрастанию роли этой отрасли в ВВП страны, и за рассматриваемый период доля страховых взносов в валовом внутреннем продукте возросла с 0,05% до 0,47%, т.е. на 0,42 процентных пункта. [5]. Следует отметить, что и неиспользованные резервы для развития рынка страховых услуг в республике еще велики, учитывая сравнение аналогичных показателей с развитыми страховыми рынками стран мира. Их мобилизация предусматривает реализацию совокупности мер направленных на рост капитализации отечественных страховых компаний, развитие конкуренции между ними и иностранными аналогами, расширение видов страховых услуг и т.д.

В частности, предусматривается улучшение деятельности Фонда страхования сбережений физических лиц. Его деятельность стимулировало притоки дополнительных свободных сбережений населения в банки и МДО, увеличивая их ресурсную базу как базы для роста объемов кредитования национальной экономики. То есть, усиливается процесс роста вклада небанковских финансовых институтов в росте совокупных ресурсов и финансовых вложений в национальную экономику как условие развития и размещения производительных сил страны.

В 2014 году в Таджикистане был зарегистрирован новый вид небанковской финансовой компании- ООО «Партнерство по поддержке кредитов в Таджикистане», которой оказываются услуги по частичной гарантии кредитным организациям рисков при выдаче кредитов на реализацию инвестиционных проектов. Так, гарантийная компания покрывает 60% остаточной стоимости выданных кредитов. Сумма кредита, которую может гарантировать фонд, варьирует от 10 000 долларов США до 500 000 долл. США. Фонд оказывает и техническую поддержку по усилению потенциала

банков-партнеров в управлении рисками, коучинге и тренингах для сотрудников, разработке новых кредитных продуктов и т.д.

Другим важнейшим направлением формирования небанковского сегмента финансового рынка является развитие лизинга. Последний важен для финансирования реальной экономики, когда у субъектов рынка нет достаточных накоплений и существенных финансовых ресурсов для активизации их инвестиционной деятельности. На небанковском сегменте финансового рынка лизинговые компании появились в 2005 г. Так, в 2005 г. была создана первая специализированная лизинговая компания «Нахуст-лизинг» в форме дочернего подразделения со 100% владением его капиталом ОАО «Таджиксодиротбанк». В 2007 г. была создана лизинговая компания «Лизинг файненс» с участием 100 % капитала в сумме 3 млн. сомони ОАО «Агроинвестбанк». Аналогичные лизинговые компании были созданы и другими отечественными банками страны, включая ОАО «Ориенбанк» и ОАО «Бонки рушти Точикистон»- ООО «Ориен-лизинг», ЗАО ЛК «БРТ-лизинг» и т.д. Дополнительным каналом по развитию лизинга выступают и микрофинансовые организации. Это способствовало тому, что увеличивались не только количество, но и объемы лизинговых сделок, способствуя росту объемов импорта оборудования и новой техники, тем самым содействуя развитию промышленному предпринимательства по всей территории страны.

В целях дальнейшей государственной поддержки и стимулирования развития лизинга в сельской местности, в 2007 г. была создана первая республиканская государственная лизинговая компания ГУП «Таджикагролизинг» с уставным капиталом в 8 млн. сомони. (Пост. Правительства РТ № 597 от 30 ноября 2007 г.). Ее создание позволило качественно улучшить обеспеченность сельхозпроизводителей техникой, ее долгосрочной аренды, а также предоставлению технических услуг. Оказывая совокупность услуг хозяйствам по качественной и своевременной обработке земель, транспортных услуг, ремонту оборудования, обеспечивая их запасными частями и комплектующими, обеспечивается своевременное проведения соответствующих технологических работ, которое оказывает решающее влияние на конечную высокую урожайность продукции и эффективность деятельности дехканских хозяйств в целом. ГУП «Таджикагролизинг», имея свои представительства и филиалы в большей части сельскохозяйственных районов страны, оказывает и дополнительно и иные разнообразные услуги по аренде техники, его ремонту, поставке запасных частей и т.д.

Развитие лизинга поддерживает и расширение деятельности отечественного машиностроения. Так, отечественный завод по производству тракторов «Точирон», с участием иранского капитала, позволил через лизинговые схемы улучшить обеспеченность сельского хозяйства современными видами тракторов больших и малых по размеру и мощности. Дополнительно улучшилась оснащенность сельхозпроизводителей средствами малой механизации, запасными частями.

Привлекательность этого сегмента финансового бизнеса стало основой для создания компаний по реализации лизинговые операций с 100% иностранным капиталом. Так, созданная компания ООО «Сароб», помимо поставки и реализации разнообразной импортной сельскохозяйственной техники, дополнительных механизмов и запасных частей, оказывает и консультационные услуги, помогающая дехканским хозяйствам более эффективно использовать оборудование и технику. Имея доступ к использованию более дешевых финансовых ресурсов на развитых международных финансовых рынках, ее деятельность является фактором дальнейшего развития лизинговых отношений в Таджикистане в перспективе.

Лизинг стал основным инструментом обновления основных средств в авиации, на автотранспорте, строительстве. В перспективе развитие лизинга предусматривает рост его вклада в обновление основных фондов в сельском хозяйстве и промышленности в больших масштабах по всей территории страны. Так, использование лизинга позволило качественно обновить парк отечественной авиационной отрасли за счет новейших типов современных самолетов (Боинги различных модификаций), повысить конкурентоспособность отечественных авиакомпаний, как на внутреннем, так и на

внешних рынках авиаперевозок. Развитие лизинга содействовало обеспечению энергетических, промышленных, сельскохозяйственных, транспортных предприятий новой техникой и оборудованием, создав условия для производства конкурентоспособной отечественной продукции, углублению импортозамещения и развитию экспортного потенциала страны, тем самым внося достойный вклад в успешной реализации национальных стратегических целей, включая обеспечение энергетической независимости, продовольственной безопасности и выхода из транспортного тупика, а также развитию промышленности. На начало 2019 г. количество функционирующих лизинговых компаний в Таджикистане составило 7 единиц. Несмотря на достижения, резервы для дальнейшего развития лизинга в стране остается огромными, учитывая его вклад в 1% ВВП. Так, в перспективе предусматривается развития ее таких форм как возвратный, компенсационный и бартерный лизинги. Для этого предусматривается применение специальных льгот в налогообложении стимулирующих расширение и обновление производственной базы материального производства на базе лизинга. Важным направлением является и дальнейшее территориальное развитие филиальной сети лизинговых компаний. Эти возможности позволят в перспективе повысить вклад небанковского финансового сектора в развитии реальных секторов национальной экономики.

Другим ярким примером развития небанковского сегмента финансового рынка является создание Фонда государственной поддержки предпринимательства, а также Центров по реализации инвестиционных проектов. Их деятельность способствует реализации не только крупных инвестиционных проектов, но средних и малых проектов по развитию малого и среднего производственного предпринимательства по всей территории страны. Так, Государственное учреждение "Фонд поддержки предпринимательства при Правительстве Республики Таджикистан» призвано финансово поддерживать развитие частного предпринимательства, особенно производственного, в сельской и горной местностях. Этот вид небанковского финансового института в настоящее время трансформировался в государственный банк ГУП ПЭБТ "Саноатсодиротбонк". В перспективе до 2030 г. предусматривается увеличение капитала нового банка за счет государственного бюджета на сумму более 1 млрд. сомони, что позволит активно содействовать реализации инвестиционных проектов в реальном сектора путем расширения объемов льготного кредитования на долгосрочный период.

Расширению емкости отечественного страхового сегмента и его инвестиционных возможностей по долгосрочному финансированию экономики способствует принятие Законов РТ «О негосударственных пенсионных фондах» (2005 г.) и «О медицинском страховании в Республике Таджикистан» (2008г), которые предусматривают развитие сферы долгосрочного страхование здоровья населения и возможности создания и функционирования сети негосударственных пенсионных фондов, содействуя росту объемов «длинных денег» в национальной экономике на инновационной основе.

Новые возможности для развития небанковского сегмента финансового рынка появились в связи с принятием Закона «Об исламской банковской деятельности» от 26 июля 2014 года, № 1108. Данный Закон создал благоприятные условия для развития небанковского сегмента финансового рынка за счет появления новых финансовых операций в рамках исламской финансовой деятельности, включая инструменты исламского финансирования посредством использования исламских ценных бумаг, страховых продуктов, основанных на исламских принципах.

В настоящее время, учитывая достигнутые успехи, в структуре финансового сектора (рынка) Таджикистана, уже 5% активов приходится на небанковский сегмент, хотя доминирующая позиция остается за банковским сегментом (где сосредоточены более 95 % активов финансового сектора).

Предусматривается обеспечить опережающие темпы развития небанковского сегмента финансового рынка на средне и долгосрочную перспективу в рамках утвержденных и реализуемых национальных документов - Национальной стратегии

развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и Программ среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 и 2021-2025 годы [1;2;3]. В частности, предусмотрено создание таких важнейших видов небанковских финансовых посредников как инвестиционные банки и фонды, частные пенсионные, венчурные и хеджевые фонды, сеть бизнес-ангелов и т.д., которые позволят содействовать развитию обращения корпоративных ценных бумаг, производных финансовых инструментов, долгосрочного страхования жизни и т.д. Их реализация позволит повысить роль и долю сегментов ценных бумаг и страхования в финансировании экономики, сформировать инвестиционное поведения населения страны и его трансформацию в активного розничного инвестора. Соответственно, опережающее развитие небанковского сегмента в перспективе является важнейшим направлением формирования, сбалансированного отечественного финансового сектора (рынка) в контексте адекватной финансовой поддержки инновационного развития и размещения производительных сил Таджикистан.

**Список литературы:**

1. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, https://www.nbt.tj/ru/
2. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы. https://www.nbt.tj/ru/
3. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2021-2025 годы. https://www.nbt.tj/ru/
4. Статистический ежегодник: Таджикистан: 20 лет государственной независимости. Агентство по статистике при Президенте РТ, Душанбе, 2011, с.832., с. 223.
5. Статистический банковский бюллетень. Национальный банк Таджикистан за 2018 г., 2019, 2020 г.
6. По данным Агентства по регулированию рынка ценных бумаг при Министерства финансов Республики Таджикистан, на конец 2018 г.
7. Заернюк В.М., Назарова З.М., Ястребинский М.А. Роль небанковских организаций в системе институционального устройства рынка банковских услуг // Финансовая аналитика: проблемы и решения. 2014. № 36. С. 2–10.
8. Марекина Е. В. Роль российских и зарубежных инвестиционных фондов как небанковских финансовых посредников в инвестиционных предпочтениях их клиентов // Экономика. Бизнес. Банки. – 2018. –№ 5 (26). – С. 131-145.
9. Пашковская И. В. Небанковские финансовые посредники: становление системы регулирования и надзора // Научно-исследовательский финансовый институт. Финансовый журнал. – 2015. – № 6 (28). –С. 102-111.
10. Development of Non-bank Financial Institutions and Capital Markets in European Union Accession Countries [Electronic resource]: The International Bank for Reconstruction and Development / The World Bank. – Mode of access: http://documents.worldbank.org/curated/en/889731468779109396/pdf/284040PAPER0WBWP028.pdf. – Date of access: 10.05.2021
11. Шарипов Б.М., Формирование финансового рынка Республики Таджикистан: методология и практика. Монография. [Текст]/ Б.М. Шарипов. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – 334 с. - 20,82 п.л.

**Шарипов Б.М.**

## ТАШАККУЛ ВА РУШТИ МУАССИСАҲОИ МОЛИЯВИИ ҒАЙРИБОНКӢ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУНИН ШАРТИ МУҲИММИ ҶОЙГИРКУНИИ ҚУВВАҲОИ ИСТЕҲСОЛКУНАНДА

**Институти иқтисод ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Ин мақола ба таҳлили равандҳо ва марҳилаҳои ташаккули сегменти ғайрибонкии бахши молиявии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият, алалхусус гардиши коғазҳои қиматнок, суғурта, лизинг ва ғайра бахшида шудааст. Дастовардҳои назаррас ва захираҳои мавҷуда нишон дода шуда, самтҳои асосии рушди минбаъдаи он дар заминаи рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат муайян карда шуданд.*

**Калимаҳои асосӣ:** *бахши моливӣ, бахшҳо, гардиши коғазҳои қиматнок, суғурта, лизинг, фондҳои нафақа, биржаи фондӣ.*

**B.M. Sharipov**

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF NON-BANK FINANCIAL INSTITUTIONS DURING THE YEARS OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN AS AN IMPORTANT CONDITION OF THE PRODUCTION FORCES LOCATION

**Institute of Economy and Demography**
**of the National Academy of Sciences of Tajikistan**

*This article is devoted to the analysis of the process and stages of the formation and formation of the non-banking segment of the financial sector in Tajikistan over the years of independence, in particular, the circulation of securities, insurance, leasing, etc. The most significant achievements and available reserves are shown, the main directions of further development in the context of the development and distribution of the productive forces of Tajikistan in the medium and long term are identified.*

**Key words:** *financial sector, segments, securities circulation, insurance, leasing, pension funds, stock exchange, listing.*

***Сведение об авторе:***

***Шарипов Бахром Махмудович****, доктор экономических наук, главный научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистан, 734025, г. Душанбе, ул. Айни 44, моб. (+992) 907-78-65-68, e-mail: b_sharipov@mail.ru*

УДК: 338.24(575.3) Тоҳирзода М.М.

# МЕХАНИЗМҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИВУ ТАШКИЛИИ ТАШАККУЛИ НИЗОМИ ИНДУСТРИАЛИВУ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

**Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Дар мақолаи мазкур механизмҳои институтсионаливу ташкилии ташаккули низоми индустриаливу инноватсионии иқтисодиёти минтақа таҳлил шудааст. Инчунин, дар мақола моҳияти ташкили тартиботи нави иқтисодӣ – яъне иқтисоди инноватсионии минтақа ва ё низоми инноватсионии минтақа дар эҷоди институтҳои нав омӯхта шудааст. Сохтори институтсионалии рушди индустриаливу инноватсионии иқтисодиёт сохта шуда, вазифаҳои асосии давлат дар самти дастгирии инноватсия муайян шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *ислоҳоти институтсионалӣ, рушди инноватсионӣ, инструменти идоракунӣ, субъектҳо ва объектҳои институтсионалӣ, институтҳои танзим ва идоракунӣ, рақобатпазирии корхонаҳои инноватсионӣ.*

Дар рушди иқтисодиёти кишвар унсурҳои меъёриву ташкилии рушди хоҷагидорӣ таъсири муҳим мерасонад. Дар ҷараёни омодагӣ ба банақшагирӣ ва пешгӯии стратегии иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳо талабот ба ҷамъбасти бунёдӣ ва таҳлилиислоҳоти институтсионалӣ дар мамлакат ва минтақаҳои он ба вуҷуд меояд. Муҳим ба таъкид аст, ки ислоҳоти институтсионалӣ ҳамчун унсури муҳими раванди таҷдид ва рушди инноватсионии иқтисодиёт мебошад. Азбаски ислоҳоти дилхоҳ ва татбиқи навоварӣ ташаббуси муҳимияти ташаккул ва устувории меъёр ва қоидаҳои рафтор, координатсияҳо ва фаъолияти бисёрҷонибаро дар низоми иқтисодиву иҷтимоӣ ба вуҷуд меоранд, ки такя ба манфиатҳо намуда, субъектҳои иқтисодӣ, яъне корхонаҳои истеҳсолӣ - саноатӣ, муассисаҳои илмиву таҳсилотӣ ва намудҳои дигари фаъолиятро дар соҳаи азхудкунӣ ва татбиқи инноватсия ҳавасманд мегардонанд. Дар ислоҳоти институтсионалӣ, ки барои таъмини рушди инноватсионӣ нигаронида шудааст, давлат нақши гиреҳӣ дорад. Маҳз ба дӯши ҳокимияти давлатии сатҳҳои гуногун масъалаи эҷоди сохтори институтсионалии рушди инноватсионии мамлакат ва минтақаҳои он вогузор мегардад. Моҳияти ташкили тартиботи нави иқтисодӣ – яъне иқтисоди инноватсионии минтақа ва ё низоми инноватсионии минтақа дар эҷоди институтҳои нав, ки рафтори кӯҳнаи субъектҳои иқтисодиро маҳдуд намуда, барои фароҳам омадани муҳити созгори инноватсионӣ мусоидат менамояд. Пас сохтори институтсионалии рушди инноватсионӣ – ин эҷоду интихоби мураттаби маҷмӯи институтҳои расмиву ғайрирасмӣ, ки фаъолияту алоқамандии инноватсионии субъектҳои хоҷагидорро созиш (координатсия) мекунад ва низоми ҳавасмандиро дар ташаккулу низоми инноватсионӣ ва рушди инноватсионии иқтисодиёти мамлакат ва минтақаҳои онро таъмин менамояд (нигар ба расми 1.).

Вазифаҳои асосии дастгирии рушди инноватсионии мамлакат ва минтақаҳои он дар стратегия ва барномаҳои давлатӣ инъикос меёбанд. Стратегияи рушди инноватсионии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 ҳуҷҷати муҳими давлатӣ ба ҳайси инструменти идоракунии раванди инноватсионӣ хидмат менамояд. Дар Стратегияи рушди инноватсионии Тоҷикистон дар давраи то соли 2020 асосҳои ташкилотӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, инчунин, шароити ташаккул ва амалигардии хати сиёсии инноватсионии давлатӣ ва вазифаҳои асосие, ки бо рушди муҳити институтсионалӣ алоқаманд аст,

мукаррар гардидааст. Стратегия тамоюли дарозмуддати рушди субъектҳои мухталифро дар соҳаҳои инноватсионӣ, инчунин, тамоюли маблағгузории бахши илмҳои бунёдӣ ва амалӣ, дастгирии раванди тиҷоратикунонӣ мукаррар кардааст [1]. Ҳадафи эҷоди сохтори институтсионалии рушди инноватсионӣ, пеш аз ҳама, дар ташаккули рафтори инноватсионии субъектҳои иқтисодӣ равона шудааст.

**Расми 1. Сохтори институтсионалии рушди индустриаливу инноватсионии иқтисодиёт**




Вазифаҳои асосии давлат дар самти ташаккули рушди сохтори институтсионалӣ ва дастгирии инноватсия дар расми 2 оварда шудааст.

**Расми 2. Вазифаҳои асосии давлат дар самти дастгирии инноватсия**



Тибқи стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, минтақаҳо даъват карда мешаванд, ки иштирокчиёни мустақими раванди инноватсионӣ шаванд. Дар робита ба ин, дар ҳоли ҳозир, барои аксари минтақаҳо, рушди инноватсионии қаламрав ҷузъи муҳими барнома ва стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодӣ шудааст. Барои ташаккули муҳити институтсионалие, ки ба рушди илмӣ, илмӣ-техникӣ ва инноватсионии иқтисодиёти минтақа мусоидат мекунад, тадбирҳои дахлдор андешида шудаанд. Дар шароити муосир эҷоди муҳити институтсионалӣ зарур мегардад, ки ҳадафи он ташаккули рафтори инноватсионӣ дар иқтисоди минтақавӣ мебошад. Рафтори инноватсионӣ ин навъи ташаббуси рафтори инфиродӣ ё дастаҷамъӣ мебошад, ки бо рушди муназзами субъектҳои соҳибкорӣ усулҳои нави фаъолият дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ё эҷоди объектҳои нави фарҳанги моддӣ ва маънавӣ алоқаманд аст. Рафтори инноватсионӣ бо ҷустуҷӯ ва санҷиши доимии моделҳои самараноки рафтори тактикӣ алоқаманд аст, ки ба манфиатҳои воқеии субъектҳои алоҳида ҷавобгӯ мебошанд ва ба ӯ имконияти рушди устуворро фароҳам меоранд. Категорияҳое, ки зуҳуроти асосии рафтори инноватсиониро инъикос менамоянд, инҳо мебошанд:

- рӯҳияи инноватсионӣ (ҳар як ташкилот индекси рӯҳияи инноватсионии худро дорад, ки бо таносуби қаноатмандӣ ва норозигӣ аз система, омодагӣ ва омода набудани тағйиротҳои он муайян карда мешавад);
- фарҳанг ва зиддифарҳангии инноватсионӣ (он аз рӯи касб ва тахассус, тарзи идоракунӣ ва ғайра муайян карда мешавад);
- низои инноватсионӣ (инноватсия аксар вақт барои касе зараровар аст, монеаи муайяни психологӣ ва мунокишаро ба вуҷуд меорад);
- инерсияи иҷтимоӣ (аксуламали дер ба вазъият);
- некбинӣ ва ноумедӣ дар инноватсия (эҳсоси оптимизм аксар вақт бо марҳилаи аввал алоқаманд аст, мушкилоти ба вуҷуд омада ин ҳиссиётро коҳиш медиҳад ва табъи пессимистиро ба вуҷуд меорад);
- интизориҳои инноватсионӣ (идеалӣ ва воқеӣ аксар вақт мувофиқат намекунанд);
- омилҳои амали гурӯҳӣ дар инноватсия (таъсири муносибатҳои дохилӣ ва байни гурӯҳҳо ба ҳалли инноватсионӣ мебошад).

Барои пайдоишу рушди рафтори инноватсионӣ бартараф намудани муаммоҳо дар роҳи рушди инноватсия, ки бо таъсири муҳити дохилӣ ва беруна алоқаманд мебошад, зарур аст. Воқеан, дар субъектҳои иқтисодии минтақаҳои кишвар баъзе норасоиҳои чашмрас мавҷуданд:

- сатҳи пасти фаъолият дар соҳаҳои инноватсионӣ;
- сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо;
- сатҳи баланди вобастагии технологии корхонаҳои саноатии мамлакат аз корхонаҳои хориҷӣ;
- ширкат наварзидани корхонаҳои ватанӣ дар мубодилаи технологии байналмилалӣ ва дар ташаккули бозори дохилии инноватсионӣ;
- натиҷаҳои тиҷоратии начандон муҳим аз равандҳои инноватсионӣ.

Ҷоиз ба қайд аст, ки дар шароити низоми бозории иқтисодиёт уҳдадориҳои вазифавии институтҳои танзим ва идоракунӣ иваз шудаанд. Азбаски корхонаҳо мустақил шуданд ва аз ҷиҳати ҳуқуқиву иқтисодӣ озод гардиданд, имрӯз аксари субъектҳои идоракунии сатҳи минтақавӣ, масалан, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ аз идоракунии бевоситаи равандҳои истеҳсолкунандаи корхонаҳо ҷудо гардидаанд. Аммо аз ҷиҳати дигар давлат наметавонад манфиатҳои ҷамъиятӣ ва

миллиро бе назардошти танзими стратегӣ ва идоракунии иқтисодиёт амалӣ намояд. Ба ин васила, усулҳои идоракунӣ иваз гардиданд. Онҳо аз принсипҳои маъмурии батанзимдарорӣ ва идоракунӣ ба усулҳои ҳуқуқии иқтисодиву иттилотӣ гузаштанд. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ имконоти институтсионалиро дар созмон додани институтҳои амалкунанда, ки равандҳои инноватсиониро дар минтақаҳо ба танзим дароварда, идора менамоянд, ба даст овардаанд, ҳамзамон, ҳал намудани вазифаҳои афзалиятноки таҷдиди соҳаҳои иқтисодиёти минтақа, баланд бардоштани фазои мусоид барои фаъолнокӣ ва рақобатпазирӣ бар дӯши мақомоти мазкур вогузор карда шудааст. Сохтори институтсионалии иқтисодиёти минтақаҳо дар раванди тақсимоти ҳудудии меҳнат ба вуҷуд меояд ва рушд мекунад. Дар онҳо тағйироти низоми интегратсияшудаи маҳаллии расму оин, одату меъёрҳо, арзишҳо ва унсурҳои дигари фарҳанги иқтисодии маҳалҳо инъикос мегардад. Бинобар ин, мафҳуми минтақа аз нуқтаи назари институтсионалӣ муҳим мегардад. Ба минтақаҳои кишвар ваколат дода мешавад, банақшагирӣ, пешгӯии рушди худро дар амал татбиқ намоянд. Ин ҷо, дар навбати аввал, сухан на дар бораи ҳудуд, балки роҷеъ ба иттиҳоди ҳудудии хоҷагидорӣ меравад, ки ба онҳо вазифаҳову салоҳияти худидоракунӣ ваколат медиҳанд, дар назар дошта шудааст. Дар асоси тафсири овардашуда минтақаро месазад ҳамчун фаҳмиши саҳеҳи бунёдгузори табиати институтсионалии он эътироф намоем [2].

Бархе муаллифон дар василаи самти институтсионалии иқтисодиёти маконӣ (пространства) минтақаҳоро ҳамчун институтҳои маконӣ ва ё шаклҳои ташкилии типишудаи маҷмааи институтсияҳои худидоракунии ҳудудӣ тавсиф медиҳанд [3]. Воқеан ҳам дуруст аст, ки тамсилаи мушаххаси минтақаҳоро бояд ҳамчун маҷмӯи институтҳои минтақа муаррифӣ кард, зеро он генотипи вазифавии ташкилоти ҷамъиятии субъектҳои иқтисодиётро дар ҳудудҳои мушаххаси кишвар муайян месозанд. Ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон байни ҳам бо масоҳати ишғолкарда ва параметри истеҳсолоту ҳаҷми захираҳои иқтисодиву иҷтимоӣ доштаашон тафовут доранд, инчунин, аз рӯи мақоми маъмурӣ-вилоят, ноҳия, ҷамоат фарқ мекунанд. Аммо ҳар кадоми онҳо дар маркази мушаххаси фазои иқтисодии кишвар шакли мушаххаси амалии институти муқарраргардида маҳсуб меёбанд. Омӯзиши минтақа ба сифати институт пайваста бо таҳлили фарогири ҳолати иҷтимоиву иқтисодии онҳо тамсилаҳои мухталифи идоракунии минтақавиро тақозо менамояд. Муайян кардани минтақаро ҳамчун институт дар чорчӯбаи консепсияи классикии институтҳо, чун низоми қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори фаъолияти хоҷагидорӣ тавсиф додан маҳдудият пайдо мешавад. Мо розӣ ҳастем, ба ақидаи муаллифон, ки мафҳуми институтро ҳамчун шакли ташкили фаъолияти коллективӣ баррасӣ намудаанду ҳамеша дар фазои мушаххас татбиқ мешаванд [4]. Аз ин ҷост, ки минтақа майдони махсуси иқтидорманд мебошад, ки дар ин васила пайдоиш, комбинатсияҳо, бархӯрди манфиатҳои иқтисодии иштирокдорони мухталиф ва гурӯҳҳои равандҳои иқтисодӣ, инчунин, институтҳои мушобеҳи ба функсияи субъектони иҷтимоӣ пайваст, ки ба намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ дохил мешаванд.

Пайваста ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузариш ба низоми иқтисодии бозорӣ, минтақаҳои он ҳарчи бештар истиқлолият ва озодии интихобро дар муайян кардани самтҳои фаъолияти иқтисодӣ дар вобастагии иқтидори иқтисодии худ муваффақ гаштаанд.

Иқтисоди минтақаҳо ва сохтори институтсионалии он дар ташкил ва ташаккули шароит барои рушди ҳудудҳои инноватсионӣ дар кишвар аҳамияти хоса дорад. Муҳим ба таваҷҷӯҳ аст, низоми мушобеҳ дар давраи иқтисодиёти шӯравӣ созмон дода шуда

буданд. Дар солҳои 70-уми қарни XX дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд (собиқ вилояти Ленинобод) нахустин маскункунии илмиву саноатии намунаи шаҳрӣ созмон дода шуда буданд, ки ба барориши маҳсулоти илмғунҷоишӣ майл карда буданд. Ин гуна шаҳракҳо шаҳракҳои махфӣ буданд, ба мисли шаҳраки Гулистону Бустон (собиқ Табошар, Чкаловск), ки баъдан мақоми ташкилаи маъмуриву ҳудудии пӯшидаро мегирад. Онҳо нақши муҳимро дар ташаккули саноати радиотехникию электронӣ ва истеҳсоли силоҳи ҳарбӣ иҷро намуданд. Имрӯз комплексҳои истеҳсоливу илмӣ ва ҳудудӣ, ки паркҳои техникӣ ва технополисҳо ном доранд, тибқи намунаҳои хориҷиён созмони онҳо аз соли 2010 оғоз шудааст. Роҳу равиши ташаккул дар кишвар, яъне дар шаҳракҳои саноатӣ барои рушди саноати металлургӣ ва саноати металлургияи рангае, ки коркарди саноатӣ, ки ҳамчун такягоҳи алангаи рушди бахши иқтисодиёти баланди технологӣ ҳисоб кардан мумкин аст, оғоз гардидааст.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 2010 таҳти №629 «Оид ба парки технологӣ», танзимкунандаи асоси фаъолияти ташкилию ҳуқуқӣ, вазифаҳои фаъолияти парки технологӣ, дар ташаккули фазои инноватсионии ҷамъият импулси мувофиқ медиҳад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба паркҳои технологӣ» парки технологӣ шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ маҳсуб ёфта, ҳамчун муассисаи дар ҳудуди махсус ташаккулёфта бо мақсади рушди илм ва истифодаи манфиатдори технологияи баландсифат барои қонеъ намудани талаботи истеҳсолот дар истифодаи технологияи навин ва амалигардии лоиҳаҳои инноватсионию сармоягузорӣ мебошад [5]. Аммо ин ҷо паркҳои технологӣ ба сифати субъекти ғайритиҷоратии иқтисодиёт бунёд шудаанд. Тибқи маълумот ташкилоти ғайритиҷоратӣ мақсади гирифтани фоидаро надоранд. Аз ин рӯ, онҳо бояд мақоми ташкилоти тиҷоратиро гиранд, зеро гирифтани фоида, хоса фоидаи инноватсионӣ системаи ангезаҳоро барои рушди паркҳои техникӣ ривоҷу равнақ медиҳад. Дар ҳамин вақт дар кишвар кушодани паркҳои байналхалқӣ ё муштараки технологӣ ва индустриалӣ, ки тамоюли пешраванда доранд, ба нақша гирифта шудааст. Бо ин мақсад созишнома миёни корхонаҳои «Ширкати алюминийи тоҷик» ва Иттиҳодияи хитойии «China National Building Material Group Corporation (CNBMGC)» [6] баста шуд. Дар созишномаи миёни саноатчиёни тоҷик ва хитой пакети ҳуҷҷатҳо оид ба татбиқи бадастовардаи тибқи созишнома ба василаи Лоиҳаҳои сармоягузории мақсаднок: «Гузариши ШАТ ба маҳсулоти хоми ватанӣ» ва «рушди ШАТ» тартиб дода шудааст. Парки технологию индустриалӣ комплекси истеҳсолоти алоқаманд шудааст, ки ба рушди бахши алюминий ва соҳаҳои дигари саноати Тоҷикистон майл дорад. Дар ташаккули марказҳои инноватсионӣ мақоми муҳимро муассисаҳои илмӣ ва макотиби олии кишвар ҳамчун институтҳои пешбари рушди инноватсия ишғол мекунанд.

Ташаккули ҳудудҳои инноватсионии имрӯза метавонад масъалаҳои муҳими зеринро ҳал намояд:

- табдил додани комплекси илмӣ ва технологӣ ба олоти (инструмент) воқеии хати сиёсии минтақавӣ, азнавсозии сохторӣ ва комплексҳои минтақавӣ: ин ҷо омӯзиш ва ба ҳисоб гирифтани таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар назар аст, вақте дар солҳои 1980 паркҳои илмӣ ва технологӣ таъсис ёфта буданд, ки дар оянда шаклҳои сершумори ҳудудии ташкилотии фаъолият дар соҳаҳои инноватсиониро ба вуҷуд оварданд;
- ташаккули шароит ва муҳит барои истифодаи воқеии захираҳои маҳаллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот, инчунин, роҳ ёфтан ба бозорҳои технологияи баланддоштаи ҷаҳонӣ;
- фаъолгардонии роҳу равиши ҷустуҷӯи механизмҳои навин, баланд бардоштани

воқеияти натиҷа аз илм, тақлиди инноватсия, васоити фаврии таҳвили технология ба раванди истеҳсолӣ;

- ҳалли масъалаҳои истифодаи ҳудудҳои инноватсионӣ ҳамчун воситаи нигоҳ доштан ва муҳимияти неруи мавҷуда, ки дар давраи ислоҳот зарари ҷиддӣ дидааст.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2008 таҳти №227 Минтақаи озоди иқтисодии навъи саноативу инноватсионии «Суғд» дар вилояти Суғд ташкил карда шуд. МОИ «Суғд» дар қисми ҷанубиву ғарбии минтақаи саноатии шаҳри Хуҷанд воқеъ аст, ки 320 гектарро ташкил медиҳад.

Якум, корхонаҳои сершумори саноатӣ ва паркҳои ватании техникӣ, минтақаҳои озоди иқтисодии инноватсионӣ дар худ нишонаҳои институтсионалиро ба монанди механизмҳои идоракунии маъмуриву нақшавӣ аз иқтисодиёти шӯравӣ ниҳон медоранд. Аз ин ҷост, ки онҳо таҷрибаи ками ташкилоти фаъолият дар соҳаҳои инноватсионӣ ва пеш бурдани маҳсулот дар шароити бозор дар қиёс бо кишварҳои хориҷӣ доранд.

Дуюм, хати сиёсии инноватсионӣ ҳоло самти афзалиятноки хати сиёсии иқтисодӣ нашудааст. Субъектони фаъолият дар соҳаҳои инноватсионӣ ҳоло кумаки маблағгузорӣ, иктисодӣ ва ҳуқуқиро нагирифтаанд. Албатта, амали мазкур ҳавасмандии ташаккул ва рушди ҳудудҳои инноватсиониро кам месозад.

Сеюм, дар кишвар маблағгузориҳои воситаҳои сершумордоштаи лоиҳаҳо оид ба инноватсия вуҷуд надоранд. Тасдиқ кардан мумкин аст, ки дар кишвар то ҳол завқи баланд ба инноватсия тарбия нашудааст. Сармояи хусусӣ ҳоло ҳавасманд нашудааст, ки ба лоиҳаҳои дарозмуддат, фаъолияти хавфибаланддошта ба соҳаҳои инноватсионӣ маблағгузорӣ намояд. Ногуфта намонад, ки механизмҳои истифодаи системаи маблағгузории венчурии лоиҳаҳо оид ба инноватсия вуҷуд надоранд. Проблемае, ки ба амалигардии ақидаҳои инноватсионӣ монеа мешавад, ҳамзамон соҳаи ҷалбкунандаи савдо маҳсуб меёбад.

Дар айни замон месазад ба мавҷудияти иқтидори инноватсионии саноати соҳибкорӣ дар кишвар аҳамияти хоса дод. Бархӯрди ширкатҳои бо суръати баланд рушдкардаро, ки дар як сол рушди сармояи он бештар аз 20%-ро ташкил медиҳад, мушоҳида кардан мумкин аст. Аммо чеҳраҳои сершуморе, ки хоҳиши оғоз кардани соҳибкориро доранд, ба мушкилиҳо ба мисли монеаҳои дастрасӣ надоштан ба захираҳои молиявӣ, гирифтани иҷозатнома ва ё литсензия, пардохти ААИ зимни бурдану овардани таҷҳизот ва ғ., ки барои ривоҷи соҳибкории инноватсионӣ мушкилӣ эҷод мекунанд, дучор мешаванд. Таҳқиқоте, ки аз ҷониби Маркази бозори озоди Тоҷикистон гузаронида шуд, муназзамияти ақидаҳои инноватсионии соҳибкорӣ ва соҳибкорони қобилиятнокро зоҳир намуд. Дар натиҷаи ҷамъбасти пурсишномаи соҳибкорони иқтидорманд ошкор гардид, ки сабабҳое мавҷуданд ба амалишавии ақидаҳои инноватсионӣ монеа ҳастанд:

- норасоии захираҳои молиявӣ қариб 40% пурсидашудаҳоро дар бар мегирад;
- проблемаҳое, ки бо низоми андоз алоқамананданд - 24%;
-хавфи талафоти моликияти хусусӣ мутобиқи амали мансабдорон, сустиродагии низоми судӣ ва ғ. - 18%;
- норасоии дониш ва таҷриба-12% [7].

Соҳибкорони сершумори саноатии кишвар ва минтақаҳои он барои ба даст овардани қарз муносибати мусбат доранд. Аммо қариб ҳамаи пурсидашудагон васоити пулҳои қарзиро манбаи маблағгузории соҳибкории боэътимод намешуморанд. Инчунин, меъёри бонкҳои тиҷоратӣ баланд буда, аз 28% то 30%-ро ташкил медиҳад. Карзҳо аз ҷониби он соҳибкорон истифода мешаванд, ки дар соҳаи савдои байналхалқӣ

машғуланд ва ё чанд сол аст, ки дар бозор фаъолият мекунанд, яъне таҷрибаи ғанӣ доранд. Инчунин, намояндагони бонкҳои тиҷоратӣ қайд менамоянд, ки гирифтани қарз барои соҳибкорони шурӯъкунанда нисбат ба соҳибкорони таҷрибадор, ки дар бозор муваффақ ҳастанд, душвортар мебошад. Карзҳои кӯтоҳмуҳлат ба талаботи ниёзи соҳибкорони неруманди шурӯъкунанда ҷавобгӯ нестанд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, ки нақш ва аҳамияти рушди инноватсионии соҳибкорӣ барои баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишвар басо назаррас аст. Ба ин васила, ба давлат лозим аст, ки «Бонки давлатии рушди инноватсия»-ро таъсис диҳад ва кӯмаки худро ба пешниҳодкунандагони ақидаҳои инноватсионӣ дареғ надорад, ба монанди сода гардонидани ҳамаи тартиботи маъмурият, инчунин, гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда ва ислоҳоти системаи андозӣ ва ғ.

Муаммоҳои асосие, ки корхонаҳои инноватсионии минтақаҳои мамлакат бо онҳо дучор шудаанд, натанҳо проблемаи дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ мебошад, балки иттилоотӣ, кадрӣ, инчунин, баромад ба бозорҳои байналхалқӣ ҳамчун монеа барои рушди инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Воқеан, барои маҳсулот ва хизматрасонии инноватсионии корхонаҳои ватанӣ талабот ҳатто ба бозори дохилӣ вуҷуд надорад. Дар мо истеъмолкунандагон нисбат ба истеҳсолкунандагон бештар инноватсионӣ мебошанд, аз ин рӯ, истеҳсолкунандагон ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ буда наметавонанд.

Сабабҳои ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ набудани маҳсулоти истеҳсолкунандагонро номбар мекунем:

-рақобатпазирии корхонаҳои инноватсионии ватанӣ хеле паст мебошад. Аз ин рӯ, корхонаҳои мазкур ба рушди малакаи менеҷмент, идоракунии зиддибуҳронӣ ва маркетинг, инчунин, ба имиджи истеҳсолкунандагони молҳои босифат ва хизматрасонӣ ниёз дорад. Дар ин ҷанба ба механизми ташкилотӣ ва иқтисодии рушди истеҳсолоти инноватсионию саноатӣ дар шароити рушди ноустувори иқтисодиёт амалҳои навбатӣ дохил мешаванд:

- сиёсати инноватсионии мақсаднок чандон асил намебошад;

-такмили низоми андозӣ, хоса пешниҳоди имтиёзӣ оид ба пардохти намудҳои мухталифи андоз барои корхонаҳои инноватсионию тамоюлдошта ва шурӯъкунандагони соҳибкорони инноватсионӣ;

- ташаккули институтҳои мувофиқи бозори молиявӣ барои татбиқ ва рушди инноватсия, шароити таъминоти дастрасии васоити қарздиҳӣ;

- ташаккули инфрасохтори институтсионалӣ барои ташаккул ва рушди фондҳои венчурӣ.

Рушди соҳибкории инноватсионии саноатӣ шароити ташаккул ва рушди иқтисодии муназзами афзалиятноки тӯлонӣ дар кишвар ва минтақаҳои он маҳсуб меёбад. Инчунин, масъалаи ҷустуҷӯи усулҳои рушди инноватсионии соҳибкорӣ, натанҳо дар соҳаи саноат, балки дар ҳама соҳаҳои алоқаманди иқтисодиёти минтақа муҳим арзёбӣ шудааст.

Муҳим ба таваҷҷӯҳ аст, ки хусусияти хоси ҳудудҳои кишвар дар рушди инноватсионӣ дар шакли ташкилотӣ ба вуқӯъ меояд. Дар кишварҳои дигари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар асоси интихоби шакли «пайванд» ба комплекси истеҳсолӣ ва асосии илмӣ, ки асоси ҳудуди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

Тамоюли фаъолгардонии ҳамкориҳо дар тамоми дунё дар шабакаҳо омили муназзами рақобатпазирӣ мебошад, зеро ядрои табаддулоти техникиву технологӣ байнинизомномавӣ гаштааст. Рушди бозори технологияи иттилоотӣ собит сохтааст, ки

равандҳои инноватсионӣ бе таъсири шабакавии корхонаҳое, ки донишҳои истифодашавандаву паҳншударо истеҳсол мекунанд, ғайриимкон мебошад. Фақат ба таҷрибаи худӣ, дониш ва захираҳо такя намудан собит намудааст, ки наметавонад рақобатпазириро таъмин созад. Аз ин ҷост, ки хати сиёсии инноватсионию технологӣ корхонаҳои гуногун бояд кумак ба муттаҳидии онҳо ба шабакаҳо ва кластерҳо равона карда шуда бошад. Аммо ин равандҳо ҳамон лаҳза фаъол мегарданд, ки ба кооператсия ва таъсиси шабакаҳои кооперативӣ сабабҳо пайдо мешаванд. Ядрои чунин омилҳо даромадҳои инноватсионӣ мебошанд. Ташкили меъёрҳои аниқи ҳуқуқӣ ҳаракати сармояи зеҳнӣ, рушди институтҳо, ки дастрасиро ба донишҳо сабук мегардонанд, инчунин, бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ, барои рушди ангезаҳо бо мақсади кооператсияи бахшҳои давлатӣ ва шахсӣ дар баргузории таҳқиқот, коркард, таҳия ва амалисозии маҳсулоти илмиро ташаккул медиҳанд. Муассисаҳои илмии давлатӣ метавонанд ба сифати марказҳои илмиву муҳандисӣ, индустриалию илмӣ ё шарик дар марказҳо, шабакаҳо ва кластерҳо бошанд. Роҳу равиши шабакавӣ бошад, дар маркетинги муносибатҳои дуҷониба асос мегиранд. Онҳо рушд ва бунёди муносибатҳои дуҷонибаро бо шарикон, яъне бо таҳвилгарон, харидорон ва бо шарикони хориҷӣ таъмин месозанд. Эътимоди бисёрҷониба, пайравии муносибатҳои дуҷониба шароити ташаккули шабакаҳо дахлнопазир маҳсуб меёбад. Ақидаи мазкур муҳим мебошад, зеро дараҷаи баланди интегратсия вобастагии дуҷонибаи корхонаҳоро муайян месозад. Месазад қайд намоем, ки мутлақияти бартарии шабакаҳо, хоса дар соҳаи инноватсияи технологӣ хатарнок мебошад. Ба ин васила, Чезборо Г. ва Тис Д. қайд менамоянд, ки менеҷерҳо бояд чунин шакли ташкилотро интихоб кунанд, ки нисбатан ба намуди навоварии эҷодкардаашон мувофиқат намояд [8]. Дар ин маврид сухан дар бораи бунёди мувофиқати инноватсияи мухтор ва низомӣ, шабакавӣ ва амудӣ интегратсияшуда, ҳамчун ду сохтори ташкилотии минтақавӣ меравад. Дар шароити мушобеҳ ширкати бузург, ки имконияти кофӣ дорад, фаъолияти мухталифи координатсияи инноватсияи комплементариро соҳиб аст. Дар ин маврид, иттиҳодияи маҷозӣ ба сифати қарори мувофиқ дар шароити инноватсияи мухтор ва мавҷудияти имконоти захиравии муҳим аз ҳудуди ширкат берун мебошад. Кластерҳои инноватсионӣ, ки аз гурӯҳҳои субъектҳо, яъне корхонаҳо, объектҳои инфрасохторҳо, институтҳои илмиву таҳқиқотӣ, макотиби олӣ ва ғ., ки бо наздикияти ҳудудӣ ва вобастагии функсионалӣ дар соҳаи истеҳсолот, амалисозӣ ё истифодаи маҳсулот ва захираҳо, дар мавридҳои охир ҷои хосаро дар фосилаи объектҳои таҳлилҳои иқтисодӣ ишғол мекунанд, алоқамандананд.

Аз ин рӯ, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2015-2030» таҳия ва тасдиқ гардидааст, ки ташаккули системаи амалкунандаи кумаки давлатии инноватсия ва илмро пешбинӣ мекунад. Татбиқи пунктҳои стратегияи мазкур ба таъминоти ҷалби иқтидори илмӣ ва сармоягузорӣ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва инноватсия, афзоиши ташаккули инфрасохтори инноватсионии иқтисодиёти минтақаҳо, инчунин ташаккули технологияҳои рақобатпазир имкон медиҳад. Инчунин, чораҳои таъсиси шароити зарур барои ташаккули институтҳои инноватсионӣ ва инфрсохторҳо (марказҳои инноватсионию технологӣ, паркҳои техникӣ, бизнесинкубаторҳо ва марказҳои трансфертҳои технологияҳо ва ғ.) пешбинӣ карда шудаанд. Сармоя барои татбиқи чорабиниҳо дар ин ҷанба аз ҳисоби васоити сармояи хориҷӣ ва фондҳои байналхалқӣ, корхонаҳои хусусӣ, васоити худии муассисаҳои илмӣ ба назар гирифта шудааст. Дар Тоҷикистон институтҳо ё ташкилоти фондҳои венчурӣ, ширкатҳои сармоягузориву

инноватсионӣ, бизнес-инкубаторҳо ва ғ., ки амалисозии трансформатсияи аввалиндараҷаи коркарди илмиву техникиро то татбиқ ба истеҳсоли оммавӣ вуҷуд надоранд. Қарори бештари пурсишномаҳои проблемаҳои илмӣ ва техникӣ бар дӯши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон вогузор карда шудаанд. Ҳамзамон, муҳим ба таъкид аст, ки дар кишвар институтҳои рушд ва олоти ҳавасмандгардонии фаъолият дар соҳаи инноватсия ба вуҷуд омадаанд.

Ба ин васила, дар заминаи татбиқи Стратегияи рушди инноватсионии Тоҷикистон сохторҳои зерин бояд таъсис дода шаванд:

- фонди миллии инноватсионӣ, ки ба ҳавасмандкунии маблағгузории венчурии лоиҳаҳои инноватсионӣ нигаронида шудааст;
- фонди махсуси сармоягузорӣ барои дастгирии молиявии ибтикори субъектҳои бахши хусусӣ дар рушди сегментҳои маҳсулоти тайёри иқтисодиёт;
- ширкатҳои инноватсионии лизингӣ, ки талаботи субъектҳои бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ дар таҷҳизот, техника ва технологияро қонеъ мегардонанд;
- ташаккули минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ё сегментҳои МОИ барои амалигардии лоиҳаҳои рушди инноватсионии индустриалӣ.

Ҳамин тариқ, дар системаи сохторҳои институтсионалӣ, ки бо модели нави инноватсионии рушди кишвар сохта шудаанд, шарикии давлат ва бахши хусусӣ нақши муҳим дорад.

**Адабиёт:**

[1] Қарори ҲҶТ «Дар бораи стратегияи инноватсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» аз 30 майи соли 2015 №354;

[2] Фролов Д.П. Эволюционная перспектива институциональной экономики России: монография / Д.П. Фролов; ГОУ ВПО «ВолГУ»; науч. консультант О.В. Иншаков. - Волгоград: Изд-во ВолГУ, 2008. - 462 с. С. 260;

[3] Иншаков О.В. Институциональность пространства в концепции пространственной экономики. /О.В. Иншаков, Д.П. Фролов. //Пространственная экономика. — 2007. — № 1. — С. 5-2;

[4] Макаров, В.Л. О математических моделях конкуренции между предприятиями. /В.Л. Макаров. //Экономическая наука современной России. - 2002. - №1. - С. 5-7.

[5] Закон Республики Таджикистан «О Технологическом парке» (от 21 июля 2010 года №629)

